ISSN 2226-9355

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа)
2018. №4 (32)

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических, исторических и философских наук)
2018. №4 (32)

BULLETIN
OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES
(the series of philological, pedagogical, historical and philosophical sciences)
2018. №4 (32)

Душанбе – Dushanbe

Муассис:
ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН
ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Паёми донишкадаи забонҳо» соли 2011 таъсис ёфтааст.
Маҷалла дар як сол чаҳор шумора бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.

Сармуҳаррир: Раҷабзода М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Ҷонишини сармуҳаррир: Маҳмадҷонов О. – доктори илмҳои филологӣ, профессор
Ҳайати таҳририя:
Раҳматуллозода С. – директори Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ, узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Зиёӣ Х. –** директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор; **Маҳмадҷонова М.** – муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор**;** **Шербоев С.** – узви вобастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ; **Худойдодов А. –** доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Ҷамшедов П. –** доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Исмоилов Ш. –** доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Исрофилниё Ш. –** доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Турсунов Ф. –** доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Восиева Р.-** доктори илмҳои филологӣ, профессор; **Азимзода Н. –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Шоев М. –** номзади илмҳои филологӣ**,** дотсент; **Шосаидзода С. –** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.

Шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сабти номи ташкилотҳои таъбу нашр № 031/МҶ-97 аз 29 январи соли 2018.

Учредитель:
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ИНСТИТУТ ЯЗЫКОВ
имени СОТИМА УЛУГЗОДА
Научно-теоретический журнал «Вестник института языков» основан в 2011г.
Журнал печатается четыре серии в год на таджикском и русском языках.

Главный редактор: Раджабзода М. – доктор педагогических наук, профессор
Зам.гл. редактора: Махмаджонов О. – доктор филологических наук, профессор
Редакционная коллегия:
Рахматуллозода С. – директор Института языка и литературы им. А. Рудаки, член корреспондент АН РТ, доктор филологических наук, профессор; **Зиёи Х.** – директор Института развития образования им. А. Джами АОТ, доктор философских наук, профессор; **Махмаджонова М.** – зам. директора Института философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова АН РТ, доктор философских наук, профессор; **Шербоев С.** – член корреспондент АОТ, доктор педагогических наук; **Худойдодов А.** – доктор филологических наук, профессор; **Джамшедов П.** – доктор филологических наук, профессор; **Исмоилов Ш.** – доктор филологических наук, профессор; **Исрофилниё Ш.** – доктор филологических наук, профессор; **Турсунов Ф.** – доктор филологических наук, профессор; **Восиева Р.** – доктор филологических наук, профессор; **Азимзода Н.** – доктор юридических наук, профессор; **Шоев М.** – кандидат филологических наук, доцент; **Шосаидзода С.** – кандидат педагогических наук, доцент.

Свидетельство о регистратции организаций, имеющих право печати в Министерстве культуры Республики Таджикистан № 031 /ЖР-97 от 29 января 2018 г.

© Паёми донишкадаи забонҳо, 2018
© Вестник института языков, 2018

БОЗТОБИ НОМВОЖАҲОИ СУБСТРАТӢ ДАР ОСОРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Маҳмадҷонов Олимҷон Обидҷонович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: 918 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

Қудратова Бунафша Абдунабиевна *– аспиранти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992)938024004*

Муаллифон дар мақола ҷойгоҳ ва мақоми вожаҳои забони адабии тоҷикиро аз назари рушди таърихӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додаанд. Дуруст аст, ки таҳлилу таҳқиқи вожаҳои таърихӣ дар осори классикон ва қиёси онҳо бо лексикаи забони адабии муосири тоҷик ва гуфтори омиёнаи минтақаҳои гуногуни кишвар барои муқаррар намудани рушду инкишофи вожаҳои таърихии забони тоҷикӣ саҳми босазое хоҳад гузошт.

Муаллифон дар заминаи маводи ба дастомада муқаррар намудааанд, ки бештари номвожаҳои таърихии забони тоҷикӣ, ки дар осори устод Ҷомӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, дар гуфтор ва гӯйишҳои мардумони манотиқи гуногуни Тоҷикистон то имрӯз доираи васеи истифода доранд.

Калидвожаҳо: *забони тоҷикӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, осори таърихӣ ва адабӣ, субстратҳо, лексикаи таърихӣ, таърихи забон, забонҳои эронӣ, диалектизмҳои таърихӣ.*

СУБСТРАТНАЯ ЛЕКСИКА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБДУРАХМОНА ДЖАМИ

Махмаджонов Олимджон Обиджонович *- доктор филологических наук, профессор, проректор по науке и инновации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (918) 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

Қудратова Бунафша Абдунабиевна *– аспирант кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел: (+992)938024004*

Авторы в данной статье рассматривают место субстратной лексики таджикского языка с точки зрения ее исторического развития. Указывается, что анализ исторической лексики в произведениях таджикско-персидских классиков, а также сопоставление с лексикой современного таджикского языка и диалектов различных регионов республики имеет огромное значение для определения развития исторической лексики таджикского языка.

Авторы на основе полученных материалов определяют, что большинство исторических лексем таджикского языка, использованных в произведениях Абдуррахмона Джами, сохранились и находятся в широком использовании диалектов и наречий различных регионов Таджикистана.

***Ключевые слова**: таджикский язык, Абдурахмон Джами, исторические и литературные произведения, субстраты, историческая лексика, история языка, иранские языки, исторические диалектизмы.*

SUBSTRATE VOCABULARY IN THE WORKS OF ABDURAHMAN JAMI

***Mahmadjonov Olimjon Obidjonovich** - doctor of philology, professor, vice-rector on science and innovations of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (918) 85 46 00 e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

***Qudratova Bunafsha Abdunabievna**– graduate student of department of the Theory and Practice of Linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone (+992) 938024004: (+992)938024004.*

The authors in this article consider the place of the substrate vocabularies of the Tajik language from the point of view of its historical development in the works of Jami. It is pointed out that the analysis of historical vocabulary in the works of Tajik classics, as well as comparison with the vocabulary of modern Tajik language and dialects of various regions of the republic is of great importance for determining the development of the historical vocabulary of the Tajik language.

The authors on the basis of the received materials determine that the majority of historical lexemes of the Tajik language used in the works of Abdurrahman Jami are preserved in wide use of dialects of various regions of Tajikistan.

***Keywords:** Tajik language, Abdurahman Jami, the historical and literary works, substrata, historical vocabulary, history of language, Iranian languages, historical dialectics.*

Забони осори гаронбаҳои мутафаккири бузурги асри XV Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ то имрӯз аз ҷониби забоншиносон ба таври ҳаматарафа мавриди тадқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст. Ҳатто ба таври иҷмолӣ аз назар гузаронидани забони осори панҷҷилдаи ӯ касро ба хулосае меорад, ки таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши забони осори ӯ барои омӯхтани таърихи рушду инкишофи забонҳои тоҷику форс дар асри XV дорои аҳамияти муҳим мебошад.

Абдураҳмони Ҷомӣ аз сарвати гаронбаҳои забони модарӣ ба хубӣ бархурдор буда, ганҷинаи сухани ниёгони худро бо як маҳорати баланди забондонӣ ва санъати олии сухандонию сухансанҷӣ дар офариниши осори пурэъҷози худ истифода намудааст. Забон ва услуби осори Ҷомӣ басо дастрасу мардумӣ буда, ба забони оммафаҳми халқҳои тоҷику форс наздику марбут мебошад. Ӯ дар истифодаи калимаю иборот ва таъбирҳои халқӣ устоди моҳири замони худ буда, услуби соддабаёнии гузаштагонашро то андозае идома додааст.

Чи тавре, ки таҳлили маводи гирдовардашуда нишон медиҳад, аксари калимаҳои истифоданамудаи шоири ширинкалом то имрӯз дар гуфтори мардумони тоҷику даризабонон, алалхусус дар гуфтори мардуми ноҳияҳои ҷанубӣ, ҷануби шарқии Тоҷикистону даризабонони Афғонистони муосир маъмуланд, аз ҷумла: паси пушт – қафо, пас (Л. М., 39), манзил гирифтан – ҷой гирифтан (Ҷ.І., 178), ба дард омадан - дарднок шудан (Ҷ. І., 178), хӯ гирифтан –

одат кардан (Ҷ II., 10), чашм андохтан – нигоҳ кардан (Ю. З., 201), хуш омадан – маъқул шудан (Ҷ. I.,335), дил гирифтан – дилтанг шудан (Ҷ. I., 355, 147), мазмун гирифтан – озмудан, даст додан – рӯй додан (Ҷ. II., 143), рафтан – рехтан (оид ба мӯй) (Л.М., 209), ёристан – тавонистан (Ҷ. I., 129, ҷ. II., 20), боз кардан -кушодан (Ю.З., 42), во кардан – кушодан (Ҷ. II., 270), уфтодан- афтодан (Л. М., 98), оруғ задан (Ҷ. III., 200), ғаш кардан – ба шӯр омадан, бетоқат шудан (Ҷ. II., 45), ба сари касе омадан – даъво карда омадан (208), соз кардан – дуруст кардан (Л. М., 83), рост кардан – дуруст кардан (Ҷ. II., 187), сар овардан – расидани ҷароҳат, кафидани варами ситам карда (Ҷ. II., 206), дам задан – гуфтан (Ҷ. II., 179), ба ҷои будан – дар азоб будан (Ҷ. I. , 189), қадам задан - рафтан (Л. М., 33), соз кардан – дуруст кардан (Л. М., 83), ҳилидан – гузоштан, бахшидан, озод кардан (Ҷ II., 268), задан – хӯрдан (Ҷ. II., 200):

Нони худ бо тараву дӯг занӣ,
Беҳ, ки аз хони шаҳ оруг занӣ.

Боз кардан – кушодан. Мондаст зи ҳайрат ҳамаро боз даҳонҳо [1, 16], во кардан – кушодан [3, 270], бад кардан:

Ҷузъ он ки меҳри туро ҷо ба ҷони х(в)ад кардаем,
Ту худ бигӯ, ба ҷои ту мо чӣ бад кардаем [3, 229]?

бе чиз набудан - бесабаб набудани ҳодисае, беасос набудан.

Мисол: *Нест бе чизе, ки булбул шуд чунин шайдои гул [3, 104].*

Шеб - нишеб (Л.М.,213), дад – ҷонвар, ҳайвон (Л. М., 213), ниҳеб - фиғон (Л. М., 213), бадра – ҳамён (Ю. З., 180), барг – тӯша, ризқу рӯзӣ (Л. М., 97), миёнчӣ – миёнарав (Л. М., 146), Худованд – соҳиб, хӯҷаин (Л. М., 119), бад- ин дастон – ин гуна, ҳамин тавр (Ҷ. II., 146), божгун – сарозер, чаппа (Л. М., 52), бор додан - иҷозат додан, роҳ додан (Ҷ. I., 19) ва ғайра.

Шумораи чунин навъи калимаю ифодаҳои гирдовардаи мо мувофиқи маводи куллиёти 5 – ҷилдаи шоир ба 19-20 адад мерасад, ки қисми зиёди онҳо ҳам барои хонандаи имрӯза фаҳмоанд. Мисолҳо:

Гар бор диҳад ба хотири хваш,
Сӯи худам он нигори маҳваш [5, 64].

Баъзе калимаю иборот ва таъбирҳо, ки дучори тағйири маъно гаштаанд, миқдоран зиёд нестанд. Ин қабил калимаҳо ба тағйири маънои луғавӣ ва грамматикӣ дучор шудаанд. Чунончӣ феълҳои донистан - тавонистан (Л. М., 142), печидан ба маънои феъли гузаранда – печонидан (Л. М., 176), андоидан – андова кардан (Ҷ. I, 45), баромадан - гузаштан (Ҷ. I., 45), гардид – гашт (Л. М., 38), аз чунин қабил калимаҳоанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар баробари он, ки луғати забони адабии замони худро кор бастааст, ба забони зиндаи мардум низ рӯ оварда, аз он бо камоли сухандонию сухансанҷӣ гуҳари маънидори калимоту ибороти шеваҳои даврони

худро сара карда, забони адабиро бою ғанӣ гардонидааст. Калимаю ибораҳои халқӣ барои пуробуранг ва барҷаста баромадани фикру андешаи шоир воситаи асосии тасвир гаштаанд. Чунончӣ, заҳра – ҷуръат, ҷасорат (Ҷ. I., 333), шӯша – шоха – шоха ях бастани оби новадонҳо дар зимистон, ки дар «Лайлӣ ва Маҷнун» - и Ҷомӣ ба маънои маҷозӣ истифода шудааст (Л. М., 164), бор – ҷисм, тану бадан:

Дар бораи ту тан ниҳода доим (Л. М., 32), гаронбор – вазнин (Ю. З., 101), сад раҳ – сад бор (Л. М., 152), як раҳ – як бор (Ҷ I., 381), боре ба маънои ҳиссачаи «охир» ва ё пайвандаки «вале» (Ҷ. I., 43), (дар шеваҳои ҷанубии муосир дар шакли воре), кореву боре – кору бор (Ҷ. II., 319), дов – навбат, маротиба, дафъа (Ҷ. II., 312) (дар шеваю гуишҳои чануби дар шакли «аввали дов» истифода мешавад), ҷангол (чангал) (Л. М., 166), кемухт – чиркин, қарқ баста (Л. М., 98), дар - дамзуд, дарҳол (Ҷ. I., 174), бар – ҳосил (Ҷ. II., 169), навола – луқма (Л. М., 149), дар гуйши деҳоти минтакаи Кӯлоб дар шакли «нола» истифода мешавад, риштатоб – ниҳояти лоғарӣ, харобӣ (Л. М., 163), коло – молу чиз, ашёи рӯзгор (Л. М., 175), арбада – хархашаву ҷанҷол (Х. И., 247, 287) дар шеваҳои Бухоро ва Нурато дар ҳамин маъно ҳоло ҳам маъмул аст. Бобо – падар (С. З., 47), нафир – садои мусиқӣ (С. З., 50), ганҷур – хазина (Л. М., 48), бонӣ – нигоҳубин (Л. М., 169), таф – гармӣ (Л. М., 139), тор (ак) (Х. И., 283), (Ю. З., 63), ваид – ваъда (С. З., 80), миод – ҷои ваъдагӣ (Ҷ. I., 95), дегдон - оташдон (С. З., 18), фан – фиреб (Ҷ. I., 312), микроз – қайчӣ (Ҷ. I., 405), ба ҷои - дар ҳаққи, нисбат ба (Ҷ. II.,142), якборагӣ – дарҳол (Ҷ. II., 165), харпушта – хонаи бомаш дупӯш, хайма (Х. И., 320), омурзиш – раҳмат, бахшиши гуноҳ (Ю. З., 227), лахте – порае, қисме (Л. М., 139), баҳри – барои (Ҷ. I.,232, Ҷ. II., 58), дами сур – рӯзи ҷазо (Ҷ. I., 352), доғу дурӯш – гарму тарош (Л. М., 119), дидасахт – беҳаё ва беор (Х. И., 308), табхола – табхол (Ҷ. I., 317), девлох – чарогоҳ (Л. М., 317), ҷалд – ҷусту чолок (Л. М., 192), дилталхӣ – ношодӣ, ғамгинӣ (Ҷ. I., 312), бахш – қисм, ҳисса (С. З., 18) тамуз – гармои тобистон (Л. М., 207), рӯсахтӣ – беҳаёӣ, дуруштгуфторӣ (Ю. З., 155), изо – ҳаё, шарм (С. З., 29), аъҷуба – чизи тааҷубовар (Л. М., 151), оташкада – ниҳояти гармӣ (Ҷ. I., 137) ва ғайра.

Чанд мисолро аз осори Ҷомӣ меоварем, ки дар шеваҳои имрӯза маҳфуз мондаанд:

Боре: 1. Гар ёр ба даст нест боре,
Гирам нишони ӯ қароре [5, 143].

2. Хушҳол ту дар гамам, ки боре
Гуфтан донӣ ба гамгусоре [5, 144].

Ба ҷои – барои: Ҷуз он, ки меҳри туро ҷо ба ҷони хвад кардаем,
Ту худ бигӯ, ба ҷои ту мо чӣ бад кардаем? [3, 229]

Риштабоб – логар: Ҳарҷо бинанд риштабобе,
Бар гарданашон бувад танобе [5, 8].

Ҷалд – чаққон, чолок: Бас рӯбаҳи ҷалди кордида,
К- аш захми ту пӯстиндарида [5 195].

Гуфт эй зи ту дар сияхгилеме,

Равшан шуда оташи калиме [5, 199].

Девлох – чарогоҳ: Шавад одамиро дар ин девлох,
Зи омурзиш асбоби рӯзи фарох [5, 317].

Дам назадан – хомӯш будан:
Ҷомӣ, он шӯх ба хунрези ту гар тег кашид,
Адаб он аст, ки гардан ниҳиву дам назанӣ [3, 477].

Як раҳ – як маротиба, як дафъа
То рухи пургарди худ соем бар хоки дараш.
Як раҳаш дидему ақлу дину дил барбод шуд,
Вой ҷони мо, агар бинем бори дигараш [1, 381].

Гаронбор – вазнин:
Зи фарбеҳ, думбаҳо яксар гаронбор,
Ба роҳ азбас гаронӣ нармрафтор [4, 245].

Коло – чизу ашё:
Рахна кардӣ дил ба қасди ҷон мани девонаро,
Дузд, оре, баҳри коло мешикофад хонаро [1, 37].

Ҷомии бузург на танҳо аз унсурҳои лексикии тайёр, калимот ва ибороти мавҷудаи забон бо маҳорати забондонӣ истифода бурдааст, балки зимни қолабу воситаҳои калимасози забони модарӣ воҳидҳои луғавии нав офарида таркиби луғавии забони модариашро беш аз пеш такмилу инкишоф додааст.

Пешванду исм	Пешоянду исм	Сифату пасванди – тар, – ак	Исму пасванди - ваш
бе – ваид бе – барг	дар дам – зуд ба ҷои – барои	пур – тар – ак	фарход – ваш ғунча – ваш
исм ва пасванди – а	асосҳои зам. ҳоз. пасванди. – ӣ	исм ва пасванди – гоҳ	
навол – а тоб – а	бон – ӣ	хайма – гоҳ	
исму пасванди – ол	пешванди исму пасванди – ӣ		
чанг – ол	бе – қимат- ӣ		
сифат ва пасванди – вор	асоси зам. гуз. пасванди – иш	исм ва пасванди – нок	исму пасванди – ак
бегона – вор	гард – иш	дард – нок	тор – ак
	исму пасванди - ӣ	исм, сифат, пасванди - ӣ	исму пасванди – дон
	қир – ӣ	дил – талх – ӣ	дег - дон

Дар осори Ҷомӣ исмҳои мураккаби навъи тобеи сифату исм сохташудаи бадхӯ, хушкдору, хушоҳанг, дурустпаймон, табларза, гаронбор, аз исму сифат сохташудаи ғамобод, дидасахтӣ, рӯсахт, торакбаланд, аз исму сифати

сохташудаи сафар карда, оташкада ва аз исму исм сохташудаи хамирмоя, шикоркор, инчунин аз исму асоси замони ҳозираю суф. – ин сохташудаи обгир, дилкаш, хунрез, ҷонофарин, деворнишин, шавқпардоз, сарандоз, аз сифату замони гузаштаи феълсохташудаи божгунагард, аз исму замони гузашта сохташудаи обовард, риштатоб, аз сифату асоси замони ҳозира сохташудаи вайронанишин, навхез ва аз исми мураккабу пасванди – ӣ сохташудаи дилталхӣ хеле зиёд истифода бурда шудаанд.

Исмҳои мураккаби навъи пайвасти бо роҳи такрори реша: шох – шох, пушта – пушта, хор – хор аз такрори решаву пешоянд сохташудаи фарсанг дар фарсанг, аз исму садоноки - у ва исм сохташудаи тоҷику турк, миоду маош, кореву боре, навъи омехтаи беқиматӣ, инчунин аз такрори решаву садоноки - о сохташудаи саросар ва аз такрори решаву пасванди -а сохташудаи кӯҳ – кӯҳа низ хеле маъмул мебошанд.

Истифодаи калимаҳои зидмаъно забони асарҳои Ҷомиро ҷозибу рангин намуда, барои барҷаста ифода намудани фикр ёрӣ расонидаанд. Масалан, басомадан ва баснаомадан, шаб ва рӯз, дидаи рост ва ҷо рост кардан ва ғайра дар ифодаи маънӣ як зебоӣ, муҳҷазӣ ва хушоҳангиеро ба амал овардаанд:

1. Ҷомӣ, макун бас аз меҳри хубон,
Чун бо дили худ бас менаоӣ [3, 349].

2. Худованди борит, ки шаб мебарад,
Чу шаб мебарад, рӯз меоварад [5, 324].

3. Дидаи рост сазад ҷои хироми чу туе
Ранҷа фармо қадам, эй сарв, ки кардам ҷо рост [1, 188].

4. Дил пур аст аз захми шамшери бало рӯзи фироқ,
Ҳамчун он пурдил, ки захм андар шабе хун меҳӯрад [1 338].

5. Аз фусунҳо шуд фузун сӯзи ман аз дамҳо, ки ӯ,
Бар дили ман медамад, гӯи, дар ахтар медамад [1, 334].

Дар ашъори Ҷомӣ идиома, мақол ва зарбулмасалҳои пурҳикматеро дучор омадан мумкин аст, ки далели аз сарчашмаи саршори эҷодиёти даҳанакии халқ аз забони зинда сероб гардидани забони осори Ҷомӣ мебошад. Чанде аз онҳоро ба тариқи мисол хоҳем овард…

Ҷон тани фарсударо бо ғами хичрон гузошт.
1. Тоқати меҳмон надошт. хона ба меҳмон гузоштю [1, 194].

2. Магасе афтадаш ба коса дарун,
Номакида наяфганад берун [4., 23].

3. Шохи бемева кашад сар ба қиём,
Шохи пурмева шавад хам ба салом [4, 103].
Идиомаҳо:

1. Гар бехудие кунам, чӣ чора,

Ман одамиям, на санги хора [5,44]!

2. Кас ҳамнафасам набод бе ту,
Парвои касам набод бе ту [5, 46].

3. Гар умр бувад дигар биёям,
Бо по раваму ба сар биёям. [5, 66].

4. Ҷомӣ, агар на ошиқӣ, дар раҳи некувон чаро,
Дил ба ду ним мондаӣ, дида чаҳор кардаӣ [3, 422].

Аз калимаҳое, ки хоси забони форсӣ мебошанд, ҳамагӣ се мисол ба даст омад, ки аз таркиби ту ба ту – таг ба таг ва калимаи улоғҳар иборат аст: либоси ту ба ту пӯшид дар бар [4, 272].

Муқоиса ва муқобалаи маводи гирдомада нишон дод, ки баъзе аз воҳидҳои луғавии дар осори Ҷомӣ мустаъмал аз «Фарҳанги осори Ҷомӣ» (Душанбе, 1983) берун мондаанд, ба монанди калимаи «дилталхӣ» ба маънои андӯҳгинӣ, таркиби «дар дам» ба маънои зуд, дарҳол, «бобо» ба маънои шикорчӣ ва ғайра, ки дар шеваи ҷанубӣ, ҷануби шарқии муосир бо маъноҳои мазкур дар истифода мебошанд.

Ҳамин тариқ, омӯзишу таҳқиқи хамаҷонибаи забони осори Абдураҳмони Ҷомӣ барои омӯхтани таърихи инкишофи лексикаи забони адабиёти классикӣ ва диалектологияи таърихии забони тоҷикӣ аҳамияти бағоят бузург дорад ва ин кори оянда хоҳад буд.

Адабиёт

1. Абдурамони Ҷомӣ. Ғазалиёт. – Ҷ.1. – Душанбе: Ирофн, 1964. – 422 с.
2. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. – Ҷ. 1: Девони аввал «Фотиҳат-уш-шубоб» /Ба чопҳозиркунанда А. Аълохон. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 560 с.
3. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. – Ҷ. 2: «Фотиҳат-уш-шубоб» / Ба чопҳозиркунанда А. Аълохон. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 576 с.
4. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. – Ҷ. 4: «Субҳат-ул-аброр», «Юсуф ва Зулайхо» /мураттибон З. Аҳрорӣ, М. Мамедова. – Душанбе: Адиб, 1988. – 384 с.
5. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. Дар ҳафт ҷилд. – Ҷ.5. «Лайли ва Маҷнун», «Хирадномаи Искандарӣ» /Ба чоп ҳозиркунанда А. Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 1988. – 384 с.

ОСНОВНОЙ СПОСОБ ПОПОЛНЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ КОМПЬЮТЕРНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ

Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич *– кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой английской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 918202394*

В статье речь идет о вопросах заимствования как основного способа пополнения национальной компьютерной терминологии. Рассматриваются вопросы объективного характера некоторых слов и терминов, которые, будучи заимствованными, постепенно стали адаптироваться в языковой среде.

Ключевые слова: *заимствования, язык, лингвистика, термин, лексика, компьютер, техническая терминология, структура и семантика.*

УСУЛИ АСОСИИ ҒАНӢ ГАРДИДАНИ ИСТИЛОҲОТИ МИЛИИ КОМПЮТЕРӢ

Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич *– номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6, тел.: (+992) 918202394*

Дар мақола масъалаи иқтибос ҳамчун усули асосии ғанӣ гардидани истилоҳоти миллии компютерӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Инчунин, хусусиятҳои баъзе калимаву истилоҳот, ки ба таркиби луғавии забон ворид шудаанд ва бо мурурри замон ба муҳити забонӣ мутобиқ гардидаанд, баррасӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: *иқтибос, забон, забоншиносӣ, истилоҳот, лексика, компютер, истилоҳоти техникӣ, сохтор ва маъно.*

THE MAIN WAY TO REPLENISH THE NATIONAL COMPUTER TERMINOLOGY

Musoyamov Zubaydullo Muminshoevich *- candidate of philology, associate professor, head of English philology chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. phone: (+992) 918202394*

The article deals with the issues of borrowing as the main way to replenish the national computer terminology. Also are considered the problems of objective character of some words and terms which, being borrowed, gradually began to adapt in the language environment.

Keywords: *borrowings, language, linguistics, term, vocabulary, computer, technical terminology, structure and semantics.*

Внешний способ количественного пополнения словарного состава языка – *заимствования слов из других языков.* Заимствованием лингвисты называют процесс перемещения различных элементов из одного языка в другой. Под этими элементами понимаются единицы всех уровней структуры языка – лексики, морфологии, синтаксиса, фонетики. В большинстве случаев заимствованные слова попадают в язык как средство называния новых явлений и выражения

ранее неизвестных понятий. Заимствованные слова могут также выступать в роли вторичных наименований уже известных предметов и явлений. Это происходит, если заимствованное слово по-иному характеризует предмет, когда слово является интернациональным термином либо внедряется в язык принудительно. Многозначные слова обычно заимствуются в одном из своих значений, объем значения при этом, как правило, сужается.

Роль заимствований в национальных языках неодинакова и зависит от национально-исторических условий развития каждого языка. Именно в терминологии компьютерных технологий наиболее ярко проявляются процессы, происходящие при интернационализации терминов. Заимствование из английского языка – основной способ пополнения терминологии профессионального подъязыка компьютерной информатики в национальных языках, что подтверждается частичной ассимиляцией заимствованных терминоэлементов и терминоединиц и их участием в номинационных процессах. В целом заимствования отражают самые очевидные области влияния английского языка: спорт, политика – а в последнее время отмечается рост терминов в сферах технологии и экономики. Семантическая составляющая этого влияния в целом сопоставима для национальных языков, однако её лингвистическое обеспечение имеет специфические различия, особенно в разносистемных языках, какими собственно и являются русский, с одной стороны, а английский и таджикский языки- с другой.

Словообразовательная адаптация определяется как перенос способов и моделей терминообразования из языка–источника в язык–реципиент и последующее морфологическое и семантическое приспособление иноязычного термина к новым условиям. На наш взгляд, процессы заимствования отчасти необходимо рассматривать как положительное явление в силу возможности использования единого названия для общего понятия и последующей международной унификации. Исконные и заимствованные термины имеют свои плюсы и минусы. К положительным качествам исконного термина относят его мотивированость, поскольку семантическая структура термина понятна носителю языка и вызывает четкий ассоциативный ряд. Однако это же свойство является и его недостатком, поскольку является причиной нечеткости границ выражаемого научного понятия и стимулирует многозначность. Заимствованный термин, напротив, не ассоциируется с обычной лексикой, его значение четко определено. Однако заимствованный термин в силу этих причин непонятен носителю языка. Поэтому в национальном языкознании нет общего мнения о допустимом количестве специальной лексики и общепринятой терминологии для ее номинации. В этой связи следует отметить, что, как было показано выше, сам английский язык убедительно демонстрирует свою готовность к заимствованиям.

Рассматривая языковые особенности заимствованных терминов программного обеспечения, мы пришли к такому выводу, что данную группу слов можно классифицировать и разделить по определенным лексическим группам в соответствии с классификацией Э. Хаугена, которая признается наиболее удачной и большинство последующих классификаций также выделяют те основные типы заимствования данной классификации [1.a.i.6, 352–354].

Лексическое заимствование слова (loanwords) обычно называют первой ступенью иноязычного влияния. Следует отметить, что словосочетание «англоязычный термин» в настоящей работе употребляется для всех терминов

компьютерной технологии, пришедших из английского языка, вне зависимости от этимологии термина, например, «меню» – происходит от лат. menu «меню», древне латинского языка – minutus «маленький, мелкий».

Lonwords – заимствование термина в исконной форме. В работе нами приведено большое количество английских заимствований в современном таджикском языке, употребляющихся без переводной аналогии в своей прежней структуре и форме. Например: *module – модуль – модул (воҳид, паймона), office – офис – офис, internet – интернет – интернет (Internet), menu – меню – меню (феҳрист), site – сайт – сайт (сомона), (computer) utility – утилита – утилита (барномаи хадамоти компютерӣ), driver – драйвер – драйвер, file directory – директория файла – директорияи файлӣ (роҳнамои парванда), web browser – веб браузер – web–браузер (бозрасномаи шабакавӣ), protocole – протокол – протокол (қарордод), virus – вирус – вирус, model – модель – модел (намуна, навъ), byte – байт – байт (ҳичо), bitbybit – бит за битом – бит ба бит (бит паси бит), flesh – флэш – флеш, serial – серийный – сериол (навбати), service – обслуживание – сервис (хадамот), setup – установка – сетап (барпосози), integrated – интегральный – интегралӣ, system (analyst) – системотехник – таҳлилгари систем (системавӣ), interface – графический интерфейс (пользователя) – интерфейси (корванди) графикӣ.*

При вхождении в таджикский язык заимствованное слово может употребляться, не изменяя свой графический облик (т.е. латиницу на кириллицу); *Xerox, BIOS, CDROM, UPS, Microsoft, Word, Excel, Access, Backspace, Delete, Tab.* Приведем несколько примеров заимствованной терминологии программного обеспечения, почерпнутых из вышеприведённых источников, в контексте описания функций и задач компьютерных программ на таджикском языке, приводится полная графическая форма английских терминов в английском алфавите и при этом следует отметить, что данные термины в современном таджикском языке могут сохранять такую же графическую форму в определенный период своей лексической, а также графической адаптации - «Барои идора кардани дарозии майдонҳои матнӣ ва миқдори аломатҳое, ки корбар метавонад дар онҳо ворид кунад, аз атрибутҳои **size** ва **maxlength** истифода кардан мумкин аст; Шабака методи дастрасии ҳалқаи маркериро истифода намуда, дар фарқият аз **TokenRing** системаи **FDDI** барои интиқоли ахбор на як ҳалка, балки ду ҳалкаро истифода менамояд; Барои чидани ҳарфи калон тугмачаи **«Shift»**–ропахш карда истода, ҳарфи даркориро пахш кардан лозим аст; Барномаи PowerPoint монанди барномаҳои **Word Excel** ва **Access** ба дастаи барномаҳои **Office**–ӣ дохил мешавад ва дар вақти шинонидани барномаҳои **Office–**ӣ дар компютерҳо ба қатори барномаҳои номбурда пешниҳод мешавад; Ба он таваҷҷӯҳ зоҳир созед, ки пеш аз номи методи **Line** ва инчунин пеш аз номи хосияти **DrawWidth** номи объект навишта нашудааст» [1.а.і.11, 23]. как видим термины типа «Shift», «Office», «Exel», «Word», графически в текстах таджикского языка употребляются в английском варианте и иногда в обиходном тексте приводятся как «шифт», «оффис», «экзел», «ворд» и данный процесс является началом адаптации данной группы терминов в современном таджикском языке.

Таким образом, фонетико–графическое освоение англоязычной терминологии компьютерной информатики протекает в направлениях, присущих общей адаптации иноязычных слов в национальных языках: происходит замена

английских звуков на фонетически близкие звуки национального языка – *ҳалли муодилаи дифференсиали бо усули Эйлер, модели компютерии капитал дар DELPHI, капитал ҳамчун мафҳуми иттисодb ва омили истеҳсолот, модели капитал ва барномасозӣ бо назардошти функсияи Кобба–Дублас*;

Заимствованный термин, сохраняя англоязычное произношение слова, может не в полной мере соблюдать эквивалентность его написания. Здесь отличия в целом касаются выделенных нами парных букв (*тра**ф**ик – tra**ff**ic, скр**и**нинг – scr**ee**ning, инжин**и**ринг – engin**ee**ring*).

О несоответствиях при написании термина через дефис нами отмечалось выше. В национальном языке (русском, таджикском) могут возникать вариации: *high–tech– хайтек; timeout – тайм–аут; on–line– онлайн; log–on(in) – логон (логин), log–o**ff** – лог оф*.

Отметим также случаи, когда в национальных языках возникает иное написание заимствованного термина, т.е. появляется графическая и фонетическая вариативность, например: *flesh – флэш – флеш, notebook(computer) – ноутбук – ноутбук, diske**tt**e – дискет**а** – дискет, cartridge – картри**дж** – картре**ч**, model – модел**ь** – модел, console – консол**ь** – консоли т.д.* Причем, последние примеры связаны с не столь отдаленными изменениями, произошедшими в таджикской орфографии***: из алфавита исключены буквы ц, ы, щ, ь, (дж), замененные соответственно на с, и, ш, ч***. Нам представляется, что в силу известных причин, а также распространения Интернет, терминосистема компьютерных технологий в своем дальнейшем развитии будет стремиться к использованию терминологии напрямую из английского языка.

Таджикский язык, частично сохраняет латинскую графику, кроме того, слова–термины в силу присутствия сходных фонем, в отличие от старого произношения произносятся на английский манер: *joystick – ҷойстик (дастаи бозӣ – джойстик), jumper – ҷампер (симчаи иттисолкунанда); – джампер (перемычка) (h – г – ҳ) hertz – герц – ҳертз, hypercard – ҳиперкорд – гиперкард*.

Таким образом, в результате проведенного анализа можно сделать вывод, что при заимствовании материальной формы термина в таджикском языке наблюдаются менее значительные отклонения (в силу фонетико–графической близости, а также единства системы языков) от их английского прототипа, чем в русском языке.

За последние десятилетия в национальных языках появляется большое количество переводов английских терминов (loanshifts). Также влияние английского на словообразовательную систему заимствующего языка проявляется в возросшей активности аббревиатурного и телескопического образования с участием англоязычных основ (QBASIC, CPU, ICQ), а в некоторых случаях в привлечении различных английских (грамматических и неграмматических) конструкций: (*warmstart – шурӯъи гарм – горячий запуск; editor–loader – виростор–боркунанда – редактор–загрузчик*). Как уже отмечалось, помимо прямого заимствования и калькирования, влияние английского языка проявляет себя в метафорическом переносе (расширение значения), например: *datasheet – варақи додаҳо, саҳифаи додаҳо – страница данных*.

Loanshifts – заимствования–сдвиги или их можем назвать калькированием. Согласно нашим наблюдениям, калькирование является одним из самых востребованных способов заимствования национальной терминологией компьютерной информатики в таджикском языке. [1.a.i.2, 47] дает следующее

определение: «Образование новых слов путем буквального перевода иноязычных слов, а также появление в языке новых синтаксических моделей, заимствованных из другого языка». Термин «калька» происходит от французского слова *calque*= копия на прозрачном листе. Калькирование – способ создания нового слова, при котором из иностранного языка берется значение (содержание), а из родного – форма (способ выражения).

Традиционно кальки делят на семантические и лексические (словообразовательные). Семантические кальки – это, как правило, национальные слова, которые в результате калькирования принимают значение иноязычного слова. С точки зрения структуры, семантические кальки обычно состоят из однословных терминов: *download(ing) – фаровир, бор кардан (ба хофиза – загрузка); driving – рондан, ангезиш, роҳандозӣ – управление, запуск; cycling – даврзанӣ, чархазанӣ – циркуляция, циклирование; game – бози – игра; key – калид, тугма – клавиша, ключ; keyboard – тапишгоҳ, сафҳакалид – клавиатура; mouse – муш – мышь; pool – анбора, манбаъ – накопитель, пул; memory – хофиза – память, password – рамз – пароль* и т.п.

Семантическое терминообразование – это достаточно традиционный и продуктивный способ создания специальной национальной терминологии. Он заключается в развитии в уже существующем национальном слове нового, вторичного значения. При этом зачастую терминообразование происходит в результате расширения значения исходного слова, когда оно сочетается с калькированием: *memory – хотира, ҳофиза – память; mouse – муш – мышь; erase – пок кардан –стереть*.

Начальный этап лексико–семантической адаптации заимствованных единиц характеризуется некоторой размытостью границ значения, возможностью одновременного сосуществования заимствования и национального термина. При последующей адаптации термина происходит либо деградация исконного термина, либо изгнание заимствованного термина. По мере дальнейшей адаптации трансформируется значение термина. Окончательным этапом адаптации заимствованного слова можно считать появление его в национальных словарях. Главным фактором образования семантических калек считают наличие общих семантических звеньев у лексических единиц контактирующих языков.

Рассмотрим это на конкретном примере. Термин «*memory*» (хотира, ҳофиза – нами отмечены случаи равно частотного употребления обоих слов для выражения данного понятия) в таджикской терминологии компьютерной информатики относится к семантическим калькам. Слово принимает свое новое лексическое значение. Компьютерное значение пришло из английского языка-происходит расширение семантики слова:

1) способность к воспроизведению прошлого опыта;
2) устройство хранения данных;
3) объект, связанный с памятью о ком, чем – либо.

Слово – источник – английское *«memory»*. «Память» – запоминающее устройство компьютера, функциональная часть ЭВМ, которая установлена для хранения и осуществления операций с информацией. «Память» подразделяют на оперативную и внешнюю. Существительное *memory* было заимствовано в английском из латинского «memoria». Современное значение термина компьютерной информатики появилось предположительно в 1946 году, когда происходит расширение его семантики в английском языке. В английском языке

существительное реализуется в форме среднего рода и приобретает форму единственного и множественного чисел. Слово *memory* в английском языке во всех своих значениях неодушевленное: «*Everything stored in the memory of a computer can be copied on to removable diskettes*» – *ҳамаи чизҳо дар хотираи компютер нигоҳдори мешавад ва метавонад ба дискҳо гузаронида шаванд – все, что хранится в памяти компьютера, может быть скопировано на съёмные дискеты*. В английском языке существительное *memory* часто употребляется в контексте с доминантной лексемой *computer*.

Нам не известно точное время расширения семантики слова в таджикском языке, однако можно предположить, что семантическая калька образовалась при посредничестве русского языка в 90–ые годы XX века. По нашим наблюдениям, термин во множественном числе (напр. хотираҳо) используется в данном значении очень редко. Изначально термин употреблялся только как профессионализм, однако с распространением компьютеров прочно вошел в терминологический пласт. Основываясь на анализе частотности употребления данных слов, можно сделать вывод, что семантическая калька «*хотира, ҳофиза*» [1.а.і.5,107] в терминологическом значении таджикским языком еще не усвоена в той мере, как в английском языке слово–источник, о чем собственно свидетельствует наличие данной «дублетности». Явление дублетности, периодически проявляющееся в терминологии компьютерной информатики, доказывает необходимость исследования отраслевых терминологий в русле социолингвистического подхода, который позволяет глубже проникать в суть исследуемого подъязыка.

Лексические кальки, построенные по английским моделям: *quick–operating – зудкор, шитобкор – быстродействующий; disk drive– дискрон – дисковод; preamplifier – пешпурқувваткунанда – предусилитель; prenormalization – пешҳанҷорсозӣ – преднормализация; priority-oriented – увлавиятгаровӣ – приоритетный; regeneration – навсозӣ – восстановление; relocatable – ҷобаҷошпазир – перераспределяемый; replicate – нусхабардорӣ (кардан)– дублировать; subkey – зеркалид – подключ, sublayer – зерсатҳ – подуровень; subprocessor – зерпардозанда – подпроцессор; multiprocessor (system) – системи – мультипроцессорная система чандпардозандаӣ, multiway – бисёрмаҷро – многоканальный* и т.д. В таджикском языке термины – *многоканальный, мультипроцессорная, подпроцессор, предусилитель* и подобные им, построены по англоязычной модели, путем замены основы и приставок соответствующими им национальными основами и аффиксами. Например, термин «зеркалид» образуется путем замены приставки «sub–» префиксом «зер–» и основы «key» словом «калид» (ключ).

Выше приведены примеры однословных калек, однако в эту группу могут быть включены и многословные сочетания, представляющие перевод англоязычного термина, например: *reentry point – нуқтаи боздохилшавӣ – точка повторного вхождения; rekeying – вуруди дубора таввасути сафҳаи калид – повторный ввод с клавиатуры; tape library – китобхонаи наворӣ – ленточная библиотека; target program – барномаи ҳадафӣ – целевая программа; unrecoverable error – хатои ислоҳнашаванда – невосстанавливаемая ошибка; relational database – пойгоҳи додаҳои робитаӣ – реляционная база данных; knowledge base – пойгоҳи додаҳо – база знаний; impact printer – чопгари зарбаӣ – печатающее устройство ударного типа; numericpad – тапишгоҳи ададӣ – цифровая клавиатура*.

Обширно представлены в таджикском языке также полукальки, состоящие из национального и иноязычного элементов.

Loanblends – смешанное заимствование, гибриды (заимствуется содержание при частичном заимствовании формы, то есть в слове сочетаются иноязычные и исконные морфемы), к этой группе можно отнести и словосочетания: *millimicrosecond – миллимикросекунда – миллимикросония; hypertext – ҳиперматн – гипертекст; temporaryfile – файли муваққатӣ – временный файл; cachememory – ҳофизаи кеш – кеш-память; graphical user interface – воситаи корванди графикӣ – графический интерфейс пользователя; graphic language – забони графикӣ – графический язык; graphicsassistant – ҳампардозандозаи графикӣ – графический сопроцессор; magnetic tapecode – рамзи навори магнитӣ – код магнитной ленты; diskoperating system системи омили диск – дисковая операционная система* –и т.д. Последние из представленных примеров можно отнести и к фразеологическим калькам – устойчивые словесные блоки, возникшие в результате пословного перевода иноязычного прототипа в перенявшем их языке [1.a.i.4]. Некоторые лексемы невозможно однозначно отнести к разряду смешанных лексических калек, в виду того, что такие слова, как *магнитный, диск, система, графический* были заимствованы в национальные языки еще до распространения компьютерных технологий. Сегодня эти слова оказались заново востребованными, т.е. переосмыслены и актуализированы в сфере компьютерной информатики.

Интересный факт, что в подсистеме «Windows и Office» в таджикском языке очень часто употребляются как *pure loanwords* из английского, так и *loanshifts* – русские кальки из английского (без вторичного перевода на таджикский язык.

Все это, на наш взгляд свидетельствует о незавершенности процесса формирования данной подсистемы в таджикском языке, сильном влиянии русского языка, а также об адекватности русскоязычного калькирования. Напротив, в случае с терминологией программного обеспечения нам важно признать, что связанные с ним заимствования необходимы не только программистам, но и пользователям, число которых с каждым днем все растет. Нам следует отметить, что заимствования из русского и английского языков, относящиеся к терминологии компьютерных технологий, часто изначально употребляются без перевода, но с фонетической адаптацией системе таджикского языка. При этом необходимо принимать во внимание национальные традиции и нормы их передачи, а в дальнейшем выбрать подходящий национальный эквивалент, благо, что таджикский язык располагает весьма широкими возможностями для этого. Поэтому одна из основных задача национальной лингвистики заключается в том, чтобы отделить зерна от плевел и использовать именно ту лексику, которая наиболее способствует развитию национального языка.

Добавим, что заимствование лексики может идти *устным* и *письменным* путем. В случае заимствования устным путем слова скорее ассимилируются в языке, а при заимствовании письменным путем, слово дольше сохраняет свою фонетическую и грамматическую специфику.

Главным условием реализации процесса заимствования является наличие контакта языков, и как следствие, двуязычие говорящих, поскольку «именно из среды билингвов слово нередко получает дальнейшее распространение» [1.a.i.3, 132]. Как нами было показано на примерах, заимствование может идти через

язык–посредник. Например, большинство отраслевых заимствований в таджикский язык до недавнего времени шло именно посредством русского языка.

Основной внешней причиной заимствований является наличие тесных связей между носителями языков, влияние культур, упрощение международного контакта; авторитетность языка, языковая мода и т.п. К внутренним причинам заимствования относятся: потребность в наименовании нового понятия или предмета, потребность в специализации, тенденция к использованию одного заимствованного слова вместо описательного оборота, стремление к устранению омонимии и полисемии в национальном языке.

Национальная литература по компьютерной информатике свидетельствует о том, что семантическое заимствование или калькирование играет одну из основных ролей в развитии терминологии таджикского языка. В таджикской терминологии программного обеспечения достаточно широко представлено полное калькирование термина, что объясняется историей развития данной сферы в Таджикистане. Поскольку калька заимствует лишь смысловую и словообразовательную структуру иностранного слова, структура и семантика термина (английского, русского или интернациональных терминов) не соотносятся в сознании обывателя с какими–то иными значениями и функционируют в соответствии с требуемой от них прагматикой. Таким образом, использование иноязычных терминоэлементов и заимствованных слов не является препятствием научного общения, так как научной терминологией пользуются люди, имеющие определённое образование. Эти термины достаточно быстро приспосабливаются к национальной терминосистеме и проходят свою дальнейшую адаптацию и ассимиляцию с помощью словообразовательных средств таджикского языка.

Литература

1. Бабич, Г.Н. Лексикология английского языка /Г.Н. Бабич. – М, 2005. – 176 с.
2. Краткий словарь лингвистичеких терминов. – М., 1995. – 180 с.
3. Крысин, Л.П. Толковый словарь иноязычных слов. – М., 2000. – 856 с.
4. Наумова, И.О. Фразеологические кальки английского происхождения в современном русском языке: автореф. дис. канд. филол. Наук /Наумова Ирина Олеговна. – М., 1982. – 17 с.
5. Розӣ, Т. Вожаномаи компьютерӣ /Т. Розӣ. – Душанбе, 1995. –141 с.
6. Хауген, Э. Процесс заимствования /Э. Хауген // Новое в лингвистике, вып. 6. – М.: Прогресс, 1972. – 382 с.
7. Персидско–русский словарь. Т.1. Ю. А. Рубинчик.–М.: Рус., яз., 1983. – 800 с.
8. Джураев, Т.К. Отраслевая техническая терминология таджикского языка (в сопоставлении с русским, персидским и дари): Автореф. дис. д-ра.филол. наук. – Душанбе, 2009. – 48 с.
9. Лотте, Д.С. Основы построения научно-технической терминологии. – М., 1961. – 158 с.
10. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони точикӣ дар садаи XX. -Душанбе: Донш, 2004. – 302 с.
11. Забони барномасозии Visual Basic 6.0: дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ. – Душанбе, 2011. – 225 с.

ҲОДИСАҲОИ ИНТЕРФЕРЕНСИОНӢ ДАР НУТҚИ ТОҶИКИИ ШОГИРДОНИ МАКТАБҲОИ НОҲИЯИ ШУҒНОН

Шосаидов Акбаршо Олимшоевич *- муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 934113854*

Дар мақола масъалаи интерференсионӣ дар нутқи тоҷикии хонандагони мактабҳои ноҳияи Шуғнон, ки забони модарияшон аз ҷумлаи забонҳои бехат– забони шуғнонӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф сабабҳои асосии содир гардидани хатоҳои интерференсионӣ дар нутқи тоҷикии хонандагони мактабҳои ноҳияи мазкурро муайян намуда, вобаста аз фарқиятҳои дар сохтори онҳо мавҷудбуда, онҳоро гурӯҳбандӣ намудааст.

Калидвожаҳо: *ҳодисаи интерференсия, забони тоҷикӣ, забони шугнонӣ, дузабонӣ, сохтори забон, бисёрзабонӣ.*

ИНТЕРФЕРЕНЦИОННЫЕ ЯВЛЕНИЯ В ТАДЖИКСКОЙ РЕЧИ ВОСПИТАННИКОВ ШКОЛ ШУГНАНСКОГО РАЙОНА

Шосаидов Акбаршо Олимшоевич **-** *старший преподаватель кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел: (+992) 934113854*

В данной статье рассматриваются проблемы интерференционных явлений в таджикской речи воспитанников средних школ Шугнанского района, родным языком которых является один из так называемых бесписьменных языков Таджикистана- шугнанский язык. Автором делаются попытки выяснить основные причины возникновения интерференционных ошибок в таджикской речи школьников названного района и классифицировать их, исходя из имеющихся различий в системах таджикского и шугнанского языков.

Ключевые слова: *интерференционные явления, таджикский язык, шугнанский язык, билингвизм, система языка, мультилингвизм.*

INTERFERENCE PHENOMENON IN TAJIK-PUPILS SPEECH SHUGNAN DISTRICT

Shosaidov Akbarsho Olimoshoevich *- senior lecturer of the Theory and Practice of Lingvistics chair of the Tajik Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, 17/6 Muhammadiev str. Dushanbe, (+992) 934113854.*

This article discusses on the problem of interference phenomenon in Tajik-medium school pupils of the district Shughnan, the native language which is one of the so-called unwritten languages of Tajikistan-Shughnan language. The author attempt to figure out the underlying cause of interference mistakes in Tajik speech schoolchildren named district and classify them, on the basis of the difference in the systems of Tajik and Shughnan languages.

***Keywords**: interference phenomenon, Tajik, Shughnon language, bilingualism, system of language, multilingvism.*

Раванди ҷаҳонишавӣ падидаи дузабонӣ ва дар бештари давлатҳо бисёрзабониро ба вуҷуд овард. Вале бояд гуфт, ки падидаи мазкур барои аксари миллатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон, падидаи нав нест, зеро қариб дар аксари ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ ҳодисаи дузабонӣ ва робитаю таъсирпазирии забонҳо ҷой дошт. Проблемаи бисёрзабонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди забоншиносон ва мутахассисони соҳаи таълими забонҳо вазифаҳои нав мегузорад. Яке аз чунин вазифаҳои муҳим ин муайян намудани ҳодисаҳои интерференсионӣҳам дар нутқи шогирдони мактабҳои миёна ва ҳам дар нутқи донишҷӯён, ҷустуҷӯи роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи онҳо ва бо ин восита беҳтар намудани сифати нутқи шифоҳию хаттии онҳо на танҳо ба як забон, балки ба чанд забон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти лаҳҷаҳои зиёд дар худи забони тоҷикӣ, забонҳои ба истилоҳ бехат ва зарурати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, забонҳои русӣ ва англисӣ, зарурати омӯзиши масъалаи мазкурро боз ҳам муҳимтар мегардонад. Зеро баробари баланд бардоштани сифати донишҳои касбӣ сифати нутқи хаттию шифоҳии шаҳрвандонро ҳам ба забони тоҷикӣ, ҳамчун забони давлатӣ ва ҳам ба забонҳои дигар бояд баландбардошт. Вале бояд зикр кард, ки ба ин масъалаи муҳим аз ҷониби забоншиносон ба таври зарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир намегардад.

Қобили зикр аст, ки забонҳои тоҷикию шуғнонӣ аз лиҳози хешигарии забонҳо ба ҳам хеле наздиканд, зеро ин забонҳо ба шохаи забонҳои эронии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубанд. Гарчанде забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ ва забони шуғнонӣ ба гурӯҳи эронии шарқӣ дохил мешаванд, бо вуҷуди ин дар байни ин забонҳо, ҳам дар бахши луғат ва ҳам дар сохтори грамматикӣ, умумиятҳои зиёд ҷой доранд. Аз мавҷудияти умумиятҳои зиёд дар сохтори забонҳои мазкур ин далел ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар дуи ин забонҳо аз нигоҳи типологӣ ба як гурӯҳ- забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд. Сабаби дигари мавҷудияти умумиятҳои зиёд дар байни забонҳои мазкур ин таъсири байниҳамдигарии ин забонҳо дар муддати тӯлонӣ, аниқтараш таъсири забони тоҷикӣ ба забони шуғнонӣ мебошад [5, 160]. Инчунин бояд тазаккур дод, ки ҳодисаи дузабонӣ барои сокинони ин минтақа ва робитаю таъсиррасонии забони тоҷикӣ ба забони шуғнонӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва ин раванд тақрибан аз асри XI оғоз меёбад[4, 18].

Бо вуҷуди умумиятҳои зиёд дар сохтори забонҳои мазкур боз фарқиятҳое ҳам ҷой доранд, ки сабагори содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионӣ дар нутқи хаттию шифоҳии тоҷикии шогирдони мактабҳои воқеъ дар мавзеъҳои густариши забони шуғнонӣ мегарданд.

Барои муайян намудани сабабҳои содир гардидани ғалатҳои интерференсионӣ, гурӯҳбандӣ кардани онҳо ва таҳияи тавсияҳои методӣ барои пешгирӣ ва ислоҳ намудани онҳо зарур аст, ки монандӣ ва фарқият дар байни забони модарӣ ва забони мавриди омӯзиш ба таври дақиқ муайян карда шавад. Дар робита ба ин масъала Х.Ҷ. Шамбезода дуруст қайд кардааст: “Фарқияту монандии забонҳои бо ҳам дар робита қарордошта, ба кадом дараҷае ки набошад, пеш аз оне ки ҳаргуна ҳодисаи интерференсионӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад, зарур аст, ки ба таври дақиқ монандӣ ва ё фарқияти ҳар як бахши

забон- фонетика, грамматика ва луғат муайян карда шавад. Бидуни муайян кардани хусусиятҳои типологии як забон дар муқоиса бо забони дигар, наметавон, дар бораи проблемаи интерференсия сухан кард” [6, 160].

Азбаски фарқиятҳо дар ҳамаи қабатҳои сохтори забонҳои мазкур ҷой доранд, бинобар ин, ғалатҳои интерференсионӣ ҳам дар нутқи тоҷикии шогирдони мактабҳои минтақаи мазкур гуногун мешаванд, вале онҳоро ба се бахш ҷудо кардан мумкин аст: а) ғалатҳои интерференсионии фонетикӣ; б) ғалатҳои интерференсионии луғавӣ; в) ғалатҳои интерференсионии грамматикӣ.

Ғалатҳои интерференсионии фонетикӣ дар нутқи тоҷикии шогирдони мактабҳои минтақаи мазкур, тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, назар ба ду гурӯҳи дигар бисёртар ба назар мерасанд ва қисми бештари онҳо дар нутқи шифоҳӣ содир мешаванд. Сабаби асосии содир гардидани чунин ғалатҳо, пеш аз ҳама, ин фарқиятҳои ҷиддӣ дар байни системаи садонокҳои забонҳои мазкур мебошад, зеро системаи садонокҳои забони тоҷикӣ ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифати овозҳои садонок аз системаи садонокҳои забони шуғнонӣ бакуллӣ фарқ мекунад. Чунончи, таркиби садонокҳои забони тоҷикӣ аз шаш овози садонок (а,и,э, о,у,ӯ) иборат аст ва аз рӯи хусусияти устуворию ноустуворӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) садонокҳои устувор-о, э, ӯ ва б) садонокҳои ноустувор- а, и, ва у. Таркиби садонокҳои забони шуғнонӣ бошад, аз даҳ овози садонок иборат аст, ки ҳафтои онҳо садонокҳои дароз (ɛ,ā,ē,ō,ī,ū,ů) ва се тои дигар садонокҳои кӯтоҳ (а, і, u) мебошанд. Барои садонокҳои забони тоҷикӣ дар ҳолати ҳозираи инкишофи он хусусияти дарозию кӯтоҳӣ хос нест. Садонокҳои дарози забони шуғнонӣ сифатан устуворанд ва ҳангоми талаффузи онҳо узвҳои нутқ сахт кашиш мехӯранд. Онҳо ҳамеша пурра талаффуз мешаванд ва дар ҳеҷ гуна суръати нутқ ба тағйирот дучор намешаванд. Садонокҳои кӯтоҳ бошанд, бо шавшуви бештар талаффуз шуда, дар зери таъсири шароитҳои гуногуни фонетикӣ сифатан хеле тағйир меёбанд.[5,166]

. Чунин хусусиятҳои садонокҳои забони шуғнонӣ ба нутқи шифоҳии тоҷикии шогирдони мактабҳои минтақаи мазкур бетаъсир намемонанд. Масалан, овози **ӣ**-и заданоки забони тоҷикӣ тибқи қонунияти фонетикии забони шуғнонӣ ба і-и кӯтоҳ ва баъзан ба ɛ-и дарози хоси ин забон табдил меёбад: қозӣ>қозі >қозɛ; бадӣ>баді> бадɛ. Фонемаи а-и забони тоҷикӣ пеш аз ҳамсадоҳои ъ ва ҳ ба а-и дарози забони шуғнонӣ табдил ёфта, ҳамсадоҳои мазкур талаффуз намешаванд:фаҳм >фāм; аҳвол>āвол; маъқул> мāқул. Дар охири калима фонемаи а-и забони тоҷикӣ ба фонемаи а-и дарози забони шуғнонӣ табдил меёбад:кӯча> кучā; курта> куртā.Чунин мисолҳоро метавон давом дод.

Дар бахши ҳамсадоҳо фарқият дар байни забонҳои мазкур аз ҷиҳати миқдори фонемаҳо ва баъзе фонемаҳои хоси забони шуғонӣҷой дошта бошад ҳам, вале ғалатҳои интерференсионӣ дар нутқи шогирдони мактабҳои минтақаи мазкур дар заминаи фарқиятҳо дар таркиби ҳамсадоҳои забонҳои мазкур камтар мушоҳида мешаванд. Заминаи асосие, ки дар бахши ҳамсадоҳо боиси содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионӣ мегардад, ин дар сохтори ҳамсадоҳои забони шуғнонӣ мавҷуд набудани ҳамсадои **ҳ** ва ё мавқеи устувор надоштани ин фонема ба шумор меравад. Фарқияти мазкур боиси ё аз талаффуз афтидан ва ё бемавқеъ талаффузу навиштани он дар калимаҳои забони тоҷикӣ мегардад: соҳил >соил, муттаҳид> мутаид, айб>ҳайб ва ғайра.Ҳодисаи мазкур ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар нутқи хаттии шогирдони мактабҳои ин минтақа ба таври васеъ мушоҳида мешавад.

Дар байни таркиби луғавию маъноии забонҳои тоҷикию шуғнонӣ баробари умумиятҳою монандии зиёд фарқиятҳо ҳам ҷой доранд. “Фарқиятҳо дар байни таркиби луғавии забонҳои мухталиф,- қайд мекунад Х.Ҷ. Шамбезода,- имконияти ба вуҷуд омадани интерференсияи луғавию маъноиро фароҳам меоранд, ки сабабҳояшон аз инҳо иборатанд: тафриқаи доираи маъноӣ дар забони модарӣ ва забони дуюм; қисман бо ҳам монанд будани сохтори маъноии забонҳои гуногун, ки боиси корбурди нодурусти калимаҳои забони дуюм (сеюм) мегардад” [6, 160]. Табиист, ки чунин фарқиятҳо дар таркиби луғавию маъноии забонҳои мазкур низ ҷой доранд.

Яке аз сабабҳои содир гардидани ғалатҳои интерфренсионии луғавӣ дар нутқи шогирдони мактабҳои ин ноҳия ҳангоми истифода аз забони тоҷикӣ ин умумияти зиёди луғавии забонҳои мазкур, бахусус дар бахши калимаҳои умумихалқӣ ва калимаҳои забони адабии классикӣ, сермаъноӣ ва тағйири маъно кардани онҳо дар забонҳои мазкур мебошад.Миқдори калимаҳое, ки барои забони адабии классикӣ ва забонҳои бадахшонӣ, аз ҷумла забони шуғнонӣ умумианд, хеле зиёд аст.Ба мисли калимаҳои “ бун”,(таг,бех), “буна” (хонавода), “нахчир” (оҳу), “сур” (тӯй) ва ғайра. Баъзеи чунин калимаҳо аз ҷиҳати доираи маъноҳои фарогирифтаашон фарқ мекунанд. Масалан , калимаи “бун” дар забони адабии классикӣ танҳо як маъно, яъне таги ягон чизро ифода мекунад , вале дар забони шуғнонӣ ин калима сермаъно аст: дек бун- таги дег, ниҳол бун – бехи дарахт, решаи дарахт . Ин калима дар забони шуғнонӣ ҳамчун нумератив низ истифода мешавад: δu bun niol-ду бех ниҳол.

Дар мавриди фарқияти сохтори грамматикии забонҳои мазкур ва ҳодисаҳои интерференсионие, ки дар ин замина содир мегарданд, Х.Ҷ. Шамбезода чунин менигорад: “Дар сохтори грамматикии забонҳои тоҷикӣ ва шуғнонӣ ба сабаби хешигарии наздики онҳо фарқиятҳои ҷиддие вуҷуд надоранд, ки тавонанд ҳамчун замина барои содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионӣ хизмат намоянд. Фарқияти байни сохтори грамматикии забонҳои тоҷикӣ ва шуғнонӣ, асосан, аз мавҷуд набудани категорияи ҷинсият дар забони тоҷикӣ ва мавҷудияти он дар забони шуғнонӣ иборат аст, ки наметавонад замина барои содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионӣ дар нутқи тоҷикии шуғониҳо бошад”[4, 35]Ба андешаи мо, фарқиятҳо дар сохтори грамматикии забонҳои мазкур зиёд набошанд ҳам, вале танҳо аз фарқияти дар боло зикршуда иборат нестанд. Аз ҷумлаи фарқиятҳои ҷиддие, ки дар сохтори забонҳои мазкур ҷой доранд, метавон, мавҷудияти бандакҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ ва вуҷуд надоштани онҳо дар забони шуғнонӣ, пешмавқеъ будани муайянкунанда дар забони шуғнонӣ ва пасмавқеъ будани он дар забони тоҷикӣ, мавҷуд будани алоқаи изофӣ дар забони тоҷикӣ ва вуҷуд надоштани он дар забони шуғнонӣ, корбурди нодурусти феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ дар феълҳои таркибии номӣ ва амсоли инҳоро ном бурд, ки боиси содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионии грамматикӣ дар нутқи тоҷикии шогирдони мактабҳои минтақаи мазкур мегарданд. Масалан, ба ҷои феъли таркибии номии “қулф кардан” “қулф задан”. Сабабаш дар он аст, ки муодили ин феъли таркибии номии забони тоҷикӣ дар забони шуғнонӣ феъли таркибии номии “қулф δедов” мебошад, ки дар ин ҷо феъли ёридиҳандаи “δедов” муодили феъли “задан” мебошад.

Ҳамин тавр, аз мулоҳизаҳои дар боло овардашуда, метавон, чунин натиҷагирӣ кард:

1.Ҳодисаи интерференсия дар забоншиносӣ ин хоси дузабонӣ ва ё бисёрзабонӣ буда, дар бештари таърифҳои ин мафҳум зери истилоҳи интерфренсия ҳам раванд ва ҳам натиҷаи таъсири байниҳамидагарии таркиби забонҳо дар нутқи шахси дузабона, ки яке бар дигаре афзалит дорад, фаҳмида мешавад. Натиҷаи чунин таъсири байниҳамдигарии ду забон вайрон гардидан ва ё риоя нашудани меъёрҳои сохтори яке аз он ду забон мебошад.

2.Сабаби асосии содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионӣ дар нутқи нафарони дузабона ва бисёрзабона ин фарқият дар сохтори забонҳо ва таркиби луғавию маъноии онҳо маҳсуб мешавад.

3.Дар сохтори луғавию маъноии забонҳои тоҷикӣ ва шуғнонӣ баробари умумиятҳои зиёд, ки аз хешигарии наздик, умумияти типологӣ ва робитаи тӯлонии онҳо бармеоянд, боз фарқиятҳое низ ҷой доранд, ки боиси содир гардидани ҳодисаҳои интерференсионӣ дар нутқи хаттию шифоҳии тоҷикии шогирдони мактабҳои воқеъ дар мавзеъҳои густариши забони шуғнонӣ мегарданд.

Адабиёт

1. Бахтибеков Т. Грамматикаи забони шуғнонӣ /Т. Бахтибеков.– Душанбе: Дониш, 1979.– 145 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷилди 1.– Душанбе, 1985. – 356 с.
3. ХаскашевТ.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик /Т.Н.Хаскашев.– Душанбе: Маориф,1989. – 188 с.
4. Шамбезода Х. Дж. Функционирование бесписьменного языка малой народности в условиях полиэтнического социума (на матреале шугнанского языка в таджикско- русском окружении): Автореф. док.дисс. филол. наук / Х.Дж.Шамбезода.–Воронеж, 2007. – 45 с.
5. Шамбезода Х.Дж. Сопоставительный анализ фонетической системы таджикского и шугнанского языков /Х.Дж. Шамбезода. //Вестник РТСУ. – Душанбе, 2016. – № 4 (56). – С.165-169.
6. Шамбезода Х. Дж. Сопоставительный анализ лексико-семантической системы русского и шугнанского языков //Вестник РТСУ, № 4 (56). – Душанбе, 2016. – С.160-164.
7. Эдельман Д.И. Сравнительная грамматика восточноиранских языков. Фонология /Д.И.Эдельман.–М.: Наука, 1986. – 231с.

БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ФЕЪЛҲО ДАР ЗАБОНИ ВАХОНӢ ВА ЯҒНОБӢ

Мамадаминова Замира Бахтиевна- *унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: +(992) 501806512, e-mail: mamadaminova_87@mail.ru*

Дар ин мақола муаллиф доир ба монандии бархе аз феълҳои ду забони қадимӣ, яъне забонҳои вахонӣ ва яғнобӣ ибрози андеша менамояд. Ӯ қайд намудааст, ки феъл дар забони вахонӣ на танҳо аз нигоҳи грамматикӣ, балки аз ҷиҳати лексикӣ низ яке аз фаслҳои бисёр муҳим ва бузургтарин ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, бахши феълҳои забони вахонӣ нисбат ба дигар қисматҳои он асолати бунёдии худро то андозае нигоҳ дошта, ба тағйироти ҷиддӣ дучор нагаштаанд.

Калидвожаҳо: *забони вахонӣ, забони яғнобӣ, забонҳои помирӣ, забонҳои эронӣ, забонҳои шарқии эронӣ, монандии фъелҳо, решашиносӣ.*

ИССЛЕДОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ ГЛАГОЛОВ В ВАХАНСКОМ И ЯГНОБСКОМ ЯЗЫКАХ

Мамадаминова Замира Бахтиевна *- соискатель кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 501806512, e-mail: mamadaminova_87@mail.ru*

В данной статье автор описывает некоторые сходства глаголов двух древних языков, т.е. ваханского и ягнобского языков. Она отмечает, что глагол в ваханском языке, не только с грамматической точки зрения, но и с лексической является одним из важнейшим и сложнейшим разделом.

Несмотря на древность ваханского языка этот раздел данного языка, по сравнению с другими разделами остался без изменения.

Ключевые слова: *ваханский язык, ягнобский язык, памирские языки, иранские языки, сходство глаголов.*

RESEARCH OF SOME VERBS IN VAKHANY AND YAGNOBY LANGUAGES

Mamadaminova Zamira Bakhtievna- *researcher of the Theory and Practice of Linguistic chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: +(992)501806512 e-mail: mamadaminova_87@mail.ru*

In this article the author describes some similarities of verbs of two classic languages, i.e. vakhany and yagnoby languages. She notes that the verb in vakhany language, not only from the grammatical point of view, but also with lexical is one of the major and most difficult section.

Despite antiquity of vakhany language this section of this language, in comparison with other sections was left without change.
Keywords: *vakhansky language, yagnoby language, Pamir languages, Iranian languages, similarity of verbs.*

Забон ин унсури асосии фарҳанг ва маънавиёт буда, сарнавишити он бозгӯи сарнавишти миллат аст. Забон ҳам баробари тараққиёти ҷомеа мисли соҳаҳои дигар густариш меёбад ва ба тағйироту таҳаввулот дучор мегардад.

Бо вуҷуди ин бахши феълҳои забони вахонӣ нисбат ба дигар қисматҳои он асолати бунёдии худро то андозае нигоҳ дошта, ба тағйироти ҷиддӣ дучор нагаштаанд.

Дар бораи маъно ва вожасозии феъл тавзеҳоти ҷудогона аз ҷониби донишмандони шинохтаи рус Т.Н.Пахалина, И.М.Стеблин-Каменский, А.Л.Грюнберг ва дигарон сурат гирифтааст. Инчунин забоншинос ва донишманди ватанӣ Б.Б.Лашкарбеков дар бахши феълҳои забони вахонӣ дар мавзӯи «Ваханский глагол в историческом аспекте» рисолаи илмӣ навишта дифоъ намудааст.

Чи тавре ки аз маводи гирдомада бармеояд, бештари феълҳо феълҳои аслии забони вахонӣ буда, дар ҳамон шакли қадимии худ ё бо баъзе тафовутҳои овозӣ (фонетикӣ) то ба имрӯз боқӣ мондаанд.

Ҳадафи асосии ин мақола ҳам аз он иборат аст, ки чунин навъи феълҳои забони вахониро аз нигоҳи таърихи пайдоиш ошкор намуда, дар муқоиса бо забони яғнобӣ мавриди тақиқ қарор диҳем. Зеро ин забонҳо аз нигоҳи таърихӣ решаи ягона дошта, бештари феълҳо бо баъзе тафовутҳои овозӣ ҳам шабоҳат доранд.

Дар ин мақола мо чанд феъли забони вахониро дар муқоиса бо яке аз гӯйишҳои забони суғдӣ, ки бо номи забони яғнобӣ маъруфият дорад, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додем, ки онҳо маъноҳои ягона ва ҳатто шаклҳои бо ҳам хеле монандро доро мебошанд.

Вожаи **dingak: di//de; dəšti:** «задан: зан: зад». **Di//de** дар забони вахонӣ асоси замони ҳозираи феъл буда, маънои «зан, бизан»-ро дорад. Замони гузаштаи ин феъл ба гунаи **dəšti** «зад» ифода ёфта ва масдари он ба сурати **dingak** «задан» роиҷ аст.

Масдари феълҳои забони вахонӣ аз асоси замони ҳозира-ояндаи феъл ва пасванди **-ak** сохта мешавад.

Феъли **dingak** дар забони вахонӣ боз ба маъноҳои «тарошидани риш, тарошидани муйи сар» низ ба кор меравад: **ti ṣafṣi dingakər**. –«Мӯятро тарошидан даркор».

Инчунин феъли **dingak** ба маънои «шикор кардан» ҳам истифода мешавад: **sakṣ čkər dingak rəćən**. – «Мо ба шикори кабк меравем».

Дар муқоиса бо забони яғнобӣ феъли **dingak** дар шакли **dehak** омадааст, ки дар ин забон ҳам маънои «задан»-ро дорад. Асоси замони ҳозираи феъли мазкур **deh** «зан» буда, замони гузаштаи он **adeh** «зад» мебошад [3, с.80].

Феълҳои замони гузашта ва ҳозираи ин ду забон бо ҳам шабоҳат доранд, инчунин дорои як маъноанд.

Вожаи **di** дар ҳамин шаклу маъно, танҳо бо баъзе фарқиятҳои савтӣ дар гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ, бавижа забонҳои помирӣ роиҷ аст:

Забонҳо	асоси замони ҳозира	асоси замони гузашта	масдар
Бартангӣ	dey	Det	
Вахонӣ	di	dəyt-dəšt	dindak
Бачувӣ	i(y)	Od	edow
Ишкошимӣ	de	Ded	dedeak
Мунҷонӣ	de	Də	
Шуғнонӣ	i (y)	Od	edow
Язғуломӣ	doe	Ed	dahij

Инчунин муқоиса мешавад бо баъзе аз забонҳои дигари эронӣ: хоразмӣ **dah-**, **dih**; ба маънои «мезанам»; ормурӣ **deh**; балҷуӣ **di**; парочӣ **dah-deh**; кховар **di**; шина **deh**; йидга **dah**; кобулӣ **de**; (1. с.245).

Дар гуйишҳои мобайн ва болои забони вахонӣ ҳам феъли **di** ба сурати **de(h)** мустаъмал мебошад: **yəm ci xalgi ford ki de(h)**. -«Ин хел одамро мехоҳед, ки занед».

Дар фарҳанги шуғнонӣ ва руссии Д. Карамшоев барои ифодаи маънои «задан, куфтан, лат кардан» бидуни феъли **di(d),** асоси замони гузаштаи **dit**, масдар **ditow** ҳамчунин муродифи феъли тоҷикии «додан» чун феъли гузаранда дар намуди **a-: od,** шахси сеюм **id** ва гунаи феъли мондаи он дар намуди **iy-: od,** шахси сеюм **ed**, ба маънои «афтидан ғалтидан» ба кор бурда мешавад: **ar xac edow**.- «ба об афтодан». Аз мисолҳои дар фарҳанги ёдшуда бармеояд, ки гунаи шуғнонии **di-: dit** «задан, кӯфтан» дар таркиби ибораву ҷумла омада ба маънои «сар додан, рондан» низ меояд: **xac ditow** «об сар додан» [7, с.576].

Ҳамин тавр, феъли **di** ва феълҳои ҳамрешаву ҳампайванди он дар забонҳои зиндаи имрӯзаи эронии шарқӣ дар мисоли яғнобӣ, гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ боқӣ монда, дар намудҳои гуногун бо тобишҳои маънои ҳархела истифода мешаванд.

Məryak: məri-: mərtk-mərtu-mərti. Қаблан бояд ёдовар шуд, ки ин вожа дар бештари забонҳои эронӣ ба маънои феъли ҳолат ва дар бархе ҳамчун исм ба кор рафтааст.

Маънои ин феъл «мурдан, даргузаштан, аз дунё гузаштан, вафот кардан» мебошад. Феъли **məryak** ҳам мисли феълҳои дигари мавриди таҳқиқ бунёди куҳани таърихӣ дорад. Феъли **məryak** дар забони вахонӣ ба ғайр аз «мурдан»-и чизҳои ҷондор боз ба маънои «хомӯш шудан» ҳам ба кор меравад. Масалан:

1. Дар мавриди чизҳои ҷондор:

I ɣыw yawn tu, yaw b mərti.-«Як гов дошт, ҳамон ҳам мурд»; **Yaw nan mryakr bu sol viti**.- «Ба мурдани модараш ду сол шуд».

2. Дар мавриди хомӯш шудани оташ, барқ:

Қобили зикр аст, ки дар забони вахонӣ барои хомӯш кардан ва хомӯш шудани оташ ва барқ калимаи махсуси **niyvak: niyыv, niyovd, niyыvd, niyit, nəyəti** мавҷуд аст, аммо ба ҷойи ин калимаи **məryak**-ро низ истифода мебаранд.

Wudg woz səpo svit mərti.- «Имрӯз боз светамон (барқамон) хомӯш шуд»; **svit cə merit(niyit), voyən bə spocən nast.**-«Агар свет (барқ) хомӯш шавад чароғ ҳам надорем»; **svit mərti (nəyəti)**.- «Свет (барқ) хомуш шуд».

Дар забони вахонӣ феъли **niyvak** ба воситаи ягон шахс ичро шудани амалро мефаҳмонад. Яъне маънои «хомӯш кардан»-ро дорад: **salim spo rəxnigi niyovdi**. – «Салим оташамонро хомӯш кард».

Феъли **niyitak** бошад**,** ичроиши амалро бевосита инъикос менамояд: **ya yə̑f rəxnig nəyəti.** –«Оташи танӯр хомӯш шуд».

Дар забони яғнобӣ бошад феъли **məryak** дар шакли **mirak** (масдар), **mir** (асоси замони ҳозираи феъл) ва **amir** (асоси замони гузаштаи феъл) роиҷ аст ва дар ин забон ҳам маънои «мурдан, вафот кардан, аз дунё гузаштан»-ро дорад. Дар забони яғнобӣ низ феъли **məryak** ғайр аз маънои аслӣ, монанди забони вахонӣ ба маънои «хомӯш шудани ашёҳои беҷон» низ истифода бурда мешавад: **Olow-i γor, tik na-mir-ot**.- «Аловро нигоҳ кун, боз намурад»; **Agar olow mir-ot, kat sort vičī.**- «Агар алов мурад, хона сард мешавад»; **Sivet amir**.- «Свет (барқ) хомӯш шуд» [2, с. 68].

Гуфтан зарур аст, ки дар гуфтори мардуми тоҷик, бештар калимаи «свет» ба кор меравад. Барои ҳамин, «свет мурд» шакли дурусттар аст.

Mərda ба маънои исм ба кор меравад: **Yæzv c dryoæn i mərda goti**.-«Дирӯз аз дарё як мурда ёфтанд».

Pcak: pac-: pacti, pæṣ̌t, pæṣ̌ti «пӯхтан». Ин феъл низ дар забони вахонӣ бунёди куҳан дошта, дар забонҳои қадима ва муосир мавриди истифодаанд. Дар феъли **pcak, pac-: pacti** ҳам амал ба воситаи шахс ичро мешавад. Масалан: **Zuro ya šoti pacti.** –«Зӯҳро хӯрокро пухт». Феъли **pæṣ̌t, pæṣ̌ti** бевосита ичро мешаванд: **šot niv pəṣ̌t.** -«Хӯрок ҳозир мепазад».

Дар забони яғнобӣ феъли мавриди андеша дар шакли **pačak** «пухтан», **pač** «паз» ва **apač** «пӯхт» маъмул аст. Ҳамчунин дар ин забон чанд феъли дигаре ба мушоҳида мерасад, ки ба суннати пухту паз робита доранд. Дар забони яғнобӣ ба маънои «пухтан» феълҳои зерин маъмуланд: а) **pačak**, б) **puxsonak//puxsunak (шакли бавосита), puxsak, в) varayak (шакли бевосита)** [3, с.242].

Шаклҳои масдарӣ ва асоси замони ҳозираи феъли **pcak** дар ҳар ду забон қариб як хеланд.

Дар бархе аз забонҳои шарқии эронии Тоҷикистон (гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ) ин еъл тафовутҳои фонетикӣ ба кор мераванд, ки онҳоро дар ҷадвал метавон шаклан нишон дод:

забонҳо	шаклҳои феълӣ	Маъно
вахонӣ	pac-, pæštš: pact-, pæšti	пухтан
ишкошимӣ	Paxs	фишурдан, кӯфтан
шуғнонӣ	pā̆xč	Фишурдан
язғуломӣ	paj-: pux	Пухтан

Tышak: tыš:-tošti «тарошидан». Ин феъл дар мавриди тарошидани мӯй ва ҷузъи он, инчунин тарошидани чӯб ба кор меравад: **tu nəzd, wuz x rəγiṣ̌i tыšəm (dim), yan rəć̌ən**.-«Ту шин, ман ришҳоямро тарошам, баъд меравам»; **šungvi tыš, yan kat da yir, ləcər wæsk wocn**.-«Чӯбҳоро тарош, баъд дар офтоб мон, хушк шаванд».

Ин феъл дар забони яғнобӣ ба гунаи **tošak**: **toš**:**-atoš** роиҷ аст, ки ба феъли забони вахонӣ хеле шабоҳат дорад [3, с.355].

Инчунин ин феъл дар забонҳои шарқии эронӣ дар шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор доранд, ки метавон гунаҳои онҳоро дар ҷадвали зер нишон дод:

забонҳо	шаклҳои феъл	Маъно
вохонӣ	tыš:-tošt	Тарошидан
ишкошимӣ	tul:-tud	-//-
мунҷонӣ	tež:-tuγd	-//-
рӯшонӣ	tow:-tūxt	-//-
шуғнонӣ	tex:-text	-//-
язгуломӣ	taw:-text,taxt	-//-
яғнобӣ	toš:-atoš	-//-
суғдӣ	taš	-//-

Инчунин феъли **vərinak** дар мавриди тарошидани гӯсфанду буз ва дигар чорпоён мустаъмал аст. Ин амал ба воситаи қайчии махсус барои гирифтани пашми ҳайвонҳои хонагӣ, ки ẋown ном дорад, ба анҷом мерасад: **I bläk molən d i afta vrindi**. -«Як рамаро (= рамаи гӯсфанд) дар як ҳафта тарошида шудем». Бояд ёдовар шуд, ки феъли **vərinak** танҳодар мавриди тарошидани мӯйи чорпоён маъмул аст.

Аммо агар ҳамчун сухани шухиомез барои гирифтани муйи сар истифода намоянд, он гоҳ феъли **vərinak**-ро ба кор мебаранд: **Ti ṣafṣ tqi vitk vərinakər tavi**. -«Мӯи сарат баланд шудааст, туро тарошидан даркор».

Дар забони яғнобӣ феъли мазкур бо каме тафоввути овоӣ дар шакли **virinak**: **virin-: avirin** ба кор бурда мешавад, ки шаклан ҳам ба забони вахонӣ хеле монанд аст. Феъли **virinak** дар забони яғнобӣ, маънои мушаххасеро ифода менамояд: «тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯй»: **Sar-i pašm-š van vitax, virinak-š γawt**.-«Мӯи сараш дароз шудааст, тарошиданаш мебод»; **Safed sutur-i virin, pašm-š darkor xast.**- «Гӯсфанди сафедро тарош, мӯяш (пашмаш) лозим аст» [3, с.80].

Феъли **virīnak** дар забони яғнобӣ ҳам дар мавриди тарошидани мӯйи сар (танҳо мӯйи сари кӯдак) ва ҳам тарошидани мӯи ҳайвонҳои хонагӣ (аз қабили гӯсфанд буз) бо қайчӣ ба кор меравад [2, с.375].

Winak: didiy̆, win, windi: «дидан: бин: -дид». Ин феъл низ ба монанди бархе аз феълҳои вахонӣ дорои собиқаи куҳани таърихӣ буда, асолати бунёдии худро то ҳол дар ин забон нигоҳ доштааст. Дар забони вахонӣ феъли **didiy̆** фармоишро ифода мекунад.

Феъли **didiy̆** ба маънои «нигоҳубин кардани касе ё чизе» низ ба кор бурда мешавад. **yəm molvi wudg tu didiy̆**. –«Ин рамаро имрӯз ту нигоҳубин мекунӣ». **žы nani baf didiy̆**. –«Модарамро нағз нигоҳубин кун».

Дар забони яғнобӣ, ки бархе аз феълҳояш ба феълҳои забони вахонӣ муштаракмаъноянд, феъли **winak** дар шакли **wenak**: **wen:-awen** роиҷ аст ва маънои дар забони вахонӣ доштаро дорад [4, с. 3].

Дар асоси маводи ҷамъовардаи мо ва такя ба сарчашмаҳои илмӣ, осори адабиёти классикӣ вожаи мавриди пажӯҳишро дар муқоиса бо забонҳои даврахои бостон, миёна, забонҳои шарқии эронӣ аз назар хоҳем гузаронд.

Инчунин дар забони форсии миёна феъли **winak** дар шакли **wen** (асоси замони ҳозира-оянда) ба маънои «дидан» ба кор мерафтааст [10, с.89].

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки феъли **winak** дар авастоӣ ба гунаи **vaēna** ба маънои «дидан» [8, с.819] ва дар форсии бостон ба сурати **vaina** ба маънои «дидан, мушоҳида кардан» ба назар мерасад [9, с.151].

Феъли **winak** дар ҳамин шакл ва маъно, танҳо бо каме тафовутҳои овозӣ дар бештари гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ, аз ҷумла гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ, пушту, дигарӣ мавриди истифода қарор дорад:

Забонҳо	шакли талаффуз	маъно
Вахонӣ	Win	дидан
Ишкошимӣ	win:-winuk	дидан
Шуғнонӣ	win:- winotov	дидан
Рӯшонӣ	wn:-wntov	дидан
Пашту	Win	дидан

Ҳамин тавр, баррасӣ ва пажӯҳиши феълҳо агар аз як тараф дар шинохти луғоти феълӣ бошад, аз ҷониби дигар дарёфти сайри таърихӣ ва решашиносии забонҳои форсии имрӯза дорои аҳамияти махсус мебошад.

Феъл дар забони вахонӣ на танҳо аз нигоҳи грамматикӣ, балки аз ҷиҳати лексикӣ низ яке аз фаслҳои бисёр муҳим ва бузургтарин ба шумор меравад.

Хулоса, пажӯҳиши решашиносии феълҳои вахонӣ ва муштаракоти онҳо бо забонҳои дигари эронӣ, аз ҷумла забони яғнобӣ метавонад мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирад.

Адабиёт

1. Андреев М.С. Пещерева Е.М. Ягнобские тексты. С приложением ягнобского-русского словаря, составленного М.С.Андреевым, В.А. Ливщ ицем и К. Писрачик. – М., 1957. – 391 с.
2. Мирзоев С. Лексикаи забони яғнобӣ // Рисолаи илмӣ барои дарёфти унвони номзадӣ. –Душанбе, 1998. – 130 с.
3. Мирзоев С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ-англисӣ. –Душанбе, 2008. – 436с.
4. Мирзоев С. Баррасии феъли **wenak-**и забони яғнобӣ дар муқоиса бо бархе аз забонҳои эронӣ // Ахбори АИ ҶТ (силсилаи филология ва шарқшиносӣ). №3 (11). –Душанбе, 2011. -С. 3-6.
5. Мирзозода С. Таҳаввули таърихии баъзе феълҳои забони яғнобӣ // Номаи пажӯҳишгоҳ (маҷмӯаи мақолот). №2. –Душанбе, 2002. – С.95-102.
6. Назарова З.О. Система родства ишкашимцев и её отражение в языке // Малые языки традиция существование на грани (маҷмӯаи мақолот). Ҷ.1. – М., 2005. - С. 209-210.
7. Карамшоев Д. Шугнано-русский словарь в трёх томах. Т.1. –М., 1991. - 576 с.
8. Bartholomae Chr. Altiranisches Worterbach. – Strassburg, 1904. -819 с.
9. Brandenstein W., Mayrhofer M. Handbuch des Altpersischen. –Wiesbaden, 1964. - 151 с.
10. Mackenzie D.N. A Concise Pahlavi Dictionary. – Oxford, 1971. – 421 с.

МАСОИЛИ МАРБУТ БА ДАРАҶАИ МУТОБИҚАТИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Кесамирова Саодат Рустамовна *– унвонҷӯи кафедраи забоншиносии умумӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум 111/3, 86, тел.:(99237)2325000; E-mail: bmelikov@inbox.ru*

Дар мақола масоили марбут ба фарқияти муодилнокии байнизабонӣ ва муодилнокӣ дар тарҷума сухан меравад. Ин ду воҳидҳои гуногуни забонӣ мебошанд, ки дар луғатҳои дуҷониба инъикос ёфтаанд ва мунтазам дар тарҷума истифода мешаванд. Аз ин рӯ, муодилнокӣ дар тарҷума, як раванди махсуси монандии байнизабонӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф дар муқаддимаи забоншиносӣ баъзан фикрҳо оид ба мутобиқати байнизабонӣ аз рӯи сохти фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ мулоҳиза карда мешаванд, ки муаллиф онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *забоншиносӣ, мутобиқатҳои байнизабонӣ, мутобиқатҳои фонетикӣ, мутобиқатҳои грамматикӣ, мутобиқатҳои луғавӣ, мутобиқатҳои тарҷума, муодилнокии луғавӣ.*

О СТЕПЕНИ СООТВЕТСТВИЯ ЯЗЫКОВЫХ ЕДИНИЦ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Кесамирова Саодат Рустамовна *– соискатель кафедры общего языкознания и теории практики перевода Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.:(99237)2325000; E-mail: bmelikov@inbox.ru*

В статье рассматриваются проблемы о разнице между межъязыковыми и переводческими соответствиями, которыми понимаются две единицы разных языков, отраженные в двуязычных словарях и регулярно использующиеся при переводе. Переводные соответствия, таким образом, это частный случай межъязыковых соответствий.

С точки зрения автора, в введении языкознания встречаются некоторые идеи, касающиеся межъязыковых соответствий в фонетической, грамматической и лексической структуре, которые являются объектом изучения.

Ключевые слова: *языкознание, межъязыковые соответствия, фонетические соответствия, грамматические соответствия, лексические соответствия, переводческие соответствия, словарная эквивалентность.*

ON THE DEGREE OF CONFORMITY OF THE LANGUAGE UNITS OF THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Kesamirova Saodat Rustamovna *– applicant of the Department of General Linguistics and Theory and Practice of Translation of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, 17/6 Muhammadiev str. Dushanbe, tel.: 99237 2325000; E-mail: bmelikov@inbox.ru*

The article deals with the problems of the difference between interlanguage and translation matches, which means two units of different languages, reflected in bilingual dictionaries and regularly used in translation. Translated matches, therefore, is a special case of interlanguage matches.

From the point of view of the author, in the introduction of linguistics there are some ideas relating to interlanguage correspondences in the phonetic, grammatical and lexical structure that are the object of study.

Keywords: *linguistics, interlanguage matches, phonetic matches, grammatical matches, lexical matches, translation matches, dictionary equivalence.*

Мутобиқати байнизабонӣ монандиҳои воҳидҳои забоние мебошанд, ки мавриди тарҷума ё ин, ки муқоисаи забонҳо аз рӯи сохтори семантикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ таҳлил карда мешаванд. Дар муқаддимаи забоншиносӣ ва назарияи тарҷума дарҷ шудааст, ки байни мутобиқати забонҳо ва муодилнокӣ дар тарҷума фарқияти назаррас вучуд дорад. Муодилнокӣ дар тарҷума ҳамчун эквивалент ном гирифта, бо ин мафҳум инъикоси шабеҳиятро ҳангоми тарҷума дар ду забон мефаҳмонад. Мутобиқати байнизабонӣ бошад, хешӣ ва монандии байни забонҳо мебошанд, ки дар луғатҳои дуҷониба ба чашм мерасанд. Аммо, бояд қайд кард, ки муодилнокии тарҷумавӣ як ҳиссаи махсуси мукотиботи байнизабонӣ мебошад. В. Н. Комиссаров муодилнокии тарҷумаро ҳамчун як ё якчанд воҳидҳои забонӣ муяйян сохтааст, ки ҳангоми тарҷума, барои интиқоли мазмуни воҳидҳои махсуси забони матни асл истифода мешавад [4,161]. В.М. Комиссаров се намуди монандиҳои байнизабониро муайян кардааст: а) монандиҳои доимӣ (калимаҳое,ки ҳамеша мутарҷим ба онҳо муодил меёбад, яъне истилоҳот, номҳои ҷуғрофӣ, ва ғайра), б) монандиҳои интихобӣ (якчанд аломатҳое, ки мунтазам ҳангоми интиқол ва ифодаи мазмуни матни асл мутарҷим онро вомехӯрад), в) монандии тасодуфӣ (истифодабарии тасодуфии воҳидҳои забонӣ хангоми тарчума) мебошад [4,163-169] .

Муҳтавои мақола аз нигоҳи илмӣ муайян намудани мафҳуми мутобиқати байнизабонӣ мебошад.

Хешӣ ва монандии забонҳо аз он далолат медиҳад, ки чунин забонҳо аз як забони асоси сарчашма гирифтаанд. Забони сарчашма на танҳо дараҷаи мутобиқатӣ, балки забони воқеӣ ва таърихӣ мебошад. Агар дар мувофиқати забонҳо на танҳо монандии сохти грамматикӣ, балки хусусиятҳои фонетикӣ низ дида шавад, чунин забонҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки ба як гуруҳи оилаи забонҳо дахл доранд. Масалан, калимаи англисии daughter – духтар, father – падар, two – ду, jungle – ҷангал ва ғ. Дар мисолҳои овардашуда на танҳо реша, балки тасрифи грамматикии онҳо мутобиқ аст.

Аввалин шахсе, ки монандии забонҳоро дарк кард Марко Поло буд. Дар қарнҳои XVI, ӯ дар номаҳои аз Ҳиндустон расидааш ёдовар мешуд, ки забони ҳиндуӣ баъзе шабеҳиятҳо бо забонҳои итолявӣ ва лотинӣ дорад. Мутассифона дар хулосабарории мактубҳояш нашрияҳои илмӣ дида намешуд. Баъд аз ин забоншинос олимони дигар низ, мисли, В. Ҷонс, Расмус Кристиан Раск монандиҳо дар воҳидҳои луғавии забонҳо дарёфт намуданд. Расмус Кристиан Раск қайд намуд, ки барои монандии забонҳо шабеҳияти воҳидҳои луғавӣ кифоя нест, ба ғайр аз он бояд мутобиқати сохти грамматикӣ ҳангоми муқоиса, дар бар гирифта шавад [7,208]. Калимаҳое, ки аз рӯи воҳидҳои луғавӣ ва мутобиқати фонетикиашон ба як оилаи забонҳо дахлдоранд, ба монанди инҳо мебошанд:

mather (англисӣ), *модар* (тоҷикӣ), *mote* (литовӣ), *mater* (лотинӣ), *mere* (франсузӣ), *mutter* (немисӣ). Дар асоси ин метавон гуфт, ки дар забоншиносӣ мутобиқатҳои фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ вуҷуд доранд, ки ин гуна монадӣ ва мутобиқатиро дар назарияи тарҷума муодилнокӣ ном мебаранд.

Мутобиқати фонетикӣ як ҷузъи муҳими муносибати забонӣ мебошад. Дар сурати мавҷуд набудани монандии воҳидҳои фонетикӣ хешии забонҳоро шуморидан ғайри имкон аст. Дар мутобиқати воҳидҳои фонетикии забонӣ аҳамият бештар ба монандии овозҳо дода мешавад, ки дар самти тарҷума ин гуна муодилҳо бо усули транскрипсия ва транслитератсия интиқол меёбанд. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ чунин монандиҳои воҳидҳои фонетикиро дар исмҳои хос дидан мумкин аст, ба мисли: Ralph – Ралф, Richard – Ричард; Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки ду ҳарфи забони англисӣ дар забони тоҷикӣ як овозро ташкил медиҳад. Ҳарфҳои **ph** – овози **ф** ва **ch** – овози **ч** – ро ифода мекунад.

Вилгелм фон Гумболдт якчанд конуниятҳои мутобиқати грамматикиро дар соҳаи забоншиносӣ дарёфт. «Азбаски омӯзиши забонҳои номаълум аз мавқеи забони модарӣ ё лотинӣ гирифта шудааст, барои забони бегона бошад ба муносибатҳои грамматикии онҳо аҳамият дода мешавад» [1,64]. Вилгелм фон Гумболдт бештар бо масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ сару кор дошт. Ба назар мерасад,ки шаклҳои грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ дар муқоисаи забонҳо маҳдуданд. Ҷумлаи дутаркибаи забони англисӣ *She aimed at becoming a doctor ба забони тоҷикӣ чун: Ӯ кӯшиши духтур шудан дошт* тарҷума мешавад. Дар ин сурат герундияи забони англисӣ, яъне ***becoming*** ҳамчун масдар ***шудан*** дар забони тоҷикӣ интиқол ёфтааст. Ин гуна ҳолатҳо барои тарҷумон мушкилиҳои зиёдеро пеши назар меорад, чунки функсия ва сохтори грамматикии забони англисӣ ва тоҷикӣ дар бисёри мавридҳо мутобиқ нестанд. Ҳангоми интиқол аз забони матни асл ба матни тарҷума герундий ҳамчун масдар ба забони тоҷикӣ тарҷума мешавад. Чунин тағирёбии ҷумлаҳо мавриди тарҷума ҳамчун тағиротҳои грамматикӣ номгузорӣ карда мешаванд.

Дар забоншиносӣ, дар натиҷаи тақсимоти мутобиқати байнизабонӣ ду гурӯҳ ташкил мешавад, ки онҳо мутобиқаи наздик ва мутобиқаи тахминӣ ном доранд. Мутобиқати наздик дар забонҳои муқоисашаванда монандии мутлақ дорад. Мутобиқати тахминӣ бошад, метавонад муодилнокии нопурраро гирад. Муодилнокӣ – ин воҳиди мутобиқи забоние мебошад, ки қобилияти иҷрои вазифаи якхела, доимӣ ва муштаракро дорад [9,253].

Дар аввал, Э. Умберто дар ақидае буд, ки муодилҳо калимаҳои муродифанд. Бо вуҷуди ин, дар раванди муқоиса кардани забонҳо ӯ ба хулосае омад, ки фикрашро ғалат шуморад. Ӯ шарҳ медиҳад, ки агар мо калимаи англисии ***father*** – ро дар раванди тарҷума бо калимаи **daddy** иваз намоем услуби матн ба мо ин ҳолатро имкон намедиҳад, чунки калимаи **daddy** дар забони адабии англисӣ истифода намешавад [6,17].

Дар назарияи тарҷума муодилнокӣ монандии калимаҳоро дар бар намегирад, балки мутобиқатии матнро вобаста ба вазъият шарҳ медиҳад.

Дар бештари луғатҳои дуҷониба мо бо ду категорияҳои мутобиқатӣ вомехӯрем. Муодилҳо ва мутобиқатҳои интихобӣ. Муодилҳо он калимаҳои интихобшудаеро дар бар мегиранд, ки ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳо бо як маъно ва як шакл истифода мешаванд. Ба ин категория исмҳои хос, номҳои ҷуғрофӣ ва истилоҳот дахл доранд: Adriatic Sea – *баҳри Адриатика;* Afro-Asian – *афро-*

осиёгӣ; the Middle ages – *Асрҳои миёна;* Algeria -*Алҷазоир;* Council of Ministers – *шӯрои вазирон;* tractor - *трактор;* tourist – *сайёҳ, турист [6].*

Дар баъзе мавридҳо муодилҳои мувофиқро дар луғат пайдо кардан душвор аст, зеро дар баъзе аз онҳо, махсусан дар забони англисӣ-тоҷикӣ, муодилнокии нопурра ё ин, ки ғайримуодилҳо ба назар мерасанд. Калимаҳои сермаъно муодили доимии худро надоранд. Ин гуна калимаҳо дар алоҳидагӣ маънои махсуси худро доранд. Мисол, калимаи ***dream*** яке аз муодилҳояш ин ***орзу*** мебошад ва маънои дигараш бошад *хоб дидан* аст. Чунин калимаҳои сермаъно вобаста ба мазмуни матн муодили худро меёбанд.

Агар ба як калимаи англисӣ дар луғати забони англисӣ – тоҷикӣ якчанд маъно пешкаш шавад, дар он маврид мутобиқати интихобӣ вобаста ба мазмуни матн дида мешавад. Мисол, калимаи inspect v. 1) бодиққат дидан, нигоҳ кадан; 2) бозрасӣ кардан, тафтиш кардан; 3) аз назар гузаронидан, муоина кардан.

Дар назарияи тарҷума умуман ду қисми муодилҳо, пурра ва қисман мавҷуданд. Муодилҳои пурра онҳое мебошанд, ки калимаҳои якмаъно буда, аз рӯи мазмун ба куллӣ мутобиқ ҳастанд. Мисол, team – гурӯҳ, unity – ягонагӣ, wind – шамол, wonderful – ҳайратангез, watchman – қаравул, upstairs – боло, engine –муҳаррик check – санҷиш, calendar –солнома.

Ба муодилҳои нопурра ё қисман калимаҳои сермаъно дохил мешаванд. Масалан, калимаи *make* – ро гирем, он сермаъно буда, чунин муодилҳо мутобиқ ба мазмуну мундариҷаи ҷумла ва матн тарҷима мешаванд.

What make is your new video?- Тамгаи видиои нави шумо чӣ аст?

She has made a wonderful cake.- Вай торти аъло пухт.

My father makes us to do our homework-Падари ман моро маҷбур месозад, ки вазифаи хонагиамонро тайёр кунем [6].

Ҳамин тавр, мутобиқати воҳидҳои луғавии забон на танҳо ҷузъи луғавии онро дар бар мегирад, балки баъди баррасиву таҳлили масоили мазкур маълум гардид, ки дар забоншиносии умумӣ мутобиқатҳои фонетикӣ, грамматикӣ низ дида мешаванд.

Адабиёт

1. Алпатов В. М. История лингвистических учений: Учеб. пособие. – 4-е изд. испр. и доп. – М.: Языки славянской культуры, 2005. – 368 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. М.: Советская энциклопедия, 1966. – 608 с.
1. Виноградов В. С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы). – М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001 – 224с.
2. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб.для ин-тов и фак. иностр. яз. – М.: Высш. шк., 1990. – 253 с.
3. Мамадназаров А., English – Tajik University Dictionary. Фарҳанги донишгоҳии англиси – точики. Монография / В. Мамадназаров М. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 486 с.
4. Нелюбин Л.Л.Толковый переводоведческий словарь /Л.Л. Нелюбин. – 3-е изд., перераб. – М.: Флинта: Наука, 2003. – 320 с.
5. Реформатский А. А. Введение в языковедение /Под ред. В.А. Виноградова. – М.: Аспект Пресс, 1996. – 536 с.
6. Эко Умберто. Сказать почти то же самое. Опыты о переводе: АСТ: CORPUS; М., 2015. - ISBN 978-5-17-09448 2-8

ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГИИ ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Пулотов Сафарали Шарифович *– ассистенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6,* тел.: (+992) 918 93 12 13, E-mail: safaralipulotov@mail.ru

Дар мақола хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, гуфта мешавад, ки исм дар ҳар ду забони муқоисашаванда, ки ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд, аз ҷиҳати шакл ва хусусиятҳои морфологӣ бой нест. Аз нуқтаи назари морфология исм дар ин забонҳо дорои дараҷаҳои шумора, муайянӣ- номуайянӣ (дар ҳарду забон), дараҷаи шахс ва ғайришахс, исмҳои ҷинс ва хос, мушаххас ва абстракт мебошанд. Дар мақола перомуни ин масоил сухан меравад.

Калидвожа: *забони тоҷикӣ, забони англисӣ, субъект, таҳлил, забони муқоисашаванда, морфология, забонҳои аналитикӣ, ҳиссаҳои нутқ.*

МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ РЕЧИ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Пулотов Сафарали Шарифович *- ассистент кафедры английской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992)918 93 12 13, E-mail: safaralipulotov@mail.ru*

В статье речь идет о морфологических характеристиках речи на таджикском и английском языках. Должно сказать, что существительное на языках-компараторах может включать в себя аналитических языков, которые не богаты морфологическими характеристиками. С точки зрения морфологического анализа существительное имеет категорию цифр, определенных, неопределенных (на обоих языках), конкретного и абстрактного существительного.

Ключевые слова: *таджикский язык, английский язык, субъект, анализ, сравнительный язык, морфология, аналитические языки, части речи.*

MORPHOLOGICAL CHARACTERISTIC PARTS OF SPEECH IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Pulotov Safarali Sharifovich *– assistant of the English Philology chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992)918 93 12 13, E-mail: safaralipulotov@mail.ru*

The article analyzes the morphological characteristic parts of speech in Tajik and English languages. Noun in the comperative languages may include in goup of analitic languages that it is not rich by the morphological characteristics. From the point of morphology, noun has the category of numerals, definite, indefinite in both

languages but we give information in the article about the category of person and imperson, proper noun, common noun, concreate and abstract noun.

Keywords: *subject, analyse, comperative language, morphology, analitic languages, lexic, semantic, grammar, lexicology.*

Дар гармматика мафҳуми предмет хеле васеъ буда аз мафҳуми физикии он комилан фарқ дорад. Дар физика дар таҳти мафҳуми предмет танҳо мавҷудиёти ҳақиқати реалӣ, аз қабили об, замин, офтоб, дарахт ва ғайраро мефаҳманд. Ҳоло он ки дар грамматика на танҳо калимаҳои номбурда, балки ҳамаи он калимаҳое, ки ба саволи кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавоб мешаванд, чун предмет маънидод карда мешаванд. Масалан, дар ҳақиқати реалии калимаҳои рави Маънои умумии исмҳо ва гуруҳҳои семантики-грамматикии онҳо дар ҳарду забон, англисӣ ва тоҷикӣ қариб як аст. Дар ҳарду забон исмҳо аз рӯи маънои лексики-семантикиашон ба ду гуруҳ: ба исмҳои конкрет номи предметҳо ва чизҳои ҳақиқати реали ва абстракт ҷудо мешаванд. Дар ҳарду забон калима-исмҳое мавҷуданд, ки номи предметҳои номавҷуд, - ғайриреалиро ифода мекунанд, ки бо бисёр хусусиятҳои грамматикиашон ба гуруҳи якуми исмҳо-ба гуруҳи исмҳои конкрет дохил мешаванд. чунончи, калимаҳои дев, чин, ва ғайра [1,100].

Исмҳои мушаххас дар ҳарду забон, англисӣ ва тоҷикӣ ядрои исмро ташкил намуда аз рӯи хусусиятҳои грамматики ва мавҷудияти категорияҳои грамматики аз исмҳои абстракт фарқ карда меистанд. Масалан, категорияҳои асосии исм – шумора ва категорияи муайяни- номуайяни пеш аз ҳама ба исмҳои конкрет хос буда, дар исмҳои абстракт аз рӯи зарурат ба конуни аналогия зуҳур меёбанд. Ҳиссаи мазкури нутқ дар ҳарду забон аз нуқтаи назари вазифаҳои синтаксисиаш низ бо ҳам мувофиқат мекунанд. Дар ҳарду забон исм хеле серистеъмол буда, ба вазифаи гуногуни синтаксиси /мубтадо, хабари таркибии номи, пуркунанда, муайянкунанда, ҳол/ омада метавонад. Вале вазифаи асосии исм дар ҳарду забон, ба монанди дигар забонҳо пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда шуда омадани он мебошад. Муттасил истеъмол шудани исм ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда, чунон, ки А.И, Смирнитский қайд мекунад… ба характери предметии маънои категориявии ин гурӯҳи калимаҳо вобаста аст. Дар ҳақиқат мубтадо нисбат ба ҳамаи аъзоҳои ҷумла мустақилияти комил дошта, маркази онро ташкил мекунад ва аз ин рӯ табиист, ки вазифаи мубтадо маҳз ба калимаҳо хос аст, ки предметро ифода мекунад: агар предмет набошад, на ҷараён ва на сифати он вуҷуд дошта метавонад: маҳз предмет дорои мустаҳилияти баркамол аст, ки онро вазифаи мубтадо талаб мекунад. Исм аз рӯи алоқаи калимаҳо ва муносибати синтаксиси дорои чунин хусусият аст: вай ҳангоми дар вазифаи мубтадо омаданаш бо феъл ҳам дар шакли тасрифи ва ҳам дар шакли ғайритасрифиаш алоқаманд мегардад. Исм айнан ҳамин тавр бевосита ба сифат алоқаманд мегардад ва ин маълум аст.: сифат аломати предмет аст ва бе предмет вуҷуд дошта наметавонад. Дар ҳарду забон сифат ба исм тобеъ мегардад, вале дар бобати воситаҳои грамматикӣ алоқаи исму сифат дар байни забонҳои муқоисашаванда фарқияте дида мешавад: дар забони англисӣ алоқаи грамматикии исму сифат дар заминаи маънои лексикӣ-семантикӣ ва ҷои онҳо дар ҷумла зуҳур меёбад: дар ин забон воситаҳои материалии грамматики алоқаи исму сифат вуҷуд надоранд. Дар забони тоҷикӣ алоқаи исму сифат тавассути воситаҳои грамматики анҷом ёфта дар ду шакл-дар шакли изофа /***бештар***/ ва ғайриизофа /**камтар**/ зуҳур меёбад.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи исм он аст, ки вай бо пешоянду пасояндҳо /дар ҳарду забон/, бо артиклҳо/ дар забони англисӣ / ва бо аломати номуайяни-ишоратии –**е** /дар забони тоҷикӣ/ омада характери субстантиви-предметии худро зоҳир мегардонад. Ин хусусият ба дараҷае ба исм характернок аст, ки ҳар гуна калимаҳое, ки бо ин воситаҳои грамматики омадаанд, одатан чун исм ба назар мерасанд [2,62].

Исм дар ҳарду забони муқоисашаванда, ба гуруҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд, аз ҷиҳати шакл ва хусусиятҳои морфологӣ бой нест. Аз нуқтаи назари морфология исм дар ин забонҳо дорои категорияҳои шумора, муайянӣ - номуайянӣ (дар ҳарду забон), категорияи шахс ва ғайришахс, исмҳои ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт мебошанд. Танҳо қайд кардан лозим аст, ки категорияҳои номбурда маҳз аз он ҷиҳат категорияҳои морфологӣ шуморида мешаванд, ки ҳар якеашон воситаҳои махсуси морфологӣ-грамматикӣ дошта бо дигар исмҳо ва дар муносибати ҳамдигари зиддияти (мухолифат) грамматикиро ташкил мекунанд. Масалан, исмҳои забони точикӣ ***шабе*** ва ***хонаҳо*** ба туфайли аломати номуайянӣ-ишоратии – **е** ва суффикси ҷамъбандии –**хоҳам** аз ҷиҳати маънои грамматики ва ҳам аз ҷиҳати шакл аз калимаҳои *шаб* ва *хона* фарқ мекунанд ва бо онҳо дар муносибати мутақобил меистанд. Гурӯҳи дигари исмҳо низ, масалан, исмҳои шахс ва ғайришахс, ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт, ки аз ҳам на танҳо аз ҷиҳати маъно, балки аз ҷиҳати тағъиротои шакли-морфологӣ, мавҷудият ва истеъмоли воситаҳои грамматики ва ифодаёбии категорияҳои грамматики фарқ карда зиддияти (мухолифат) ба худ хоси грамматикиро ташкил мекунад. Категорияи падеж танҳо ба забони англисӣ хос буда дар ду шакл- дар шакли умуми ва нисбӣ-соҳибӣ /Common Case and Possessive Case/ зоҳир мегардад, ки дар забони тоҷикӣ бо роҳҳо ва воситаҳои махсуси грамматики ва баъзан бо роҳи луғавӣ ифода меёбад. Категорияи ҷинсият дар ҳарду забон аз нуқтаи назари морфологӣ категорияи ташаккулнаёфта шуморида мешавад. Категорияи мазкур дар ҳарду забон пеш аз ҳама бо роҳи лексикӣ-семантикӣ, қисман бо роҳи синтаксисӣ дар забони англисӣ ва баъзан бо роҳи иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ифода мегардад [3,119].

Одатан дар грамматикаҳои ҳар ду забон ду категорияи дохилии шумора дар исм, ҷамъ ва танҳо қайд мекунанд, ки ин бешубҳа асосан ва моҳиятан дуруст аст. Вале категорияи мазкур на танҳо дар муносибати ҳамдигарии забонҳои муқоисашаванда, балки дар ҳар кадоми онҳо гуруҳи хусусиятҳои махсусеро зоҳир намуда, аз доираи муқаррарии мафҳуми ҷамъ ва танҳо берун мебарояд. Масалан, дар ҳарду забон исмҳое мавҷуданд, ки шаклан ҷамъ, вале аз ҷиҳати маъно як чизи бутун шуморидашавандаро ифода мекунанд ва аз ин рӯ агар чунин исмҳо мубтадо шуда оянд, хабарашон дар шакли танҳо меистанд. Калимаи англисии news *навигари* калимахои точикии *Ҳафтдодарон, Роҳи каҳкашон, Чилдухтарон* ва ғайра бо вуҷуди суффикси ҷамъ доштанашон, ба маънои танҳо фаҳмида мешаванд.

Категорияи шумора дар ҳарду забон яке аз категорияҳои марказии исм буда дар ду категорияи дохилии он ҷамъ ва танҳо, зоҳир мегардад. Категорияи мазкур, пеш аз ҳама ба предметҳои шуморидашаванда ***/об, гандум, гармӣ, хунукӣ, далерӣ, муҳаббат, ҳаёт*** ва ғайра/ аз рӯи зарурат ва аналогия ба вуҷуд омадааст ва дар ин гуруҳи исмҳо хусусияти ба худ хосеро ҳам ба худ пайдо кардааст. Пас мавҷудияти категорияи шумора дар ҳарду забон маҳз ба мавҷудияти предметҳои шуморидашаванда вобаста буда, барои ба ифодаи миқдори онҳо – яке ва ё зиёда

аз он будани онҳо, хизмат мекунад. Аз ин ҷиҳат ҳарду забони муқоисашаванда умумияти устувори типологи доранд. Вале аз ҷихати тарзи ташаккулёбии категорияи шумора, мавҷудияти воситаҳои грамматики ва дараҷаи истеъмолшавии ин ё он воситаҳои грамматики дар байни забонҳои муқоисашаванда фарқият дида мешаванд.

Одатан дар грамматикаҳои ҳар ду забон ду категорияи дохилии шумора дар исм, ҷамъ ва танҳо қайд мекунанд, ки ин бешубҳа асосан ва моҳиятан дуруст аст. Вале категорияи мазкур на танҳо дар муносибати ҳамдигарии забонҳои муқоисашаванда, балки дар ҳар кадоми онхо гуруҳи хусусиятҳои махсусеро зоҳир намуда, аз доираи муқаррарии мафҳуми ҷамъ ва танҳо берун мебарояд. Масалан, дар ҳарду забон исмҳое мавҷуданд, ки шаклан ҷамъ, вале аз ҷиҳати маъно як чизи бутун шуморидашавандаро ифода мекунанд ва аз ин рӯ агар чунин исмҳо мубтадо шуда оянд, хабарашон дар шакли танҳо меистанд. Калимаи англисии **news** ***навигари*** калимаҳои тоҷикии ***Ҳафтдодарон, Роҳи каҳкашон, Чилдухтарон*** ва ғайра бо вуҷуди суффикси ҷамъ доштанашон, ба маънои танҳо фаҳмида мешаванд [4,121].

Дар забони англисӣ исмҳое мавҷуданд, ки онҳо шаклан танҳо, вале мазмунан мафҳуми ҷамъро ифода мекунанд. аз ин ру ҳангоми ба вазифаи мубтадо омадани чунин исмҳо хабар, мувофиқи мазмуни умумии ҷумла метавонад дар шакли ҷамъ истад. Ба ин гуруҳи исмҳо калимаҳои *family оила*, *government давлат, team команда, committee комитет, board, crew команда*, *audience тамошобин* ва дигар дохил мешаванд. Мувофиқи терминологияи грамматикаҳои забони англисӣ, ин гуруҳи калимаҳо вобаста ба маънои ҷумла метавонанд, ки ифодакунандаи *noun of the multitude* гардад. Масалан, дар ҷумлаи "*His family is small" Оилаи вай хурд аст* калимаи *family оила* мафҳуми ягонагиро доро мебошад. Вале агар калимаҳои *his family* бо калимаҳои *the members of his family* аъзоёни оилаи вай иваз шавад, маънои ҷумла / *The members of the family are small* Аъзоёни оилаи вай бисёр нест» дигар мешавад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар масъалаи мазкур иборат аз он аст, ки суффиксҳои ҷамъбандии забони тоҷикӣ махсусан суффикси –**ҳо** бо исмҳо омада, хусусияти таъкидкуни пайдо мекунад ва гуфтани он, ки чунин исмҳо дар шакли ҷамъ омадаанд, нодуруст аст. Масалан калимаҳои *дил* ва *ҷигар* дар ҷумлаҳои «*дилҳоямба зад, ҷигарҳоям хун шуд»* суффикси ҷамъбандии –**ҳо** –ро қабул карда бошанд ҳам, маънои ҷамъро ифода накардаанд: онҳо танҳо аз ҳад зиёд шудани амалиётро таъкид кардаанд.

Дар забони тоҷикӣ ифодаҳои типии *солҳои сол, асрҳои аср* мавҷуданд, ки ин типи ифодаҳо дар забони англисӣ мавҷуд нестанд. Дар ин тариқа ифодаҳо суффиксҳои ҳамъбанди мафҳуми «**бисёри»** -ро ифода мекунад, вале ба вазифаи муқаррариаш наомадааст. Вай ҳангоми такроршавии исмҳо **/сол ва аср/** омада дар муддати муайяну дурудароз ҳам чун ҷараён давом доштани амалиётро ифода мекунад.

Дар забони тоҷикӣ исмҳои шуморидаанашаванда, масалан исмҳои хос ва баъзе исмҳои ҷинс **/об, гандум/** суффикси ҷамъро қабул карда метавонанд, ки тобишҳоро ифода мекунанд. Масалан, агар топонимҳо суффикси ҷамъбандии –**ҳо-** ро қабул кунанд, на мафҳуми ҷамъ, балки мафҳуми «тахминан фалон чой» -ро ифода мекунанд [5,161].

Ниҳоят ҳаминро бояд қайд кард, ки забонҳои муқоисашаванда аз нуқтаи назари миқдори суффиксҳои ҷамъбанди аз ҳам фарқ мекунанд. Дар забони

тоҷикӣ ду суффикси ҷамъбандии исм **/-ҳо, -он/** ва вариантҳои **он /-гон, -вон, -ён/,** инчунин суффиксҳои ҷамъбандии иктибосии арабӣ: **-от /-вот, -ҷот/: наботот, ташкилот, мевачот, сабзавот** ва ғайра, суффиксҳои **-айн**: тарафайн, кавсайн, зулфайн ва ғ. мавҷуданд. Дар забони англисӣ асосан як суффикси ҷамъбанди **-/e/ s** мавҷуд аст.

Дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда суффиксҳои ҷамъбанди ба ҳодисаи лексикализатсия (луғатшавӣ) дучор шуда қисми таркиби ва ҷудонашавандаи калимаро ташкил кардаанд.

Исмҳои забони англисӣ дар шакли холис одатан танҳо дар луғатҳо дода мешаванд, вале дар забони муқаррари хам дар нутқи хатти ва ҳам дар нутқи даҳони беэзоҳдиҳанда истеъмол намеёбанд.

Исм дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда аз руи шумора тағйир меёбад. Исм дар забонҳои муқоисашаванда ба яке аз ҳиссаҳои нутқи асоси ва мустақил дохил мешавад. Категорияи шумора дар ин забонҳо яке аз аломатҳои асосии морфологии исм ба шумор меравад. Дуруст қайд карданд, ки категорияи шумораро дар забони англисӣ, исм дар асоси дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо мекунад.

Дар забони тоҷикӣ категорияи шумора аломати асосии грамматикӣ мебошад, ки исмро аз сифат фарқ мекунонад. Шумораи танҳо дар исмҳо дар ҳарду забон нишондиҳандаи сифр мебошад: **китоб –book.**

Дар забони тоҷикӣ нишондиҳандаи шумораи ҷамъи исмҳо суффиксҳои – **ҳо, -он, (-гон, -вон),** дар забони англисӣ бошад - **-s, -es** мебошанд. Масалан, **китобҳо – books**.

Дар забони англисӣ баъзе калимаҳои дигар низ, ки пасванди ҷамъбандии (e)s доранд, масалан, *a silver scissors, a deserted barracks, works ба маънои «завод», a chemical works* маънои танҳоро ифода карда, ҳангоми ба вазифаи мубтадо омадани чунин исмҳо хабар, мувофиқи мазмуни умумии ҷумла, метавонад дар шакли ҷамъ истад. Ба ин гуруҳи исмҳо калимаҳои **family-оила**, **government-давлат, team-даста**, **committee-кумита**, **board, crew-команда (бахри), audience –тамошобин** ва дигар дохил мешаванд. Мувофиқи терминологияи грамматикаи забони англисӣ ин гуруҳи калимаҳо вобаста ба маънои ҷумла метавонад, ки ифодакунандаи noun of multitude гардад. Масалан, дар ҷумлаи *His family is small*. «Оилаи вай хурд аст» калимаи «family» «оила» мафҳуми ягонагиро доро мебошад. Вале агар калимаҳои ***His family*** бо калимаҳои the members of his family аъзоёни оилаи вай иваз шавад, маънои ҷумла *the members of his family are small* – «Аъзоёни оилаи вай бисёр нест» дигар мешавад. Дар ҷумлаи мазкур сифати предикативи ба ҳар як аъзои оила дахл дошта, инкишофи онро акс мекунад. Аз тарафи дигар, дар ҷумлаи His family are good speakers калимаи *family* мафҳуми ҷамъ дорад. Ба ҳар ҳол гуфтан мумкин нест, ки калимаи *family* дар шакли ҷамъ меистад. Вале қисме аз ин тариқа калимаҳо берун аз контекст ҳам мафҳуми ҷамъро ифода карда метавонанд. Масалан, калимаҳои clergy «руҳони», police» политсия» дар ҷумлаҳои зерин "*The clergy were against the government*", "*The police have searched the house*" на танҳо чун nouns of multitude, балки бо шумора омада (twenty clergy) бист нафар руҳониён, twenty policemen бист нафар коркунони политсия мафҳуми ҷамъро ифода мекунанд. Калимаҳои *flock «ғалла»,* swarm «туда» низ айнан вобаста ба ҷумла мафҳуми ҷамъро ифода мекунанд [6,119].

Қисме аз ин гуна калимаҳо масалан, калимаҳои *people* «халқ» ба ду калима: 1) **people «халқ»**, «**миллат» ва 2) people «одамон»** дар шакли танҳо man «одам»

табдил ёфтаанд. Калимаҳои cattle, ger, poultry низ ба калимаи болои аз ин ҷиҳат шабоҳат доранд.

Ба ин тариқ, агар хусусиятҳои зикрёфтаи забони англисиро ба забони тоҷикӣ муқоиса кунем, маълум мешавад, ки аз ин ҷиҳат дар байни забонҳои муқоисашаванда фарқият ва дар айни замон умумият ҳам дида мешавад. Масалан дар ҷумлаҳои зерини забони тоҷикӣ: «**Китоб фурухта шуда истодааст», «Ман аз бозор себ харидам»,** калимаҳои *китоб, себ* дар шакли танҳо омадаанд. Вале аз мазмуни умумии ҷумлаҳо маълум мегардад, ки гап дар бораи *китобҳо* ва *себҳо* рафта истодааст, яъне ин калима-исмҳо мафҳуми ҷамъ доранд. Дар чунин типи ҷумлаҳо ҳатто калимаи *хама*, ки ифодакунандаи мафҳуми ҷамъ аст, истеъмол шавад ҳам, хабар дар шакли танҳо меояд: «*Китоб ҳама фурухта шуд*». Дар ҷумлаҳои типи «*Дарахт шикаст*» калимаи *дарахтро* ҳам ба маънои ҷамъ ва ҳам ба маънои танҳо фаҳмидан мумкин аст.

Дар забони тоҷики ифодаҳои типи **«солҳои сол», «асрҳои аср»** мавҷуданд, ки ин типи ифодаҳо суффикси ҷамъбанди мафҳуми **«бисёри»** -ро ифода мекунад, вале ба вазифаи муқаррариаш наомадааст. Вай ҳангоми такроршавии исмҳои «сол ва аср» омада дар муддати муайяну дурудароз ҳамчун ҷараён давом доштани амалиётро ифода мекунад.

Дар мавридҳои дигар, масалан ҳангоми истифодабарии исмҳои ифодакунандаи номи рӯзҳои ҳафта: рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои душанбе, сешанбе ва ғайра суффикси ҷамъбандии **–ҳо**, аз як тараф, дар ҳамоно як руз (**рӯзи душанбе, сешанбе** ва ғайра) такроршавии амалро ба маънои «ҳар рузи душанбе, сешанбе» ва ғайра ифода мекунад. Аз тарафи дигар, дар худи ҳамин ибораҳо вобаста ба маънои умумии ҷумла ва контекст мафҳуми тахминро ифода мекунад. Ҷумлаҳои зерин муқоиса карда шаванд: *Карим рузҳои истироҳат (ба маънои ҳар рӯзи истироҳат) бо падараш ба қишлоқ мерафт, Аҳмад таъин кард, ки рузҳои душанбе як ба наздаш равед.*

Мафҳуми тахмин дар ифодаҳои «соатхои шаш» ва амсоли онхо бештар равшан мегардад [7,121].

Дар ҳар ду забони муқоисашаванда ҳодисаи дар шакли ҷамъ омадани исм-мубтадо ва дар шакли танҳо омадани хабар низ мушоҳида карда мешавад, вале фарқият низ дида мешавад. Масалан, дар ҳар ду забон исми таркибии *the United States –Иёлоти Муттаҳидаи Амрико* дар шакли ҷамъ меистад.

Дар забони англисӣ калимаҳои twelve month «сол», fortnight «ду ҳафта», sinnight «ҳафта», a two-members sentence, a three-year-old child ва амсоли онҳо шаклан танҳо, вале ба ҷои шакли ҷамъ кор фармуда мешаванд, ки ин гуна ҳодиса дар забони тоҷикӣ нест. Баръакс дар забони тоҷикӣ исмҳои ҷомеъ аз кабили **«мардум, гала»** ва дигарҳо мавчуданд, ки дар забони англисӣ ин гуна калимаҳо миқдоран каманд. Калимаҳои зикрёфтаи забони тоҷикӣ: мардум, ғала дар шакли танҳо мафҳуми ҷамъро ифода мекунанд. Масалан, Мардум ҷамъ шуд, гала баргашт.

Вале баъзан ин гуна исмҳо суффикси ҷамъро низ қабул мекунанд: «*Мардумони бохирад андар ҳар замон*»
Гирд карданду гироми доштанд».

Баъзан дар ҳар ду забон исм дар шакли ҷамъ меистад, вале на мафҳуми ҷамъ, балки ба маъноҳои дигар кор фармуда мешавад. Масалан, дар ибораҳои забони англисӣ the blue heavens «*осмони кабуд*» the waters of Atlantic «*обҳои Укёнуси Атлантик*», калимаҳои heavens «*осмон*» ва waters «**об**» суффикси ҷамъро

қабул кардаанд, вале дар чунин ҳолат танҳо **«беохир»** будан дар масофаи зиёд мавҷуд будани ***heavens*** *and* ***waters***-ро ифода кардааст. Дар забони тоҷикӣ исмҳои шумориданашаванда, масалан исмҳои хос ва баъзе исмҳои ҷинс (об, гандум, равған) суффикси ҷамъро қабул карда метавонанд, ки тобишҳои гуногунро ифода мекунанд.

Суффикси –**ҳо** бо номҳои қаҳрамонҳои асар ва фамилияҳо низ истеъмол меёбад**: Одина-Одинаҳо, Қодиров-Қодировҳо**. Чунон ки маълум аст, дар мисоли якум суффикси –**ҳо** на Одинаҳои бисёре, балки одамони аз ҷиҳати вазъияти ҷамъиятиашон ба Одина монанд будагиҳо»-ро ифода мекунад. Дар мисоли дуюм Қодиров-Қодировҳо суффикси –**ҳо** ба як оила мансуб будани одамонро ифода кардааст. Истеъмоли суффикси –он бо номҳои таърихӣ: Сомони-Сомониён, Ғазнави-Ғазнавиён ва ғайраҳо низ айнан ҳамин мафҳумро ифода кардааст. Ин гуна хусусияти истифодабарии суффиксҳои ҷамъбанди ба забони англисӣ низ хос аст.

Баъзе хусусиятҳои дигари фарққунандаи забонхои муқоисашаванда дар масъалаи мазкур иборат аз зер аст.

Дар забони англисӣ шумораи ҷамъ дар исмҳои сода аз шумораи ҷамъ дар исмҳои мураккаб фарқ мекунад. Дар калимаҳои мураккаб суффикси ҷамъбанди одатан ба компоненти дуюм меояд:
Watch-maker-watch-makers, boy-friend-boy-friends.

Вале дар бисёр калимаҳои мураккаби забони англисӣ суффикси ҷамъбанди бо компонети якум низ меояд, ки чунин хусусият ба забони тоҷики хос нест: mother-in-law, mothers-in-law, passer-by-passers-by, man-of-war-men-of-war ва г.

Дар забони англисӣ ҳангоми бо фамилия омадани номи мансаб ду тарзи ифодаи категорияи ҷамъ дида мешавад, ки аз нуқтаи назари услуби аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Дар забони адаби суффиксҳои ҷамъбанди бо номи мансаб, ҳол он ки дар забони гуфтугуи ба фамилияҳо меояд: **the Misses Smith- Miss Smith.**

Дар забони англисӣ баъзе исмҳои танҳо дар шакли ҷамъ кор фармуда мешаванд. ба ин гуруҳ исмҳое дохил мешаванд, ки чуфти предметҳоро ифода мекунанд. Масалан, spectacles «**айнакчашм**», pincers tongs «**қайчи»** trousers «**шим**» ва ғайра.

Калимаҳои goods «**мол»**, embers «**хокистар**», dregs «**борон**», valuables «**чавоҳирот»** низ ба ин гуруҳ дохил мешаванд.

Баъзе исмҳои абстракт дар забони англисӣ танҳо дар шумораи танҳо меистанд, ҳол он ки ин гуна калимаҳо дар забони тоҷикӣ ҳам дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ кор фармуда мешаванд. Масалан, knowledge дониш, донишҳо, strength қувва, қувваҳо.

Баъзе исмҳо бо вуҳуди он ки суффикси ҷамъбандии –**s** доранд, ба маънои танҳо кор фармуда мешаванд ва аз ин ру феъл-хабар ҳам дар шакли танҳо меистад. Ба ин гуруҳ калимаҳои news «**навигари, навигариҳо**», a works «завод, заводҳо», a barracks «казарма-казармаҳо», mathematics «**математика»**, physics «физика», phonetics «**фонетика**» ва ғайраҳо дохил мешаванд [8,152].

Дар забони адабии ҳозираи англисӣ дар баъзе исмхо шаклҳои архаистии шумораи ҷамъ бо роҳи илова кардани анҷомаи ***en*** ва баъзан бо дигар шудани садонокҳои дохили реша нигоҳ дошта шудааст, ки чунин ҳодиса дар забони тоҷикӣ мушоҳида карда намешавад.

Шумораи танҳо		**Шумораи ҷамъ**	
man	мард	men	мардҳо

woman	зан	women	занҳо
tooth	дандон	teeth	дандонҳо
child	кудак	children	бачаҳо (гон)
mouse	муш	mice	мушҳо

Дар ҳар ду забони муқоисашаванда шаклҳои ҷамъи исмҳои иқтибоси мавҷуданд. Ин гуна калимаҳо ба забони англисӣ аз забони лотинӣ ва юнони ва баъзан итоляни, вале ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ дохил шудаанд.

Шумораи танҳо		**Шумораи ҷамъ**
basis	базис	bases
thesis	тезис	theses
analysis	анализ	analyses
crisis	кризис	crises
ax(e)	табар	axes
antenna	антена	antennae
phenomenon	ҳодиса	phenomena

Шумораи танҳо	**Шумораи ҷамъ**
фан	фунун
шоир	шуаро
шеър	ашъор
воқеъ	вақоеъ

Вале бояд қайд кард, ки шаклҳои ҷамъи исмҳои зикрёфта ба ҳолати ҳозираи забони тоҷикӣ хос нестанд. Бинобар ин шакли ҷамъи ин гуна исмҳо ба воситаи суффиксҳои ҷамъбандии тоҷикӣ –***ҳо, -он*** сурат мегирад:
шеър-шеърҳо, шоир-шоирон, фан-фанҳо ва ғайра. Аз тарафи дигар, қисме аз ин гуна калимаҳои шакли оддии арабӣ дар забони имрӯза ба ҳодисаи лексикализатсия дучор шуда, аз ҷихати маънои луғави-семантики аз ҳамдигар дур рафтаанд ва ба калимаҳои нав табдил ёфтаанд. Масалан, калимаи арабии «аъзо» шакли ҷамъи «**узв**»-и араби буда, ҳоло маънои дигар дорад [9,78].

Дар забони тоҷикӣ дар байни исмҳои шахс ва ғайришахс на танҳо аз ҷихати маъно, балки аз ҷиҳати қабул кардан ва накардани суффиксҳои ҷамъбанди фарқият дида мешавад, ки хусуияти мазкур ба забони англисӣ хос нест. Масалан, дар забони тоҷикӣ агар исмҳои ғайришахс бо шумораи миқдори ва нумератив оянд, суффикси ҷамъбандиро қабул намекунанд: *даҳ сар гусфанд, даҳ дона калам, даҳ бех дарахт* ва ғайра. Аммо исмхои шахс дар чунин ҳолат мувофиқи дили гуянда ё нависанда метавонанд дар ҳар ду шакл (дар шакли танҳо ва ҷамъ) оянд: *даҳ нафар колхозчи ва даҳ нафар колхозчиён* мувози истифода бурда мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ баъзе шумораҳо, масалан шумораҳои *даҳ, сад, ҳазор* суффикси ҷамъбандиро қабул мекунанд, ки хусусияти таъкидкуниро пайдо мекунанд. Дар айни замон исмҳое, ки бо ин шумораҳо омадаанд, суффикси ҷамъбандиро қабул мекунанд: «Ин гуна табрик ва талабҳо аз даҳҳо хонаҳо бо якбораги мебаромаданд», «Дар ин муддат садҳо колхоз ва совхозҳо ташкил шуданд».

Ниҳоят ҳаминро бояд қайд кард, ки забонҳои муқоисашаванда аз нуқтаи назари миқдори суффиксҳои ҷамъбанди, аз ҳам фарқ мекунанд. Дар забони тоҷикӣ ду суффикси ҷамъбандии исм **(-ҳо, -он)** ва вариантҳои **он (-гон, -вон, -ён)**, инчунин суффиксҳои чамъбандии иқтибосии арабӣ: **-от, (-вот, -ҷот): наботот,**

ташкилот, мевачот, сабзавот ва ғайра, суффикси –**айн**: тарафайн, кавсайн, зулфайн ва ғайра мавҷуданд. Дар забони англисӣ асосан як суффикси ҷамъбанди –(**e)s** мавҷуд аст. Суффикси ҷамъбандии англисии –*en*, чунон ки қайд карда шуд, кам истеъмол аст. Суффиксҳои ҷамъбандии тоҷикӣ **(-ҳо, -он)** аз ҷиҳати дараҷаи истеъмолиашон низ фарқиятеро зоҳир мекунанд.

Адабиёт

1. Абдоллов Н. Назарияи тарҷума. –Душанбе, 2005. – 48 с.
2. Азизов А. Руский язык. – Ҷ.1. Фонетика морфология. – Тошкент, 1956. – 175с.
3. Аҳадов Ҳ. Мафҳуми маҷоз ва киноя дар лексикографияи тоҷик // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980. – С.31-39.
4. Аҳадов Ҳ. Фарҳанги Рашидӣ ҳамчун асари лексикографӣ. – Душанбе: Дониш, 1981. – 120 с.
5. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе, 1991. - 128 с.
6. Бердиева Т. Тағйироти маънои калимаҳо дар забони тоҷикӣ. // Мактаби советӣ. - № 10. - 1979. – С. 24-26.
7. Бердиқулов Ҳ., Муродов С. Луғати мухтасари лексикаи чорводории водии Зарафшон. – Самарканд, 1991. – 136 с.
8. Бурҳонова Х. Баъзе хусусиятҳои семантикии лексикаи соҳаи кулолӣ //Мактаби советӣ. – № 11. – 1982. – 192 с.
9. Бухоризода А. Ба луғатомӯзӣ тайёрии ҷиддӣ бояд дид //Мактаби советӣ. – 1972, № 10. – С. 69-77.
10. Бархударов Л.С. Язык и перевод. – М.: Высшая школа, 1975. – 350 с.
11. Вазирова Х. Калимаҳои адабӣ дар таркиби лексикаи лаҳҷаи Ванҷ // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 155-162.
12. Влахов С.И. Непереводимое в переводе / С.И.Влахов С.И., С. П.Флорин. Изд.4. – Р. Валент, 2009. – 306 с.
13. Виноградов В.С. Введение в переводоведение / В.С.Виноградов. – М, 2002. – 320 с.
14. Виссон Л. Синхронный перевод с русского на английский /Л. Виссон. – М., 2002. – 540 с.
15. Виноградов В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины: Об основных типах фразиологичеких единиц в русском языке. – М., 1977. – 947 с.

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ИҚТИБОСОТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Туманов Саидмудасир Саидалиевич *– ассистенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992)985538050.*

Дар мақола таърихи пайдоиши иқтибосот дар забони англисӣ бо роҳу воситаҳои гуногун аз қабили: муносибатҳои дипломатӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ, ғасб шудани Британияи кабир ва ғайраҳо маълумот дода шудааст.

Дар мақола робитаҳои байниҳамдигарии забону фарҳангҳо чун як раванди табии ҷомеаи инсонӣ ва як падидаи иҷтимоӣ баррасӣ шуда, таъкид гаштааст, ки масъалаи мазкур ҳанӯз аз даврони қадим диққати донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Инчунин, дар мақола гуфта мешавад, ки бархӯрди давлатҳо ва ё қабилаҳои гуногунзабон муҷиби бою ғанӣ гардидани забонҳо мегарданд.

Калидвожаҳо: *забони англисӣ, забоншиносӣ, иқтибосот, муносибатҳои дипломатӣ, фарҳанг, тиҷорат, Британияи кабир.*

ИЗ ИСТОРИИ ПОЯВЛЕНИЯ ЗАИМСТВОВАНИЙ НА АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Туманов Саидмудасир Саидалиевич *– ассистент кафедры английской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992)9985538050.*

В статье говорится о появлении заимствований в английском языке, которые приняты различными способами: дипломатические, культурные, торговые отношения, завоевания Великобританией различных стран.

Автор анализирует лингвистические и культурные взаимоотношения как естественный процесс человека, а также социальных явлений, которые привлекают внимание исследователей с древнейших времен.

В статье подчеркивается противостояние между государствами или племенами, имевших различные языки, что и явилось причиной обогащения языков.

Ключевые слова*: английский язык, лингвистика, заимствований, дипломатические отношения, культура, торговля, Великобритания.*

FROM HISTORY OF APPEARANCE OF THE BORROWINGS IN ENGLISH LANGUAGE

Tumanov Saidmudasir Saidalievich *– assistant of English philology chair of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992)985538050.*

The article analyzes the appearance of borrowing in English language, which accepted by the different ways, such as: diplomatic, cultural, trade relation and the conquest of Great Britain by Normans, The Great Rome Empire etc.

The author analyses mutual linguistic and cultural relations as a natural process of human association, as well as social phenomena, attracting researcher`s attentions from ancient time.

The article telltale that, confrontation of the states or tribe which had different languages will be the reason of enriching languages.

Keywords: *English, Latin and Viking languages; linguistic; borrowings; the words concerned to time, heavenly body, technic's seaworthy; terms; enriching of the languages*.

Иқтибос натиҷаи робитаи фарҳангии байни ду забон ба ҳисоб меравад. Калимаҳои иқтибосӣ дар байни ду забон дар ҳар ду тараф роҳ меёбанд, аммо дар онҳо як нобаробарӣ вуҷуд дорад, ки бисёрии калимаҳо аз як тараф ба тарафи дигар мегузаранд. Дар ин ҳолат сарчашмаи забон ғанӣ гардида барои ҷомеаи забони иқтибосшуда натиҷаи дилхоҳ ва судманд медиҳад.

Вожаҳои иқтибосшуда дар забонҳои мухталиф ба бою ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аллакай дар чандин забонҳо чунин таъсиротҳо расонида шудааст, ки иқтибосот воқеан дар таркиби луғавии он дида мешаванд. Дар баъзе забонҳо дар давраҳои гуногуни таърих иқтибосҳо чунон таъсир расонидаанд, ки ҳатто калимаҳои ёрирасон ба монанди ҷонишинҳо, пешояндҳо, аз дигар забонҳо иқтибос шудаанд ва вожаҳои ёрирасони аслии забонро берун сохтаанд. Иқтибосшавӣ ҳамчун як раванд ба ҳар як забон хос аст, аз ҷумла он як қисми ҷудонашавандаи таркиби луғавии забони англисӣ ба шумор меравад.

Бо вуҷуди он ки забон зинда – падидаи доимо ташаккулёбанда мебошад, вожаҳои нав ба вуҷуд меоянд ва вожаҳои кӯҳна аз байн мераванд. Ва барои олимоне, ки дар бахши лексикология фаъолият мекунанд, бисёр масъалаҳои ба ҳаллу фасл ниёз доштаи вожагон, боқӣ мемонад.

Забони англисӣ дар раванди дурударози ташаккули худ миқдори зиёди калимаҳои хориҷиро қабул кардааст, яъне бо ин ё он роҳ дар таркиби луғавии забони англисӣ пайдо шудаанд. Дар қатори ин вожаҳо калимаҳои ёрирасон ва морфемаҳои калимасоз низ вуҷуд доранд.

Чунин миқдори зиёди калимаҳои иқтибосӣ дар забони англисӣ якчанд забоншиносонро водор сохт то тасдиқ намоянд, ки забони англисӣ мустақилона вуҷуд доштани худро аз даст додааст, ки он худро ҳамчун забони пайвандӣ (омезазабон) муаррифӣ мекунад.

Таърихи забони англисӣ дар муқоиса бо баъзе забонҳо хеле бой аст. Аз ҳамин сабаб дар он калимаҳои иқтибосӣ хеле зиёданд. Қабул намудани дини масеҳӣ, паҳн шудани забонҳои скандинавӣ ва романӣ дар Англия ва истилои ҳозираҳои Британия аз тарафи нормандиҳо рушди тиҷорат дар Британия ва робитаҳои фарҳангӣ боиси ташаккули таркиби луғавии забони англисӣ гаштаанд. Аксарияти калимаҳои иқтибосшуда дар забони англисӣ аз ҷиҳати талаффуз, грамматика ва имло, аз калимаҳои маҳаллии он ба таври кулли фарқ доранд.

Иқтибос натиҷаи робитаи фарҳангии байни ду забон ба ҳисоб меравад. Калимаҳои иқтибосӣ дар байни ду забон дар ҳар ду тараф роҳ меёбанд, аммо як нобаробар вуҷуд дорад, ки бисёрии калимаҳо аз як тараф ба тарафи дигар мегузаранд. Дар ин ҳолат сарчашмаи забон ғанӣ гардида барои ҷомеаи забони иқтибосшуда натиҷаи дилхоҳ ва судманд медиҳад. Масалан:

Қабилаҳои олмонӣ калимаҳои иқтибосии сершуморро аз забони лотинӣ қабул карда, онҳоро тавассути тиҷорат ба забони италиявӣ ворид карданд. Қисми зиёди калимаҳои забони олмонӣ ба забони лотинӣ гузаштанд.

Иқтибосшавии вожаҳо ба забони англисӣ давом доранд. Аммо шумораи иқтибосҳо дар забони англисӣ ба мисли пештара фаровон нестанд. Ҳамаи онҳо забони англисиро машҳур карданд, ки он забони муошираты асри XX гардид. Иқтибос ҳамчун воситаи ғанӣ гардонидани луғати имрӯзаи забони англисӣ мебошад, ки аҳамияти муҳим дошта, нисбатан танҳо дар соҳаи этимологияи илми иҷтимоию сиёсӣ бисёр истилоҳҳое, ки марҳилаҳои иқтибосиро ташкил мекунанд, бештар аз забонҳои қадима мебошанд.

Забони англисӣ умуман яке аз забонҳои аз лиҳози луғавӣ бой ба ҳисоб меравад. На ҳамаи забонҳо бо ин забон рақобат карда метавонанд. Бо ин қобилияти худ калимаҳоро аз дигар забонҳо ба худ қабул меунад. Он шабоҳати баҳреро мемонад, ки аз ҳар минтақаҳои ҷаҳон сарчашма мегирад.

Бе муҳобот метавон гуфт, ки забони англисӣ яке аз забонҳои тавоно ва пешрафтаи олам маҳсуб ёфта, теъдоди зиёди калимаҳое, ки паёдоиши ғайри асл доранд, мавҷуд аст.

Агар ба манбаи таърихии пайлоиши ин забон рушдкарда назар афканем, моро зарур аст, ки таърихчаи маҷрои сар задани онро дошта бошем. Дар қарни якуми то мелод, қисмати бузурги олам, ки имрӯз бо унвони Аврупо маълум аст, аз тарафи Империяи бузурги Рим забт гардида буд. Дар ҳамшафати мардуми забтгардида қабилаи олмониҳо низ шомил буданд. Дар натиҷаи мубодилаи фарҳангиву иқтисодӣ бо римиҳо дар рӯзгордориву шаҳрдории қабилаҳои олмонӣ дигаргунии ҷиддие ба чашм мерасид. Маҳз бо ҳамин робитаи наздик бо римиҳо вожаҳои зерини баёнкунандаи номи меваҳо ва зироатҳо аз забони лотинӣ аорид гардидаанд:

Олуболу (cherry аз лотинӣ cerasum), муруд, нок, нашпотӣ (pear – аз лот. pirum), олу (plum – аз лот. prunus), нахӯд (pea – аз лот. pisum), лаблабу (beet – аз лот. beta), қаламфӯр (pepper – аз лот. piper), пиёла (cup – аз лот. cupa), ошхона, матбаҳ (kitchen – аз лот. coquina), осиё (mill – аз лот. molina), бандар (port – аз лот. portus), шароб, май (wine – аз лот. vinum)[3].

Дар қарни панҷуми то мелод бошад, бархе аз қабилаҳои олионӣ, ба вижа инглисҳо ва саксонҳо тавассути баҳр ба ҷазираи Британия муҳоҷир гардиданд. Келтҳо бошанд қисме аз ҳудуди худро аз даст дода, сабаби воридшавии бархе аз вожагон, ба монанди “bald”, “down”, “glen”, “brad”, “cradle” ба таркиби луғавии забони англисӣ шомил гардиданд. Аслан он вожаҳое, ки аз забони келтӣ иқтибос шуда буданд, хусусияти ҷуғрофӣ дошта, номҳои макон, дарёву наҳр ва кӯҳҳоро ифода мекарданд. “Таачубовар он аст, ки ҳатто номи пойтахти Инглистон дар шакли “LIyn+dun” аз забони келтӣ ворид шудааст, яъне вожаи келтии “LIyn” муродифи вожаи “river – дарё” ва “dun – теппаи мустаҳкамкардашуда”, яъне дар маҷмӯъ маънии “қалъа дар болои теппа ва дарё – крепость на холме над рекой”-ро ифода мекунад. Бархе аз вожаҳои лотинӣ тавассути забони келтӣ ба забони англосаксонӣ иқтибос гардиданд, мисли *(streer –лот. strata via), (wall – лот. vallum)”* [1;46].

Таърихнигорон садаи ҳафтуми мелодиро давраи насронишавии Инглистон меноманд, ки он таъсири амиқи худро ба захираи луғавии забони англисӣ гузошт. Забони лотинӣ бошад, забони расмии калисову ибодатхонаҳои кишвар маҳсуб меёфт ва дар натиҷа як қатор истилоҳоти марбути дину расму русуми замон ба забони англисӣ ворид гардиданд, мисли *“рӯҳонӣ” (“priest”- аз лот. “presbyter”), “епископ, усқуф” (“bishop”- лот. “episcopus”), “роҳиб, шайх”*

("monk"- "monachus"), "роҳбарият" ("пип"- аз лот. "поппа"), "шамъ" ("candle" – лот. "candela").

Бетаасуф метавон тазаккур дод, ки истилоҳоти марбути соҳаи маориф низ манбаъ ва пайдоиши худро аз забони лотинӣ гирифтаанд, зеро мударрисони нахустдабистонҳои Инглистон, ки худ рӯҳониён ва шайхҳо ба шумор мерафтанд, тадрисро низ ба забони лотинӣ ба роҳ монда буданд. Истилоҳоти зерин таҳвияти гуфтаҳои мо хоҳанд буд: *"мактаб, дабтсион" ("school"), "мактаббача, талаба" ва "магистр" ("scholar" – лот. "scholar (-is)", "magister" – лот. "magister").*

Аз интиҳои қарни ҳаштум то миёнаҳои қарни ёздаҳ бошад, Инглистон зери ҳуҷуми муқаррарии скандинавиягиҳо қарор дошт, ки сабаби воридшавии як зумра вожагони забони скандинавиягӣ ба забони англисӣ гардид, ба мисли *"call (v.), take(v.), cast(v.), die(v.), law(n.), window(n.), husband (n.), ill(adj.), lose (adj.), low (adj.), weak (adj.)".* Баъзе аз иқтибосоти скандинавиягиро метавон бо ду ҳарфи аввал "sk-" аз дигар исмҳо фарқ кард: *sky, skill, skin, ski, skirt.*

Пас аз истилои скандинавиягиҳо бошад, нормандиҳо Инглистонро ба зери итоати худ даровардaнд. Дар натиҷаи робитаҳои фарҳангиву сиёсӣ таркиби луғавии забони англисӣ бой гардид. Вожаҳои фаронсавӣ тавассути лаҳҷаву шеваҳои нормандӣ ба ҳаёти ҷомеаи англисҳо ба ворид шудан оғоз карданд, ки дар поён мо аз ин истилоҳот ёдовар хоҳем шуд:

Истилоҳоти марбути соҳаи маъмурият: *state, government, parliament, council, power;* истилоҳоти ҳуқуқӣ: *court, judge, justice, crime, prison;* истилоҳоти ҳарбӣ: *army, war, soldier, officer, battle, enemy;* истилоҳоти соҳаи маориф: *pupil, lesson, library, science, pen, pencil;* вожаҳои ҳар рӯз истифодашаванда: *table, plate, dinner, supper, river, autumn, uncle.*[8]

Яке аз таҳавуллоте, ки дар ҷомеаи мутамаддини Инглистон ба вуқӯъ пайваст ин беандоза зоҳир намудани ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба тамаддуни қадим ва забони Юнону Рим буд. Забоншиносон ва адабиётшиносон тамаддун ва рушди ин давраро бо унвони давраи Эҳё баён мекунанд, зеро маҳз дар ҳамин давра дар таркиби луғавии забони англисӣ такони ҷиддие рух дод. Ин такон воридшавию иқтибосгардии вожаҳои бегона ба соҳаҳои гуногуни забони англисӣ буд. Аслан вожаҳои иқтибосшуда мафҳумҳои абстрактӣ *(major, minor, moderate, intelligent, permanent, to elect, to create)* ё истилоҳоти илмии ба санъат алоқамандбударо *(datum, status, phenomenon, philosophy, method, music)* фарогир буданд [3].

Бояд тазаккур дод, ки ин вожаҳо аз забони лотинӣ ворид гардида, ба забони лотинӣ аз забони юнонӣ иқтибос шуда буданд.

Бо гузашти давр иқтибосшавии калимаву истилоҳот аз дигар забонзои Арупо низ ба забони англисӣ идома ёфтанд, ки дар қатори онҳо вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ (routine, police, machine, ballet, matinee, scene, technique, bourgeois ва ғ.) ва итолёвӣ (piano, violin, opera, alarm, colonel, ва ғ.) дар муқоиса бо дигар забонҳо бештар ба чашм мерасиданд.

Аз ин рӯ, қисми зиёди таркиби луғавии забони англисиро вожаҳое, ки манбаи асосиашон ҷузъҳои ҳиндуаврупоиро созмон медиҳанд, фаро мегиранд. Ин вожаҳо низ дар навбати худ ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо мешаванд, ки дар зер аз онҳо ёдовар мегардем: вожаҳои марбути оила: *father, mother, brother, son, daughter;* вожаҳои марбути бахшҳои бадани инсон: *foot, nose, lip, heart;* вожаҳои марбут ба ҳайвонот: *cow, swine, goose;* вожаҳои марбути растанӣ ва гиёҳҳо: *tree, birch, corn;* вожаҳои марбути вақту рӯз: *day, night;* вожаҳои марбути ҷасмҳои

осмонӣ: *sun, moon, star;* сифатҳои серистеъмол, ба мисли: *red, new, glad, sad;* шумораҳои аз 1 то 100; феълҳои серистеъмол, ба монанди: *be, stand, sit, eat, know* [3].

Унсурҳои олмонӣ вожаҳоеро дар бар мегиранд, ки решаашон барои ҳамаи забонҳои германӣ як аст. Онҳо низ ба чанд гурӯҳ ё бахш ҷудо мешаванд: вожаҳои марбути бахшҳои бадани инсон: *head, hand, arm, finger, bone;* вожаҳои марбути ҳайвонот: *bear, fox, calf;* вожаҳои марбути растанӣ ва гиёҳҳо: *oak, fir, grass;* вожаҳои марбути зуҳуроти табиӣ: *rain, frost;* вожаҳои марбути фасли сол: *winter, spring, summer;* вожаҳои марбути хусусияти манзаравӣ дошта: *sea, land;* вожаҳои марбути манзилу маскани инсон: *house, room, bench;* вожаҳои марбути техникаи дарёгард: *boat, ship;* сифатҳои серистеъмол, ба мисли: *green, blue, grey, white, small, thick, high, old, good;* феълҳои серистеъмол, ба монанди: *see, hear, speak, tell, say, answer, make, give, drink* [8].

Як нуқтаро бояд тазаккур дод, ки дар қарни IX то мелод унвони "англисӣ" барои ифодаи ҳамаи лаҳҷаҳои олмонии робитаи хешигарӣ дошта, ки дар ҷазираҳои Британия доман густурда буданд, корбурд мегардид. Ҳамин тариқ забони англисии қадима чор лаҳҷаро (нортумбрӣ, мерсиӣ, усескӣ ва кентӣ) доро буд, ки ҳар яки онҳо тавонистанд, саҳми худро баҳри ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони англисӣ гузоранд.

Чун дар боло ишора рафт, "дар рушд ва ғановатгардии таркиби луғавии забони англисӣ саҳми забонҳои скандинавиягӣ беандоза бузург аст, ки бархе аз вожагони иқтибосшуда номгӯи бархе аз бахшҳои бадани инсонро ифода менамуданд, *ба монанди "calf" ("мушаки соқи пой" (пойҳо)), "leg" ("пой, соқи пой"), "skin" ("пуст") ва "skull" ("косаи сар, косахонаи сар"); номи баъзе аз ҳайвонот: "bull" ("барзагов, наргов"), "kid" ("бача, бачаи аз модар ҷудонашудаи ҳайвонот") ва "rein (deer)" ("гавазни шимолӣ"); исмҳои умумиистеъмол: "anger" (хашм, ғазаб), "axle" ("тир, меҳвар"), "band" ("даста, тасма"), "bank" ("хоктеппа, соҳили дарё"), "bith" ("таваллуд"), "boon" ("хайр, некӣ"), "crook" ("чангак, гулмехи сархам"), "dirt" ("чирк, қарқ"), "down" ("пар"), "dregs" ("пасафкандаҳо, партовҳо"), "egg" ("тухм"), "gait" ("рафтор, гашт"), "gap" ("тарқиш, шикоф"), "girth" ("дастак, хода"); сифатҳо: "awkward" ("лаванд, даҒал"), "flat" ("ҳамвор"), "happy" ("хушбахт"), "ill" ("бемор"), "loose" ("озод"), "low" ("паст"), "odd" ("аҷоиб"), "tight" ("зич"), "ugly" ("безеб"), "weak" ("суст"); феълҳои серистеъмол: "call" ("ҷеғ задан"), "cast" ("партофтан"), "clasp" ("пахш кардан"), "die" ("аз дунё рафтан"), "droop" ("овезон (хам) будан")"* [3].

Агар аз як тараф ба рушду нумӯи забони англисӣ дар садаи XV омилҳои чун тадвину нашри як зумраи асарҳои бадеӣ ва таҷаддуди адабиётшиносони классик мусоидат карда бошад, аз тарафи дигар эҳёи нашрхонаҳову робитаи густурда бо ҳамсарҳадон сабаби манзалати воло пайдо кардани он гардид. Воқеан, саҳми вожаҳои лотинии иқтибосгашта дар ин ҷода хело бузург буд, зеро номгӯи ҳафт илм *"grammar" (грамматика), "logic" (мантиқ), "rhetoric" (риторика, илми маонӣ ва баён; илми суханпардозӣ), "arithmetic" (ҳисоб), "geometry" (ҳандаса), "astronomy" (астрономия, илми ҳайат, ситорашиносӣ, нуҷум), ва "music" (мусиқӣ)*дар макотиб тадрисшаванда, ки худ манбаи юнонӣ доштанд, сафи сохтори луғавии забони англисиро пур намуданд.

Адабиёт

1. Антрушина Г.В., Афанасьева О.М., Морозова Н.Н. Английская лексикология. – М.: Высш.шк., 2001. – 342 с.
2. Arakin V. D. Essays on history of English language (the fourth essay, essay of the development of lexical structure of the English language) Moscow: Uchpedgiz, 1955.
3. Arakin V.D. Comparative typology of English and Russian language. – Moscow: Prosveshenie, 1989.
4. Arakin V.D. History of English language. Moscow: Prosveshenie. 1985,
5. Англо-русский биологический словарь. Сост. И.Н.Афанасьева и др. Советская энциклопедия, 1979. – 732 с.
6. Англо-русский лингвострановедческий словарь = Americana: English-russian encyclopedic dictionary/ Под ред. и общ. рук. Г. В. Чернова; [В. Н. Беляков, М. В. Васянин, О. Н. Гришина и др.]. - Смоленск: Полиграмма, 1996. - XXI, 1185 с.
7. Андреев С.М., Васицкий К.К. Англо-русский словарь научно-технической терминологии /English – Russian Dictionary of scientific and technical terminology. – Харьков: ФАКТ, 1995. – 570 с.
8. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ //StandardEnglish-TajikDictionary. – Душанбе Эр-граф, 2011. –1015 с.
9. Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Ҷилди 1. А – Н. – Душанбе, 2008. – 950 с.
10. Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷилди 2. О – Я. – Душанбе, 2008. – 945 с.

ИНСОНИ ХИРАДМАНД ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ

Саркоров Наврӯз *– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Шарқи наздики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992)900 88 58 36.*

Дар мақола ғояҳои шоири бузурги форсу-тоҷик Абулқосими Фирдавсӣ оид ба хирад ва инсони хирадманд дар ҳамосаи бузург–“Шоҳнома” таҳлил шудааст. Фирдавсӣ ба инсони бохирад дар “Шоҳнома” арҷ ва этироми бузург гузоштааст. Бартарини сифати Офаридгори ҷаҳон, ин аст, ки Худованди ҷону хирад аст.

Калидвожаҳо: *Абулқосими Фирдавсӣ, “Шоҳнома”, инсон, хирад, инсони хирадманд, маърифат, рӯзгор, хушбахтӣ.*

РАЗУМНЫЙ ЧЕЛОВЕК В “ШАХНАМЕ” АБУЛКОСИМА ФИРДАВСИ

Саркоров Навруз - *кандидат филологических наук, доцент кафедры языков Ближнего Востока (ближневосточных языков) Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.:(+992)900 88 58 36.*

В данной статье автор анализирует взгляд на разум и разумного человека в книге известного персидско-таджикского поэта 10-го века Абулкосима Фирдавси. Фирдавси всячески наставляет читателя к усовершенствованию своего разума путем обучения, чтения и добродетельности. По словам Фирдавси разум- это высшая сущность Всевышнего и самого Всевышнего можно познавать только посредством разума.

Ключевые слова: *Абулкосим Фирдавси, “Шохнома”, человек, разум, познание, жизнь, счастье.*

THE MINDED MAN IN “SHAKHNAME” OF FIRDAUSI

Sarkorov Navruz *– candidate of philology, associate professor of the Oriental Philology chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. phone: (+992)900 88 58 36.*

In this article author analyzed Persian poet Firdausi’s ideas about intellect and minded man in his great and famous book “Shahname” – The Book of Kings. Firdausi has great cognitive thots for all of humanity about intellect and human who study. Firdausi say: the intellect looks like a sew, which defend human in different situation, even take all of his material things. God take to human the intellect as a great value.

Keywords: *intellect, human, minded man, life and dead, happiness, God, labour, humanity.*

Фирдавсӣ, бар хилофи бисёре аз “Шоҳнома” ва “Худойнома”- нависони замони худ ровии амине нест, ки ҳар достон бо чанд ривоят нақл кунад. Ӯ файласуфи соҳибназаре аст, ки дар достонҳои таърихӣ аз пайи маъно ва мафҳуми таърихӣ мегардад. Фирдавсӣ фалсафа ва ҷаҳонбинии худро, ки аз дарки таърих касб карда, дар либоси достонҳо баён мекунад. Ҳамин вахдати ҷаҳонбинӣ аст, “Шоҳнома”-ро бо вуҷуди ин ки давраҳои гуногуну замони бисёр тӯлониро дарбар гирифта ва достонҳои мухталифро шомил мешавад, ба сурати якпорча ва воҳиде даровардааст.

Бисёре аз шоҳномашиносон бар ин назаранд, ки Фирдавсӣ қисмҳои мухталифи “Шоҳнома”-ро дар замонҳои гуногун суруда ва достонеро, ки дар васати “Шоҳнома” оварда дар давраи ҷавонӣ пеш аз оғози “Шоҳнома”-и аслӣ ба назм дароварда ва пас дар “Шоҳнома”-и худ ҷо додааст. Даст бурдани Фирдавсӣ ва ислоҳи доимии он, пас аз радди “Шоҳнома” аз тарафи Маҳмуд Ғазнавӣ- то поёни умр низ ба назар комилан табиӣ мерасад. Наметавон бовар кард, ки Фирдавсӣ чунин асари пурарзишро дар канори худ дошта ва онро ҳар чанд гоҳ навозиш накарда ва дар ғанои он кӯшиш накарда бошад.

Аммо ҳамаи ин навъи таҷдиди назарҳо ва ислоҳҳо дар мавриди асаре чун “Шоҳнома” танҳо замоне мақдур аст, ки муаллиф ҷаҳонбинии равшане дошта ва онро меъёри кори худ қарор дода бошад.

Фирдавсӣ ҷаҳонбинии мушаххасу равшане дорад.

Баҳси ҷудогона аз ҷаҳонбинӣ ва ё андешаҳои фалсафии Фирдавсӣ душвор аст, чаро ки ин усул дар саросари “Шоҳнома” мунъакис шуда ва ҷудо аз матну дур аз дастрасӣ аст. Бо ин ҳол ёдоварии чанд нуктаи аслӣ, ба шарте, ки фақат ба қасди маътуф сохтани таваҷҷуҳи донишмандон ба ин мавзӯъ бошад ва шояд дар зимни он ба дарки “Шоҳнома” кӯмак кунад. Мо ба ҳамин манзур аз чанд гуфтори аслии фалсафӣ, ки Фирдавсӣ ба таври барҷастае дар “Шоҳнома” мадди назар дошта, ибрози назар менамоем.

1. Хирад

“Шоҳнома” Бо ин байт оғоз мешавад:

Бо номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша бар нагзарад [1, 25].

Бартарин сифати Офаридгори ҷаҳон, ин аст, ки Худованди ҷону хирад аст. Худи Ӯ-ро аз роҳи хирад наметавон шинохт. Ҷону хирад, ки худ офаридаанд наметавонанд ба Офаринанда роҳ ёбанд. Дар ин маврид чорае нест ҷуз ин ки ба ӯ имон оварӣ:

Хирадрову ҷонро ҳаме санҷад ӯ,
Дар андешаи сахта кай гунҷад ӯ?
Ба ҳастиш бояд, ки хасту шавӣ,
Зи гуфтори бекор яскӯ шавӣ [1, 26].

Аммо ҳар он чи ҷуз Худост, ҳар он чи офарида аст ва фуруд аст хирад аст, аз роҳи хирад шинохтанӣ ва дарёфтанӣ аст ва бар асоси хирад устувор мебошад.

Хирад беҳтарин додаи Эзад аст:
Хирад беҳтар аз ҳарчӣ Эзад-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод [1, 26].

Ғам ва шодии инсон ба хирад вобаста аст. Сарнавишти инсон баста ба худи ӯст. Зеро чӣ дар ин ҷаҳон ва чӣ дар он ҷаҳон хирад таъйин кунанда аст:

Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳарду сарой,

Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯят ғам аст,
Аз ӯят фузунӣ, аз ӯят кам аст...
Аз уйӣ ба ҳарду сарой арҷманд,
Гусистахирад пой дорад ба банд [1,27].

Супурдани сарнавишти инсон ба дасти хирад , вобаста кардани "ҳарду сарой" ва фузунию костиаш ба хирад, рукни аслии ҷаҳонбинии Фирдавсӣ аст. Тардиде нест, ки Фирдавсӣ яктопарасти мӯътақид ва муъмине аст. Вале ӯ Кирдигор ҷаҳонро дар ҳар кори неку бад ба миён намекашад. Асоси ҷаҳонро бар хирад устувор медонад, ки нахустини офариниш аст.

Нахуст офариниш хирадро шинос.
Нигаҳбони ҷон асту они сипос [1, 27].

Он чи бар хирад устувор аст эзидист, ва он чи дур аз хирад бошад, кори девонагон аст, марз миёни дуруст ва нодуруст, пазируфтанӣ ва нопазируфтанӣ хирад аст. Низоми сиёсие,ки бар хирад устувор бошад, рафторе, ки нохирадмандона бошад, нодуруст ва мавриди пазириш нест.

Фирдавсӣ ба вижа дар мавриди шоҳҳон ва низоми ҳукуматӣ хирадро ҳамвора довар мегирад. Низоме, ки бар асоси хирад кор мекунад, меписандад ва аз он пуштибонӣ мекунад ва низоме, ки бар пояи бехирадона фаъолият мекунад, намепазирад. Беҳтарин сифати шоҳҳон, дастурон(вазирон) ва хирадмандон додгарӣ аст.

2. Инсони хирадманд

Хиради Абулқосими Фирдавсӣ сухани муҷаррад(абстрактӣ) ва овезон миёни замину осмон нест. Инсон ё ба қавли "Шоҳнома" " мардум"- қуллаи офариниш аст. Инсон бояд худро бишиносад, қудрати худро дарёбад ва барои сохтани ҷаҳони шоисти а зист бичангад.

Ситоиши инсон хоси Фирдавсӣ нест, дар бисёре ҷараёнҳои мазҳабӣ-фалсафӣ пеш ва пас аз Фирдавсӣ- аз ҷумла дар ислом-ин назар баён шуда ва чӣ дар замони Фирдавсӣ ва чӣ пас аз ӯ бисёре аз нависандагон ва шоирон инсонро чун " ашрафи махлуқот" сутудаанд.

Фирдавсӣ инсони ба таври куллиро ашрафи махлуқот намедонад; инсони хирадманд, инсони пазирандаи ҳушу хирадро бартарин мешуморад. Инсони Фирдавсӣ бар "руҳӣ қӯдсӣ" камтар сару кор дорад, ӯ бештар заминист. Вале ба вижа инсони Фирдавсиро аз инсони маъмулии ашрафи махлуқот ҷудо мекунад, пайкорҷуйи ӯст. Ба байтҳои "Шоҳнома" менигарем ва мебинем, ки Фирдавсӣ инсонро бо чӣ шӯру ишқ тавсиф мекунад ва чӣ гуна ба пайкору худшиносӣ фаро мехонад:

Чу з-ин бугзарӣ, мардум омад падид,
Шуд он бандҳоро саросар калид.
Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад корбанд.
Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.
Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,
Ки маънии мардум чӣ бошад яке.
Магар мардумӣ хира донӣ ҳаме,
Ҷуз инро надонӣ нишоне ҳаме.
Туро аз ду гетӣ баровардаанд,

Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд.
Нахустини фитрат, пасини шумор,
Туӣ, хештанро ба бозӣ мадор [1,31].

Ин “мардум”, ин калиди ва пазирандаи ҳуш, рой ва хирад, ин сарафрозию хирадмандӣ, ки сараш чун сарви афрохта, бояд худро бишиносад ва ҷойгоҳи худро дар зиндагӣ бидонад. Туӣ инсон! Нахустини фитрат ва пасини шумор. Туро аз ду гетӣ баровардаанд. Ҳақ надорӣ худро нотавон шуморӣ. Ту эй инсон, ки табиат ва Худо ин ҳама ба ту додаанд бидеҳкор ва муваззафӣ, ки сарбаланд зиндагӣ кунӣ, худро ба пастӣ наолоӣ, дар баробари қудратҳои нопойдори рӯзгор таслим нашавӣ!

Фирдавсӣ дар лаҳзаҳое, ки аз хашм бар ҳама чиз мешӯрад, ба худ, яъне ба инсони хирадманд, ҳақ медиҳад дар дурустии назми ҷаҳон тардид кунад. Ӯ дар оғози трагедияи басо зебо ва дардноки Сӯҳроб, забон ба шиква мекушояд ва мегӯяд:

Агар тундбоде барояд зи кунҷ,
Ба хок афканад норасида турунҷ.
Ситамкора хонам-ш, ар додгар,
Ҳунарманд гӯям-ш, ар беҳунар?
Агар марг додаст, бедод чист?
Зи дод ин ҳама бонгу фарёд чист? [3,189].

Вале, Фирдавсӣ зуд ором мешавад ва дар баробари ин розҳои нуҳуфтаи табиат, лаб фурӯ мебандад:

Дил аз нури имон гар огандаӣ,
Туро хомӯшӣ беҳ, ки ту бандаӣ [2,190].

Ба назари Фирдавсӣ инсон фақат дар баробари Худо ва рози нуҳуфтааш банда асту бас. Дар ҳама ҷойи дигар, дар баробари афлок ҳам, инсон бартар аст ва бояд ҳайсияти худро бидонад ва ҳифз кунад:

Чунончӣ:

Алоё, дилорой чархи баланд,
Чӣ дорӣ ба пирӣ моро мустаманд?
Чу будам ҷавон дар барам доштӣ,
Ба пирӣ маро хор бугзоштӣ,
Ҳамин зард гардад гули комгор,
Ҳамин парниён гардад аз ранҷи хор.
Дутоӣ шуд ин сарви нозон ба боғ,
Ҳамон тира гашт он гиромӣ чароғ.
Пур аз барф шуд кӯҳсори сиёҳ,
Ҳаме лашкар аз шоҳ бинад гуноҳ.
Ба кирдори модар будӣ то кунун,
Ҳаме рехт бояд зи ранҷи ту хун.
Вафову хирад нест наздики ту,
Пур аз дардам аз ройи торики ту,
Маро кош ҳаргиз напарвардаӣ,
Чу парварда будӣ, наёзурдаӣ.
Ҳар он гаҳ к-аз ин тирагӣ бугзарам,
Бигӯям ҷафои ту бо доварам.
Бинолам зи ту пеши Яздони пок,
Хӯрушон ба сар бар параканда хок [7,165-166].

Ҳаким Фирдавсӣ медонад, ки чархи баланд дар ин ҷо кореро наметавонад анҷом диҳад. Низоме, ки бар ҷаҳон ҳоким аст, мавриди эътирози ӯст. Ҳам ин назми умумии офариниш, ки неруи ҷавонӣ ва заъфи пирӣ меоварад ва ҳам ба вижа он низоми ичтимоие, ки инсонро дар пирӣ "мустаманд" медорад. Фирдавсӣ ин низомро оқилона ва одилона намешуморад ва бар зидди он мешурад ва барои ин ки куфраш ошкор набошад "чархи баланд"-ро баҳона мекунад.

Посухи "чархи баланд" дар баробари ин куфри, шиканандаи шахсияти инсонии Фирдавсӣ нест. Баръакс, инсонро боло ва болотар мебарад, ва ба ҷое мебарад, ки бартар аз коинот аст:

Чунин дод посух сипеҳри баланд,
Ки эй "пирӣ гӯяндаи бегазанд,
Чаро бинӣ аз ман ҳаме некӯ бад?
Чунин нола аз донишӣ кай сазад?
Ту аз ман баҳар борае бартарӣ,
Равонро ба дониш ҳаме парварӣ"...
Бад-ин ҳар чӣ гуфтӣ маро роҳ нест,
Хуру моҳ аз ин дониш огоҳ нест [7,166].

"Сипеҳри баланд" ба "гӯяндаи бегазанд" ба инсони донишманд ёдрас мекунад, ки ӯ аз ҳар бора аз коинот бартар аст ва агар ҷонибе аз назми ҷаҳон бар инсон шинохта ё қобили дарк нест. Инсон набояд ҷуз дар баробари Худо дар баробари ҳеҷ офаридае, ҳатто дар баробари чархи баланд сар хам накунад ва набояд бинолад. Ин эътиқоди Фирдавсӣ ба бузургии инсон ва бартарии ӯ аз чархи баланд дар сартосари "Шоҳнома" мунъакис аст ва аз инҷост, ки Рустам - ин инсони намунаи "Шоҳнома" – низ худро дар лаҳзаи ҳассос бартар аз афлок медонад ва мегӯяд:

Ки гӯяд бирав дасти Рустам бубанд,
Набандад маро даст чархи баланд! [6, 348].

3. Зиндагӣ ва марг

Бузургӣ ва шахсияти волое, ки Абулқосими Фирдавсӣ барои инсони хирадманд қоил аст, вақте равшан ва муҷассам мешавад, ки фалсафаи ӯро дар бораи марг ва зиндагии инсон мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Медонем, ки оддитарин ва маъмӯлтарин андеша дар бораи марг ва рӯзгори Фирдавсӣ боварии мазҳабӣ аст, ки бинобар он инсон бар асари марг аз ҷаҳони фонӣ ба ҷаҳони боқӣ меравад ва бад - ин тартиб инсони заволёбанда ва миранда барои худ навъи ҷовидонагӣ меофаринад. Ин боварро ҳама яксон надоранд. Баъзе дар вуҷуд доштани он ҷаҳон тардид мекунанд ва маргро фоҷиаи ғамангез мешуморанд ва баҳрагирию лаззат аз ҳар дами зиндагиро фаротар аз ҳар арзише ба қалам медиҳанд. Бархе бо бовар ба ҷаҳони боқӣ чунон унс мегиранд, ки зиндагии мавҷудро танҳо тадорук барои зиндагии он ҷаҳонӣ мепазиранд. Дар ҳар сурат зистан маъно ва мафҳуми воқеии худро аз даст медиҳад.

Абулқосими Фирдавсӣ бо он ки ҷо-ҷо аз вуҷуди "ду сарой" сухан мегӯяд, масъалаи маргу зиндагиро бо ин ду ҷаҳон мустақиман иртибот намедиҳад. Дар ҳеҷ ҷойи "Шоҳнома"- то он ҷое, ки медонед танҳо дар ду маврид – ба инсон ваъдаи биҳишт намедиҳад ва ӯро аз дӯзах наметарсонад.

Марг аз назари Фирдавсӣ амри ҳатмӣ аст. Ӯ ба сурати доимӣ рӯйи ҳатмӣ будани марг, рафтанӣ будани инсон таъкид мекунад. Ҳеҷ касро дар ҳар мақоме, ки бошад гурез аз марг нест:

Чунончӣ:

Ҳама корҳои ҷаҳонро дар аст,
Магар маргро, к-он дари дигар аст [6, 390].

Ё:

Зи модар ҳама маргро зодаем,
Ба ноком гардан бад- ӯ додаем [4,142].

Ва дигар.

Намонад касе зинда андар ҷаҳон,
Далерону корозмуда меҳон.
Зи мурдан марову туро чора нест,
Дирангитар аз марг патёра нест [7, 497].

Фирдавсӣ саъй мекунад, ки фонӣ будани фардро барҷаста нишон диҳад. Ба вижа дар муқобила бо шоҳон ва қудратмандони даврон, ки ба худ ғарра мешаванд, Фирдавсӣ маргро ёру ёвари худ мешиносад ва онҳоро мавриди хитоб қарор дода мегӯяд:

Агар з-оҳанӣ, чарх бигдозадат,
Чу гаштӣ кухан низ нанвозадат,
Куҷо он бузургони бо тоҷу тахт?
Куҷо он саворони пирӯзбахт?..
Ҳама хок доранд болину хишт,
Хунук он ки ҷуз тухми некӣ наҳишт [7, 270-271].

Шояд чунин намояд, ки Фирдавсӣ бо ин ҳама таъкид оид ба фонӣ будани ин ҷаҳон ва бо ин навъи беэътиноӣ ба он ҷаҳон инсон дар интихоби шеваи зиндагӣ озод мегузорад, чунончӣ агар таъкиди бар дӯзаху биҳишт набошад, мӯъмине ниёзи ба роия намудани қоидаҳои марбута ба он наҳоҳад дошт. Мӯъмине, ки аз дузах наҳаросад дар анҷом додани ҳар коре ва интихоби ҳар шеваи зиндагӣ озод мебошад. Вале Фирдавсӣ дар айни ҳол чандон коре ба сарои дигар надорад ва қоидаҳои зиндагии ин ҷаҳонро бо меъёри пазириш дар он ҷаҳон намесанҷад, дар бораи наҳваи зиндагии инсон дар ин “сарои сипанҷ” бисёр сахтгир аст. Ӯ ба навъи дигари ба ҷовидонагӣ, ҷовидонагии ному нанг бовар дорад. Тани инсон фонӣ аст, аммо ном ё нанги ӯ дар ин ҷаҳон мондагор аст.

Пас, бояд чунон зист, ки номи нек ҷовидона бимонад.

Гударз хитоб ба Пирони Виса(паҳлавони туронӣ) мегӯяд:

Ки кас дар ҷаҳон ҷовидона намонд,
Ба гетӣ ба мо ҷуз фасона намонд.
Ҳамон ном бояд, ки монад баланд,
Чу марг афканад сӯйи мо бар каманд.
Замона ба маргу ба куштан якест,
Вафо бо сипехри равон андакест [5,142].

Аз марг чора нест, пас инсони бузург, паҳлавони сутудаву далер бояд шеваи хуби мурданро бидонад ва мардона бимирад. Гев дар набард бо душман ба истиқболи марг меравад. Ӯ медонад, ки “Намонад касе зинда андар ҷаҳон” ва натиҷа мегирад, ки:

Чу пеш омад ин рӯзгори дурушт,

Туро рӯй бинанд беҳтар, ки пушт [3,497].

Рустам бузургтарин паҳлавон ва мардонатарин чеҳраи “Шоҳнома” ва он гоҳ, ки худро рӯ ба рӯйи марг мебинад, танҳо як нигаронӣ дорад: мурдан ба ном. Рустам ба симурғ рӯ оварда мегӯяд:

Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Ба гетӣ намонад ба ҷуз мардумӣ.
Ба номи накӯ гар бимирам равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост [6, 395].

Фирдавсӣ дар бораи паҳлавонони бузурги туронӣ, ки дар ҷанг бо Эронанд аз ин бузургворӣ дареғ намекунад. Ӯ мекушад то марги паҳлавонон, паҳлавонони тураниро ҳам шукуҳманд тавсиф кунад, ба зиллат кашонидани мардони бузург-чӣ дӯст ва душман-шарти мардонагӣ нест.

Пирони Виса дар тӯли умри худ хирадмандона зиста, дар роҳи сулҳу дӯстӣ миёни Эрону Турон заҳматҳои зиёде кашидааст. Пас, шоиставу сазовар аст, ки зебо ва шукуҳманд бимирад.

Гударз, дар набард бо Пирон бар ӯ даст боло мешавад. Ба поси гузаштаҳо мекӯшад, ки ӯро аз марги ҳатмӣ наҷот диҳад. Ба ӯ пешниҳод мекунад, ки ҷони худро бихарад. Марг наздик аст. Пирон онро мебинад. Аммо ба зинҳор хостан майле надорад.

Гударз Пиронро мавриди хитоб қарор дода мегӯяд:

Чу корат чунин гашт, зинҳор хоҳ
Ба ҷон, тот зинда барам назди шоҳ.
Бубахшоядат шоҳи пирузгар,
Ки ҳастӣ чу ман паҳлави пирсар [5, 170].

Пирон ба Гударз посух медиҳад:

Бад-ӯ гуфт Пирон, “ки ин худ мабод
Ба фарҷом бар ман чунин бад мабод.
К-аз ин пас маро зиндагонӣ бувад.
Ба зинҳор рафтан гаронӣ бувад” [5, 170].

Марг ҳаҚ аст. Ҳама рафтанӣ ҳастем. Танҳо масъала ин аст, ки чӣ гуна биравем ва чӣ барҷой гузорем:

Ман андар ҷаҳон маргро зодаам,
Бад-ин кор гардан туро додаам...
Саранҷом марг аст з-у чора нест,
Ба ман бар бад-ин ҷой патёра нест [5, 170].

Пас:

Маро марг беҳтар аз он зиндагӣ,
Ки солор бошам кунам бандагӣ [5,170].

Касоне, ки дар роҳи ҳадафи мушаххас меҷанганд ва мардона мемиранд, онҳое, ки хунашон баҳри дифо аз меҳан рехта шуда, бо марги худ зиндагӣ ёфтаанд. Онон намирандаанд. Ҷовиданд:

Намурдаст ҳаркас, ки бо коми хеш,
Бимирад, биёбад саранҷоми хеш [5,197]

Биниши Абулқосими Фирдавсӣ дар бораи марг ва зиндагии шоҳҳон ва қудратмандон дар “Шоҳнома” бо зиндагӣ ва марги паҳлавонону бузургон тафовут дорад. Марги шоҳҳон шукуҳманд нест, ибратангез аст. Фирдавсӣ ҳамвора онҳоро сарзаниш мекунад, ки ҳар қадар ҳам ганҷ биандӯзед:

Саранҷом ҷойи ту хокасту хишт,

Ҷуз аз тухми некӣ набояд-т кишт [9, 237].

Масъалаи дигаре, ки дар ин мақола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, инсон ва мақому шахсияти ӯ аз назари Ҳофиз аст. Бинобар андешаи муаллиф Ҳофиз инсонро аз ҳама мавҷудот боло медонад ва барои хушбахтии ин инсон орзӯи «мулки офият»-е мекунад, ки пояи он дар ҳамин олам гузошта шудааст. Хусусияти ин ҷамият он буда, ки дар он руё риё ва зулму ситам нест. Зебу ороиши «мулки офият» - ро ба андешаи муаллиф ишқ ташкил медиҳад. Вобаста ба ин масъала муҳаққик сабабҳои мақоми баланд доштани ишкро дар ғазалиёти Ҳофиз баррасӣ менамояд. Бино ба гуфтаи Шарифҷон Ҳусейнзода дар тасвири

Ҳофиз ишқ моҳияти аслии инсон будани инсон аст: «Инсонро аз дӯст доштан маҳрум кардан, моҳияти аслӣ, яъне инсонии ӯро инкор кардан аст» [3,153].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Ш. Ҳусейнзода бар хилофи баъзе муҳаққиқони тоҷик Ҳофизро муқобили хурофоти динӣ медонад, на зидди дин. Ба ҳамин минвол дар хотима сабабҳои маҳбубияти Ҳофиз матраҳ гардидааст. Мақолаи дигари устод Ш. Ҳусейнзода «Ҳеҷ хушдил написандад, ки ту маҳзун бошӣ» низ ба баррасии рӯзгор ва осори Ҳофиз бахшида шудааст. Дар ин мақола бештар ҳунари шоир ва мӯҳтавои ашъораш таҳлил шуда, мақоми Ҳофиз дар адабиёти форсу тоҷик бо далоили илмӣ собит шудааст.

Илова бар мақолоти зикршуда устод Ш. Ҳусейнзода китобҳои дарсӣ барои макотиби миёна навиштаанд, ки дар онҳо низ рӯзгору ашъори Ҳофиз баррасӣ ва тарғиб шудааст. Дар байни китобҳои дарсии адабиёт барои мактабҳои миёна навиштаи донишмандон китоби усдот Шарифҷон Ҳусейнзода «Адабиёти тоҷик, барои синфи 8» мақоми аввалинро ишғол мекунад. Ин китоб солҳои дароз ба сифати китоби дарсии мактаби миёна истифода шуда ва чандин маротиба бо теъдоди зиёд ба нашр расидааст. Аксари донишмандоне, ки баъд аз Ш. Ҳусейнзода китоби дарсии адабиёт барои мактаби миёна навиштаанд, адабиётро аз ин китоби устод омӯхтаанд.

Шарифҷон Ҳусейнзода барои хубтар ошно сохтани хонандагон бо рӯзгор ва осори Ҳофиз ҳаёт ва эҷодиёти шоирро ба қисматҳо ҷудо намуда, баррасӣ намуданд:

Овони ҷавонӣ. Устод Ш.Ҳусейнзода дар ин қисмат бо забони соддаву равон, ки ба фаҳми талабагони синфи ҳаштуммувофиқ аст, аввалан перомуни шӯҳрати Ҳофиз ва мақоми ӯ дар адабиёти форсу тоҷик сухан карда, баъдан доир ба айёми кӯдакӣ ва ҷавонии шоир баҳс мекунад.

Қисмати дуюмро устод «Ҷустуҷӯ дар роҳи шоирӣ ва инсони комил» унвон гузошта, дар бораи таҳсили шоири бузург, устодони вай маълумот дода, ҳамзамон талоши ӯро барои барои расидан ба камол бо овардани шоҳидҳои шеърӣ асоснок кардаанд. Дар ин қисмат муаллиф ашъори дар бораи омӯхтани илму дониш гуфтаи шоирро таҳлилу хулосабарорӣ намуда, қайд мекунанд, ки «Ҳофиз танҳо ба шеъру адаб машғул нашуда, дар айни замон ба илму дониши замони худ низ маълумоти комил касб карда, яке аз бузургтарин шахсони пешқадам гардидааст.» [5,207].

Қисмати саввум «Кӯшиш ва устуворӣ» унвон дошта, устод дар ин қисмат абёти пандогини шоирро баррасӣ карданд. Қисмати дигар «фақру нодорӣ» ном дошта, дар бораи тангдастии шоир ва сабру қаноати ӯ сухан меравад. «Ҳусни ахлоқ» унвони дигар аст, ки дар он муаллиф бо забони соддаю равон андешаҳои ахлоқии шоирро баррасӣ намудаанд. Ҳамин тариқ муаллифи китоб вобаста ба рӯзгору осори шоири бузург мавзӯъҳоеро мушаххас намуда, баррасӣ кардаанд, ки ба фаҳмиши талабагон наздик буда, хонанда ба осонӣ аз ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофиз бохабар шавад. Монанди «Сафарҳо ва дилбастагиҳо ба зодгоҳ», «Муносибати табақаи ҳукмрони ҷамъият ба Ҳофиз», «Ногувориҳо ва шикоятҳо», «Вафот ва мақбараи Ҳофиз».

Дар фасли «Мероси адабии Ҳофиз» Ш. Ҳусейнзода перомуни ҷамъоварии девони шоир аз тарафи Муҳаммад Гуландом, шӯҳрати ғазалиёти ӯ, эътирофи шоирони бузурги дунё монанди Гётеву Пушкин ва таъсирпазирии онҳо аз ашъори Ҳофиз ва ғайра баҳс меорояд. Баъдан мавзӯъҳои ашъоришоир баррасӣ мегардад.

Дар қисмати охир зери унвони «Баъзе хусусиятҳои ғазалиёти Ҳофиз» устод дар мавриди устоди ғазал будани Ҳофиз – хусусиятҳои аслии ашъори ӯ, сабку услуб,калом ва тарзи баён, ҳусни матлаъ ва ширинии сухан дар ғазалиёти ӯ корбурди санъатҳои бадеӣ ва ғайра маълумот додаанд. Бар хилофи баъзе ҳофизпажӯҳон устод Ҳусейнзода аз андешаҳои ирфонӣ доштани ашъори Ҳофиз сарфи назар накардаанд. Дар қисмати охир, ки «Мақом ва дараҷаи Ҳофиз дар адабиёт» унвон дорад, перомуни мақоми шоири бузург дар адабиёт сухан меравад ва муаллиф андешаҳояшонро дар мавриди Ҳофиз ҷамъбаст намудаанд. Бе муҳобо китоби дарсии устод Ш. Ҳусейнзода « Адабиёти тоҷик барои синфи 8» дар муаррифӣ ва омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофиз дар мактаби миёна аз ҷумлаи беҳтарин китоби дарсӣ буда, то ба ҳол аҳамияти худро гум накардааст.

Ба ҳамин минвол устод Шарифҷон Ҳусейнзода дар омӯзиш ва тарғиби ашъори бузургтарин шоири газалсарои адабиёти форсу тоҷик – Ҳофизи Шерозӣ саҳми бузург дошта, андешаҳои эшон дар мавриди ашъори шоир то кунун қиммати худро аз даст надодааст.

Адабиёт

1. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.
2. Ҳусейнзода Ш. Чашму чароғи ширинсуханон / Ш. Ҳусейнзода // Гуфтор аз ганҷи Сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.
3. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. / Ш.Ҳусейнзода –Душанбе: Ирфон, 1985.–224 с.
4. Ҳусейнзода Ш. Ҳеҷ хушдил написандад, ки ту маҳзун бошӣ / Ш. Ҳусейнзода // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1971
5. Ҳусейнзода Ш. Ҳофизи Шерозӣ / Адабиёти тоҷик, барои синфи 8. – Душанбе: Маориф, 1982.
6. Ҳусейнзода Ш. Ҳофизи Шерозӣ. Ҳабдаҳ мақола.–Душанбе: Ҳумо, 2007. – 347с.

ОСОБЕННОСТИ И СТИЛЬ РАССКАЗОВ А.П.ЧЕХОВА

Кудратова Сарохат Насруллоевна *- старший преподаватель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного института языков им. С. Улугзода, 734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992) 918 77 41 73*

В статье рассматриваются традиции реализма в создании рассказа как малой прозы на примере творчества А.П. Чехова. Особое внимание уделяется новаторству писателя, его обращению к новым формам, героям и, особенно, авторскому отношению. Определяются особенности рассказов А.П. Чехова - афористичность, лаконичность, драматизм и психологизм рассказов. В статье приводятся также высказывания и оценки творчества А.П. Чехова писателями-современниками, в частности, М. Горького.

Ключевые слова: *традиции реализма, бытописание, малая проза, гуманизм, психологизм прозы, авторская позиция, афористичность, новаторство.*

ХУСУСИЯТ ВА УСЛУБИ ҲИКОЯҲОИ А.П.ЧЕХОВ

Қудратова Сарохат Насруллоевна *- муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 918 77 41 73*

Дар мақола доир ба равияи реализм дар ташаккули анъанаи навиштани жанрҳои хурди наср, ба монанди ҳикоя, дар мисоли эҷодиёти А.П.Чехов таҳлил шудааст. Махсусан ба навоварии нависанда ва рӯ овардани ӯ ба шаклҳои нав, каҳрамонҳо ва муносибати муаллиф диққат дода шудааст. Хусусиятҳои ҳикояҳои А.П.Чехов – афоризмӣ, амиқӣ, драматизм, психологизм муайян карда шудаанд. Дар мақола ҳамчунин гуфтаҳо ва баҳои эҷодиёти А.П.Чехов аз тарафи нависандагон – ҳамзамонон, аз ҷумла М.Горький оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: *анъанаҳои реализм, тасвири рӯзгор, назми хурд, гуманизм, психологизми наср, мавқеи муаллиф, панднома, навоварӣ.*

THE FEATURES AND STYLE OF CHEKHOV'S STORIES

Kudratova Sarohat Nasrulloevna *- senior teacher of the Theory and History of Literature chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. phone:(+992) 918 77 41 73*

In article considers the traditions of realism in creation of the story as small prose on an example of A.P. Chekhov's works. The special attention is given to the innovation of the writer, his reference to new forms, heroes and, especially, the author's attitude. The aphoristic natures, laconic, dramatic and psychological features of the stories of A.P. Chekhov are defined. In article are also resulted the statements and estimations of creativity of A.P. Chekhov by writers-contemporaries, in particular M. Bitter.

Keywords: *traditions of realism, chronicles, small prose, humanism, psychological, prose, an author's position, aphoristic nature, innovation.*

“Русская жизнь, - писал в одном из писем А.Чехов, - бьет русского человека так, что мокрого места не остается, бьет на манер тысячепудового камня” [2, 98].

В многочисленных рассказах 80–х годов писатель показал, как гибнут в современных ему социальных условиях люди, одаренные талантом, незаурядным умом, глубиной и свежестью чувств. Он изобразил артистов, продающих свое свободное по природе искусство, писателей, создающих произведения “на заказ”, музыкантов и художников, расходующих свои таланты на украшение жизни “сильных мира сего” (“Тапер”, “Писатель”, “Открытие”, “Актерская гибель” и другие).

Всех этих людей действительность, основанная на деспотизме и произволе, очень быстро переводит в разряд неудачников; они бессильны, потеряны, лишены возможности активного творческого вмешательства в организацию даже своей частной жизни. Достаточно незначительного случая, чтобы перевернуть жизнь такого человека, разрушить установившиеся связи, вырвать из привычных условий.

А.П.Чехов ясно дает почувствовать читателю, что так живут в современной ему действительности многие люди из народа. Об их покорности несправедливым обстоятельствам, об их темноте Чехов говорит с мягким упреком, насмешкой, вызванными болью за народ, глубоким сочувствием ему.

Чехов, писатель – гуманист, в центр внимания ставит человека. Еще в ранних произведениях художник проявлял интерес не только к социальным явлениям жизни, но к внутреннему миру человека. Наследуя традиции русской классической реалистической литературы, Чехов в своих рассказах (“Тоска”, “Горе” и другие) неразрывно связывает вопросы психологические с социальными. Он видит в личной жизни, в личном несчастье людей как бы отражение социальной несправедливости, социального несчастья.

Не случайно поэтому в повествовательных и в драматических произведениях Чехова мы находим не счастливые развязки личных отношений, а атмосферу взаимного непонимания, вражды, несчастья (“Враги”, “Дама с собачкой”, “Чайка”, “Дядя Ваня”). Многие герои гонятся за призрачным счастьем, упуская подлинное.

Простота, краткость, афористичность языка, четкость и драматизм диалогов помогает Чехову передать течение жизни, выявить отношение героев к ней, раскрыть основной жизненный конфликт – между человеком и окружающей его социальной действительностью.

Отмечая достоинства стиля Чехова, Л.Н.Толстой увидел в нем прозрачность и простоту пушкинской прозы.

“Чехов – это Пушкин в прозе” - говорил он. А.М.Горький восхищался грацией, лаконизмом чеховского слога и считал, что как стилист “Чехов недосягаем, и будущий источник литературы, говоря о росте русского языка, скажет, что язык этот создали Пушкин, Тургенев и Чехов” [4,124].

Горький видел в произведениях Чехова не только реалистическое изображение жизни, большую силу художественного обобщения, но и смелое обличие, серьезные, скрытые в них тенденции. Однако Горький скоро начал уже высказывать сомнение в достаточности, эффективности метода Чехова в деле активного преобразования жизни: “Это... молот, которым Вы бьете по пустым башкам публики... Как вы здорово ударили тут по душе и как метко... Но слушайте, чего Вы думаете добиться такими ударами? Воскреснет ли человек от

этого?” [4,201]. А затем он пришел к прямому выводу, что реализм в своей традиционной форме уже отживает, появляется настойчивая необходимость в создании реалистических произведений нового качества: “Знаете, что Вы делаете? Убиваете реализм... Объязательно нужно, чтобы теперешняя литература немножко начала прикрашивать жизнь, и как только она это начнет – жизнь прекрасится, то есть люди заживут быстрее, ярче” [4, 92].

Чехов, как писатели – демократы 60-х годов, не поднялся до революционных идей Чернышевского, но, вслед за этими писателями – демократами, он сурово и правдиво изображал жизнь демократических кругов, порицал, высмеивал “маленьких людей” и тем самым содействовал пробуждению в них чувства человеческого достоинства. Сама жизнь заставила Чехова уже в первые годы творчества осознать, что одного сочувствия недостаточно, необходимо смеяться над раболепием, страхом маленьких чиновников перед “сильными мира сего” (“Смерть чиновника”, “Хамелеон”).

Чехов в 80-е годы был свидетелем того, как маленькие незначительные чиновники в результате случайных обстоятельств или ценою добровольного активного холопства делали карьеру, “доходили степеней известных” и, таким образом, оказывались далеко не безвредными для народа.

Рассказы Чехова психологичны: основное внимание писателя привлекает раскрытие внутреннего мира героев. Психологизм произведений Чехова глубоко социален: черты и поступки людей, их поведение строго мотивированы, ибо определяются всей системой общественных отношений (Николай Степанович в “Скучной истории”, художник в “Доме с мезонином” и другие). Анализ психологии героев у Чехова становится средством раскрытия атмосферы жизни, существенных сторон русской действительности.

Чехов стремится к самовыявлению характеров. Обличительный, сатирический смысл произведений Чехова определяется прежде всего самим характером героя, который наиболее ярко выявляется через особенности языка. Авторские комментарии в обрисовке характеров почти отсутствуют. Просто и лаконично передаются действия и чувства героев, их отношение к действительности. С этим связана драматизация рассказов Чехова, большая роль диалога в них.

Чехов вызывал восхищение современников и вызывает благодарность потомков не только глубиной общественного содержания своих произведений, но и мастерством формы.

Новаторство и мастерство Чехова наиболее ярко проявились в коротком рассказе и драматургии. Главной, определяющей чертой его мастерства является точный и краткий показ правды жизни не в ее наиболее острых проявлениях, а в каждодневном течении. Через частности, детали быта писатель передает историю жизни человеческой, говорит о том, что мешает ее развитию.

За мелочами жизни перед нами проходят раздумья Чехова о жизни неустроенной, скучной и тяжелой и вера писателя в будущее. Глубина раскрытия характеров проявляется у Чехова не в показе человека в моменты наибольших потрясений, исключительных событий, а в изображении характерного, проявляющегося в своем течении жизни, в событиях и обстановке обычных, казалось бы, малоинтересных (“Дама с собачкой”, “Учитель словесности”, “Ионыч”).

Продолжая и развивая лучшие традиции драматургии критического реализма, Чехов сделал основным содержанием своих произведений неприкрашенную правду жизни в обычных, будничных её проявлениях.

Жизнь, говорил Чехов, “ не надо подгонять ни под какие рамки. Надо, чтоб жизнь была такая, какая она есть, и люди такие, какие они есть, а не ходульные” [2, 115].

Новаторство Чехова выявилась прежде всего в том предельном приближении к жизненной правде, которое М. Горький так выразительно назвал глубоко человечной объективностью.

Чехов мечтал о людях подвига, веры и ясно осознанной цели, и много сделал для того, чтобы такие люди появились. Он не знал, откуда придёт новый человек, и так и не нашёл истинного героя новой эпохи, не понял исторического значения русского рабочего класса. Этого нового героя впервые в мировой литературе показал Горький. Но Чехов сделал большую подготовительную работу, глубоко и всесторонне, критически показал жизнь, в которой он не нашел подлинного героя, и доказал, что настоящим героем времени должен быть человек труда.

Красоту и благородство человеческих чувств и отношений Чехов сумел увидеть за обыденным. Отсюда наряду с реалистическим изображением жизни наличие лирической темы во многих чеховских рассказах и во всех его лучших драматических произведениях. Эта лирическая тема предваряет романтические мотивы Горького, подготавливает почву для прихода нового искусства.

Все это говорит о том, что Чехов является предшественником нового этапа в развитии русского реализма, что вместе с завершением в его творчестве традиционного для XIX века критического реализма в литературу должна была войти - и с творчеством Горького вошла - яркая, свежая струя нового, героического искусства.

Реалистический метод Чехова снимал различие между историческим и личным, общим и частным. Малое стало предметом его изображения не потому, что он не хотел видеть ничего крупного, а потому, что в малом яснее выступают черты общего.

Для реализма Чехова характерен прежде всего особый подход к выбору предмета изображения. Впервые в истории русской и мировой литературы все творчество писателя посвящено внешне ничем не замечательным людям, их скучной и тяжелой жизни.

Подлинно народный писатель, он отразил в своих произведениях острейшие, существеннейшие вопросы жизни, сумел правильно и многогранно показать сложные процессы переходной эпохи.

Чехов дорог нам своей горячей любовью к Родине, к своему народу, своим стремлением помочь им пером художника, своим оптимистическим предчувствием будущей справедливой социальной жизни. В произведениях писателя – реалиста, замечательного мастера слова мы находим правдивые картины жизни царской России, быта различных слоев: помещиков, купцов, чиновников, интеллигентов, крестьян. Нам важно, что автор не остается бесстрастным наблюдателем, что он разоблачает паразитирующих деспотов и рабов из привилегированных сословий, что он с глубоким сочувствием изображает людей из народа.

Произведения Чехова дороги нам широтой и глубиной постижения автором жизни. Перед читателем происходят картины русской природы, люди различных профессий, возрастов, психологии. Замечательный художник учит нас наблюдать природу, проникать в душевный мир человека. Не стремясь выдумывать необыкновенное, он пишет о простых жизненных явлениях, о незначительных событиях, но в этих будничных эпизодах раскрывается перед нами сущность современной ему действительности, типические ее черты.

А.П.Чехов также дорог нам своими высокими этическими принципами. В своих произведениях он не только показывал, каким не должен быть человек, но и давал почувствовать, каким бы он хотел видеть человека. Высмеивая жестоких, несправедливых, эгоистичных, ограниченных людей, писатель высказывал мечту о людях, справедливых, свободных, нравственно красивых, живущих широкой общественной жизнью. Сам труженик, он своими произведениями стремился воспитать любовь к созидательному труду.

Непримиримый враг пошлости, рабства, он учил уважать человеческое достоинство, быть правдивым, честным, духовно свободным.

Значение реализма Чехова не в выборе новых тем, не в новом объекте искусства, а в совершенно иной точке зрения на жизненные явления, в гораздо большей доказательности общих выводов. М. Горький верно почувствовал это, увидел своеобразие Чехова в том, что он “не говорит ничего нового”, “никогда ничего не выдумывает от себя” , “но тем не менее “каждый раз Чехов все усиливает одну глубоко ценную и нужную для нас ноту – ноту бодрости и любви к жизни” [4, 128].

Произведения Чехова ценны для нас не только своей идейностью, непримиримостью ко всему старому и отжившему, глубоким оптимизмом и верой в лучшее будущее России, но и исключительным мастерством. Реализм Чехова был величайшей победой мировой литературы. Творчество А.П.Чехова ценно для нас не только своей отличительной силой, актуальностью, но и своей любовью к простым людям, верностью правде.

Прогрессивные люди всего мира знают, помнят, благодарят Чехова за его любовь к человеку, величие души, за помощь, которую он и теперь оказывает своими творениями в нашей борьбе за свободу, мир, красоту человеческих отношений.

“Счастье и радость жизни. в правде”, - утверждал А.П.Чехов [2, 89].

Литература

1. Дерман А.Б. О мастерстве Чехова /А.Б. Дерман. – М., 1959. – 232 с.
2. Горький М. и Чехов А. Переписка. Статьи. Высказывания. – М., 1964. – 127 с.
3. Захаркин А.Ф. А.П. Чехов /А.Ф. Захаркин. – М., 1961. – 67 с.
4. Осмакова Н.В. А.П. Чехов. Рассказы и повести /Н.В. Осмакова. – М., 1955. – 196 с.
5. Семанова М.Л. Чехов в школе /М.Л. Семанова. – Учпедгиз, 1954. – 228 с.
6. Туркова А.М. А.П.Чехов в воспоминаниях современников /А.М. Туркова. – М., Художественная литература, 1986. – 166 с.
7. Щербаков К. Восхождения к Чехову /К. Щербакова. – М., 1988. – 106 с.
8. Чеховиана. Мелиховские труды и дни : Статьи, публикации, эссе /отв. ред. В.Я. Лакшин . – М. : Наука, 1995 . – 393 с.

САЙИДО ВА КОРБУРДИ ҲУШМАНДОНАИ ЯК ТАЛМЕҲ

Зуҳуров Нурмаҳмад Бобоевич *– муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139, тел.: (+992) 92 783 59 94*

Дар мақола сухан аз бобати он меравад, ки Сайидои Насафӣ (1618-1707) ҳарчанд аз раддаҳои аввали адабиёти аҳди қадим нест, вале бо намунаҳои ҷудогонаи ашъори хеш метавонад бо мумтозтарин гӯяндагони мо ҳамчашмӣ кунад. Нуктае, ки дар айни ҳол ба адабиётшиносии даврони шӯравӣ бармегардад, ин аст, ки тайи он давра бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоии осори адибони пешину муосир таваҷҷуҳи бояду шояд зоҳир мегашт ва аҳли нақду адабиётшиносӣ ба мавзӯи шигирдҳои ҳунарии гӯяндагон камтар эътибор медоданд. Муаллиф ба манзури намоёндани барозандагиҳои осори Сайидои Насафӣ талмеҳи нуҳуфта як байти ӯро бо чор байти ҳамсанги Ҳофизи Шерозӣ ба доираи ғавру баҳс кашида, муассиртар будани шеваи баёни шоири пешавари моро ба исбот мерасонад.

Калидвожаҳо: *Сайидои Насафӣ, газал, байт, талмеҳ, Қуръон, гандум, ҷаннат, Одам.*

САЙИДО И УДАЧНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОДНОГО ТАЛМЕХА

Зухуров Нурмахмад Бобоевич *– старший преподаватель кафедры таджикского языка Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино, г. Душанбе, проспект Рӯдакӣ 139, тел.: (+992) 92 783 59 94.*

В статье отмечено, что Сайидо Насафи (1618-1707) хотя и не относится к числу высшего звена поэтов из классической таджикско-персидской литературы, но некоторые его произведения можно сравнивать с образцами поэтического наследия такого корифея, как Хафиз Ширази, где можно обнаружить превосходства первого. Автором для сопоставления с четырёх бейтов из творчества Хафиза Ширази был избран лишь один бейт из творчества поэта-ремесленника Сайидо Насафи с использованием талмеха, что даёт достаточное обоснование для подобного рода умозаключений.

Ключевые слова*: Сайидо Насафи, газел, бейт, талмех, Коран, пшеница, рай, Адам.*

SAIDO AND SUCCESSFUL USING OF ONE TALMEH

Zuhurov Nurmahmad Boboevich *– senior lecturer of the Department of the Tajik Language of the Tajik State Medical University named after Abuali Ibn Sino, Dushanbe, 139 Rudaki avenue, Phone.: (+992) 92 783 59 94.*

The article deals with the fact that Sayido Nasafi (1618-1707) though is not among the top management of poets from classical Tajik-Persian literature, but some of his works can be compared to samples of poetic

heritage of such coryphaeus as Hafez Shirazi where it is possible to find superiority of the first. For comparison from four beyt from Hafez Shirazi's creativity only one Beit from works of the poet-handicraftsman Sayido Nasafi with use of a talmeh was elected the author that gives sufficient justification for conclusions of this sort.

Keywords: *Sayido Nasaf, hazel, Beit, talmach, the Qur'an, including wheat, rye, Adam.*

Хатти машйи ҳукуматҳо ҳамеша бар рӯйи зеҳнияти афроди як ҷомеа ба таври ошкору ниҳон асар мегузорад ва камтар адиб ё донишмандеро метавон дарёфт кард, ки ин таъсирпазириро ба пӯсту устухон эҳсос накарда бошад. Чунон ки маълум аст, адабиёти аҳди қадими мо дар даврони шуравӣ сирфан аз ҳамин зовияи иҷтимоъгароёна ғавру баррасӣ мешуд. Натиҷа ин, ки дар он рӯзгор бештар бо истифода аз принсипи синфияту синхияти адабиёт асосан бар рӯйи мазмунҳои иҷтимоӣ таъкид ба амал омада, аксаран халлоқияти табъи як суханвар, ки бештар ҳангоми тарсиму тасвири ҳолоти ботинии худи гӯянда ва бозтоби ҳодисаҳои табиат буруз хоҳад кард, аз назарҳо пинҳон мемонд. Нуктаи мазкур ба осори Миробид Сайидои Насафӣ (1618-1707)-шоири бархоста аз қишри пешаварони шаҳр низ робитаи ногусастанӣ дорад, зеро бештари барномаҳои таълими фанни адабиёт дар мактабҳои миёнаву олӣ, ки ба даврони шӯравӣ марбут буданд, аз ҳамин нуқтаи назар тарҳи андом мерехтанд. Бо ин ҳол наметавон аз довариҳои донишмандони муътабаре чун устод Айнӣ, ки асосан дар мухаммас дасти тамом доштану [1, 89] машҳур буданаш мухтасаран [1, 90] ва академик А. Мирзоев, ки аз хусуси ҳунари шоирӣ [4, 94-115, 122] ва забону баёни мавсуф нисбатан муфассал [4, 95-120, 121-125] сухан рондаанд, лоқайдона сарфи назар кард.

Вақте ки куллиёти осори Сайидоро варақгардон мекунед, ҳеҷ мумкин нест, ки аз баландии завқу салиқаи адабии шоир дар чаҳорчӯби оҳангҳои тағаззулӣ ба шигифт наоед: тасвирҳои дастнахӯрда, истифодаи моҳирона аз саноеи лафзию бадеӣ, корбурди ҳушмандонаи гӯянда аз мақолу зарбулмасал ва андарзҳои китобию мардумӣ, инсиҷоми васфнопазири вожаю таркибу таъбирҳо, мусиқии таҳтонии калимаҳои дохили мисраъ ҳар кадом даст ба дасти ҳам додаанд, то чеҳраи воқеию ҳунарии ин гӯяндаи камназирро дар зеҳни мухотабони хушзавқу босалиқа ба ҷилва оранд. Маҳз ин ҷост, ки хонандаи хушзавқ имкон пайдо мекунад, то аз таровиши килки гуҳарбори шоир ба таври воқеӣ огоҳ шавад ва ба дарки маъниҳои бориктар аз мӯй сар фурӯ барад. Ҳатто ҳангоми мурури он идда ғазалҳое, ки дар саропояшон ҳайсиятҳои зикршуда ба назар намерасанд, боз ҳам равонию ҷаззобии калом метавонад нохудогоҳ ҳушу ёдатонро ба худ во дорад, дар чунин мавридҳо гӯиё «шеър аст, ғазал аст, ки ба ин ғазалҳо ғазалият бахшидааст» [6, 7].

Мо ба манзури намоёндани имтиёзи ҳунарӣ ва халлоқияти табъи ин шоири хушқареҳа фақат бо овардани як талмеҳи хеле латиф аз девони ӯ иктифо мекунем, ки ба танҳоӣ метавонад муддаоямонро адо намояд. Талмеҳи мазкур ба ҳодисаи аз ҷаннат ронда шудани сарҳалқаи банӣ башар-ҳазрати Одам бастагӣ дошта, сайри таърихии он дар адабиёти даврони бостон чизи тозае нест ва дар осори аксари адибони номии

гузашта намунаашро ба даст овардан имконпазир менамояд. Дар Қуръони маҷид зимни оёти 35-38 аз сураи Бақара нахустин бор бо ин мазмун дучор меоем, бо ин тафовут, ки дар матни китоби осмонии мазкур калимаи «шаҷар» (дарахт) зикр ёфта, зимни тарҷума дар қавсайн калимаҳои «гандум» ва «себ» ишора гаштаанд [3, 6-7]. Аммо дар китоби «Қасас-ул-анбиё» аввал калимаи «дарахт» ва баъдан вожаи «гандум» [2, 22-23] ба забон оварда мешавад.

Дар куллиёти осори Сайидо талмеҳи мавриди назар хеле ҷолиб рӯйи коғаз омада, аз нигоҳи обуранги бадеӣ, тозагии тасвир ва нишотангезии оҳанги калом аслан назиру тимсол надорад. Ҳамовардони дигари Саййидо аксаран бо зикри содаву беперояи ин воқеа маҳдуд гашта, барои оростани чеҳраи нахли бехазони сухан заҳмати зиёдеро барои худ ҳамвор намесозанд. Байте, ки дар ҳоло борааш изҳори назар кардем, ба сурати зайл аст:

Ман меваи ҳаловати шохи назокатам,
Афкандаӣ ба санги ҷафо бар замин маро [5, 182].

Шоир дар дарознои байт аз номи шахси якум сухан мегӯяд, вале гумон меравад, ки аслан рӯйи каломи гӯянда ҷониби ҳазрати Одам аст. Таъбирҳои маҷозбунёди «меваи ҳаловат» ва «шохи назокат» ҳар кадом дар алоҳидагӣ барангезандаи ҳар гуна эҳсосоти рангину латиф шуда метавонанд, то чӣ расад ба ин, ки тавассути лутфи сухани ин гӯяндаи мумтоз ҳар ду чун алмоси дурахшон дар қолаби як иқди гуҳарбор қарор гирифтаанд ва таъбири ҷолиби «меваи ҳаловати шохи назокат»-ро падид овардаанд, ки аз нигоҳи зебошинохтӣ хеле нодиру бикр ба назар мерасад. Тамоми бори гаронсанги халлоқияти табъ маҳз рӯйи ин таъбир устувор гашта, аз мисраи дувум танҳо ибораи маҷозии «санги ҷафо» хотирбарангез ба ҷилва омада, аҷзои дигари мисраъ чандон пурҷило наменамоянд. Худи талмеҳ, чунон ки болотар арз шуд, барои адабиёти аҳди бостон чандон тозагӣ надорад ва санги маҳаки мо зимнан бояд на аз рӯйи қидмати сабту дарҷи мазмун, балки бештару пештар аз ҳама бар рӯйи чунии баёни шоирона мизонсанҷӣ кунад. Барои рӯшантар гаштани саҳнае, ки ба тамошояш нишастаем, ба мазмуни такрибан ҳамсанг аз девони қудсии Ҳофиз- шоири раддаи аввал мисол мезанем ва сипас хоҳем дид, ки ин қиёсу муқобала то чӣ андоза ба суди Сайидо мечарбад. Чунончи:

Ман малак будаму Фирдавси барин ҷоям буд,
Одам овард дар ин дайри харобободам [7, 212].

Аз байти мазкур танҳо таъбири «дайри харобобод» назокати суханро намоёнда, аз аҷзои боқимонда таркиб ё ибораи пурдурахши дигареро ҷӯё шудан маҳол аст, ҳарчанд инсиҷоми вожаҳои дохили байт дар ҳадди олист ва ҳеҷ шаку шубҳае дар мавриди равониву гӯшнавозии он ҳатто аз хотири шунаванда намегузарад. Фақат ин, ки набераи ҳазрати Одам бо номи «мурғи чаман» ёд мешавад ва он аз дер замоне бар сари забонҳост.

Мисоли дигареро аз ашъори Ҳофизи лисонулғайб мурур мекунем:

Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,
Ман чаро мулки ҷаҳонро ба ҷаве нафрӯшам [7, 228].

Зимни мисоли мазкур, ки аз нигоҳи мазмун тақрибан ба талмеҳи байти Саййидо наздикӣ дорад, бештар сабабу ангезаҳои аз ҷаннат ронда шудани ҳазрати Одам тасвир ёфтааст. Дар чаҳорчӯби баъзе аз динҳои ҷаҳонӣ, аз он ҷумла ислом хӯрдани гандум пешзаминаи маҳрумияти ҳазрати Одам аз биҳишт шинохта шудааст. Зимни байти боло гӯшнавозтарин таркиб «равзаи ризвон» буда, ҳузури ҳамсадоҳои р, в, з дар қолиби ибора балоғату нафосати онро таъмин месозад ва нуктаи мазкур ду аҷзои лексикии ибораро тақрибан то марзи пароним мекашонад, ки ба пиндошти мо, равонии байт дар маҷмӯъ мадюну марҳуни ҳамин ду вожа аст. Аз ҷониби дигар, мусиқии таҳтонии вожаҳои «гандум» ва «ҷав», ки яке рамзи гаронсангию дувумӣ маҳзари камбаҳоист, то ҳадде аз лутфи шоиронаи калом доиядорӣ мекунанд. Бо ин ҳол, дар байти мазкур Ҳофиз бо овардани ҷонишини шахси якуми танҳо, вожаи «малак» ва шакли тасрифии феъли «будан» ба набераи ҳазрати Одам нисбат доштану рисолати азалияшро бо перояи андаке гӯшгузор мекунад, шигарди мазкур ҳеҷ гоҳ бо ташбеҳи Сайидо қобили қиёс нест.

Ба мисоли дигар аз девони Ҳофиз рӯй меорем. Чунончи, ҳасрати дубора ба макони аслӣ бозгашт намудани инсони хокӣ аз забони Ҳофиз чунин садо додааст:

Ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад губори танам,
Хушо даме, ки аз он чеҳра парда барфиканам [7, 229].

Ҳофиз зимнан рӯҳро бар тан тарҷеҳ медиҳад ва зарурати бозгаштти инсон ба биҳишти мавъудро бо лутфи нозуку сеҳри калом ифода менамояд, ки тақрибан ба талмеҳи байти Сайидо наздикӣ меҷӯяд, бо ин тафовут, ки аввалӣ танҳо масъалаи бозгашти инсонро ба зодбуми аслӣ ба миён мегузорад. Аз сӯйи дигар, Ҳофиз дар ин маврид танро ба гарду ғубор, вале рӯҳ ё ҷонро ба асли вуҷуди инсон ташбеҳ дода, раҳсипори ҷиддии олами малакут буданашро зикр менамояд ва аз муродифоти «ҳиҷоб»-у «парда» бо камоли устодӣ кор мегирад. Бо ин ҳол, дар байти Ҳофиз истифодаи муродифот, чунон ки ба арз расид ва такроран омадани вожаи «чеҳра» дар ҳар як мисраъ, ки ҳаргиз малолангез нест, бештар дархӯри аҳамият буда, дар зимн ҳанӯз лаззати ҳосилшуда аз ифодаи шоиронаи Сайидо ба ҷойи худаш боқист

Дар байти дувуми ғазали боло боз байти дигареро бо мазмуни мушобеҳ дучор меоем:

Чунин қафас на сазои чу ман хушилҳонест,
Равам ба гулшани ризвон, ки мурги он чаманам [7,229].

Ҳастаи аслии матлаб, яъне набераи ҳазрати Одам зимни байти боло тавассути таъбири «мурги он чаман» ифода ёфтааст, ки ташбеҳи

мазкур бо ҳама имтиёзҳояш дар пояи таъбири офаридаи Сайидо қарор намегирад.

Кӯтоҳи сухан, муқоисаи як байти дорои талмеҳ аз осори Сайидо бо чанд байти мазмунан наздик аз девони Ҳофиз моро ба ин натиҷа мерасонад, ки муаллифи «Шаҳрошӯб» аз суханварони раддаҳои аввали адабиёт набошад ҳам, боз ҳам аз нигоҳи қареҳаи шоирӣ, истифодаи санъатҳои бадеию лафзӣ ва мавзунии сухани шоирона такя бар ҷойгоҳи баланду сазовор мезанад. Аз ин рӯ месазад, ки мо намунаи ҷудогонаи ашъорашро бо баъзе офаридаҳои адабии бузургтарин ғазалсарои адабиёти классикии тоҷику форс, яъне Ҳофизи Шерозӣ муқоиса намоем.

Адабиёт

1. Айнӣ С.Намунаи адабиёти тоҷик [Ба кӯшиши Алии Равоқӣ, инчунин пешгуфтори М. Шакурӣ, К. Айнӣ, А. Шеъردӯст]. – Теҳрон: Порсиён, 1385. – 372 с.
2. Қасас-ул-анбиё. – Душанбе: Ориёно,1991. – 400 с.
3. Қуръони карим [Мутарҷим Маҳдӣ Илоҳии Қумшаҳӣ. Чопи ҳаштум.]. – Қум: Ал-ҳодӣ, 1383. – 610 с.
4. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. – Сталинобод: НДТ, 1947. – 199 с.
5. Насафӣ С. Куллиёти осор [Матни илмӣ-интиқодӣ бо кӯшиши Ҷ. Додалишоев. Зери назари А.Афсаҳзод ва А. Ҷонфидо]. – Душанбе: Дониш, 1990. – 512 с.
6. Ҳаким, А. Ғазалияти ғазалҳои устод Лоҳутӣ //ҳафтавори «Адабиёт ва санъат». – 2018. – №20(1939). – 17 май. – С. 6-7.
7. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон [Аз рӯйи нусхаи хаттии Ғанӣ-Қазвинӣ, чопи панҷум]. – Теҳрон: Дебо, 1370. – 363 с.

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ РОБИТАҲОИ АДАБИИ ТОҶИКУ ЧИН

Раҳмонов Амбиё Мустафоевич *– ассистенти кафедраи филологияи Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 901041555, E-mail: ambiorahmonov@mail.ru*

Дар мақола таърихи робитаҳои адабии тоҷику чин мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф бо назардошти далелу бурҳони муътамад аз сарчашмаҳои таърихӣ тавонистааст, масъаларо ба таври амиқ таҳлилу таҳқиқ намояд.

Робитаҳои адабӣ бахши муҳими адабиётшиносӣ ба ҳисоб рафта, таҳлилу таҳқиқ дар ин самт таваҷҷуҳи адабпажӯҳону алоқамандони адабиёти гуногунзабонро ба худ ҷалб кардааст. Таҳқиқи робитаҳои таърихии ду халқу миллат ё зиёдтар аз он вижагиҳои гуногуни ҳарду адабиётро равшан гардонида, таъсирпазирии онҳоро аз ҳам баён мекунад.

Калидвожаҳо: *робитаҳои адабӣ, адабиёти тоҷик, адабиёти чин, таърихи робитаҳои адабӣ, адабиётшиносӣ.*

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИИ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЯХ ТАДЖИКСКОГО И КИТАЙСКОГО НАРОДОВ

Рахмонов Амбиё Мустафоевич *– ассистент кафедры Восточной филологии Таджикского государственного института языков имени Сотим Улугзода, 734319, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев 17/6, тел.: (+992)901041555, e-mail: ambiorahmonov@mail.ru*

В статье освящаются литературные связи таджикского и китайского народа. Автор в статье произвёл исследование опираясь на исторические источники.

Изучение литературных связей является важным направлением литературоведения, анализ и исследования в данном направлении привлекают литературоведов и исследователей взаимосвязей литератур различных языков.

Исследования исторических связей двух или более народов выявило различные особенности литератур и показало их взаимовлияние.

Ключевые слова: *литературные связи, таджикская литература, китайская литература, история литературные связи, литературоведение.*

VIEW ON HISTORY OF THE LITERARY RELATIONS OF TAJIK AND CHINESE PEOPLES

Rahmonov Ambiyo Mustafoevich *– assistant of the Department of Oriental Philology of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., mel: (+992)901041555, email:ambiorahmonov@mail.ru*

The article highlights the literary relations of the Tajik and Chinese people. The author of the article studies based on historical sources.

The study of literary relations is an important area of literary studies, analysis and research in this area attract literary scholars and researchers of the relationship of literature of different languages.

Studies of the historical relations of two or more peoples have identified different features of the literatures and showed their interaction.

Keywords: *literary relations, Tajik literature, Chinese literature, history of literary relations, literary studies.*

Робитаҳои адабии тоҷику чин таърихи тӯлонӣ дорад ва олими Ғарбӣ Р. Хериле дар натиҷаи тадқиқи ҳуҷҷатҳои қадими хаттии Шарқ ба хулосае омадааст, ки он матнҳо ба забонҳои гурӯҳи эронӣ наздик навишта шудааст. Олимони фаронсавӣ ҳуҷҷатро ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ нисбат додаанд. Мувофиқи бозёфтҳои хаттии асрҳои 8-9 дар водиҳои Хутан, Тумшук, Муртук бадастомада, чунин бармеояд, ки забони авлоди сакоиҳои ин ноҳияҳо бо забони тоҷикони Бадахшони кӯҳӣ, хусусан вахониҳо, умумияти зиёде доштааст. Асосгузори маданияти зироаткории воҳаи Турфон, ҳавзаи дараи Тирим, Қунгария ва дигар ноҳияҳои ин сарзамин суғдиён ва аҳолии сакоии маҳаллӣ будаанд [5,168].

Маҳмуди Қошғарӣ, ки дар замони ҳукмронии хонадони Қарохониён зистааст, дар «Девон»-и худ нуфузи калон доштани суғдҳоро дар давлати Қарохониён қайд кардааст. Аз навиштаҳои ӯ маълум мегардад, ки дар шаҳрҳои Туркистони Шарқӣ ва Ҳафтрӯд забони суғдӣ хеле паҳн гашта будааст. Бостоншиносон исбот кардаанд, ки суғдҳо 700-800 сол пеш аз замони Маҳмуд дар ин ҷойҳо маскан гирифтаанд. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар Самарқанду Бухоро мавқеи забони суғдӣ дар зери таъсири забони дарӣ торафт суст ва маданияти он бошад бо маданияти умумиисломӣ махлут мегашт, дар Туркистони Шарқӣ ин забон мавқеи худро нигоҳ медошт. Илова бар ин, аз рӯи маълумотҳои Маҳмуди Қошғарӣ суғдҳо ба туркҳо ва уйғурҳои давраи Қарохониён таъсир кардаанд. Дар ҳудуди Қирғизистон дар дараи Терек наздики Талас дар тахтасанге хати яке аз хонҳои қарахонӣ (асри X) дар ибтидои асри XX кашф шудааст, ки он ба забони суғдӣ мебошад. Мувофиқи шаҳодати Маҳмуди Қошғарӣ суғдиён дар ин марзҳо ҳатто дар асри XI қисми зиёди аҳолиро ташкил медодаанд. Бесабаб нест, ки олим ва сайёҳи машҳури қазоқ Чӯқон Валихонов навиштааст: «Туркистониҳо бо андоми худ намуди ҳиндуэрониҳоро ба хотир меоранд. Онҳо ба тоҷикони Осиёи Миёна, ки баромадашон форс асту бо ин забон ҳарф мезананд, бисёр монанд ҳастанд. Намуди зоҳирии туркистониҳо аз халқҳои турку муғул ба куллӣ фарқ мекунад» [10, 248].

Дар ҷанубу ғарбии Туркистони Шарқӣ, ки қабилаҳои сакоӣ зиндагӣ мекарданд, давлати туркии Қарохониён пайдо мешавад, дар шимоли шарқии ин маҳал, дар ҳудуде, ки тахориҳо умр ба сар мебурданд, давлати уйғурҳо ташкил меёбад. Дар тӯли асрҳо ин сарзамин объекти ҷангҳои дохилӣ ва берунӣ мегардад, ниҳоят соли 1759 ҳукумати Чин онро забт менамояд.

Дар Туркистони Шарқӣ забони тоҷикиро солҳои 20-уми асри XX низ меомӯхтанд. Дар таркиби забони аҳолии муқимии Қошғар – уйғурҳо аз

ибораҳои тоҷикӣ хеле зиёданд. Масалан, умоч-омоч, хирман-хаман, ширинӣ-ширина ва ғайра [6,175].

Асари барҷастаи классикии тоҷикон «Шашмақом», ки дар намуди ҳозирааш дар асри XVII шакл гирифтааст ва то он давра 12 мақомро дар бар гирифта, «Дувоздаҳмақом» ном дошт, дар байни уйғурҳо ҳар ду намудаш паҳн гашта, номи мақомҳои уйғурӣ бо номи тоҷикии он пурра мувофиқат мекарданд. Умумияти байни аҳолии Туркистони Шарқӣ ва тоҷикон дар урфу одати онҳо ҳам дида мешавад. Дар тӯли асрҳо Туркистони Шарқӣ ва Осиёи Миёна борҳо дар ҳайати як давлати бузург дохил буданд, ба монанди давлати Кушон ва ғайра. Қисмати шарқии Туркистон зери таъсири маданияти Осиёи Марказӣ мемонад. Масалан, санъати меъмории Тахористон (Ҷануби Узбекистон, Тоҷикистон ва шимоли Афғонистон), ба монанди Балаликтеппа, Аҷинатеппа, Калъаи Кофарниҳон, Дилбарзин ва ғайра, бешубҳа ба санъати меъмории Туркистони Шарқӣ таъсир кардааст. Дар давраи қадим ва асрҳои миёна ноҳияи ягонаи мадании Осиёи миёнагӣ - Туркистони Шарқӣ ташаккул ёфта ва амал кард. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки баъзе аз уламои тоҷик ҳанӯз дар асрҳои миёна бо яке аз забонҳои мураккаби чинӣ-тибетӣ на танҳо шинос, балки балад ҳам будаанд. Масалан, яке аз донишмандони мулки Ҳисор Мавлоно Дарви Муҳаммади Қаратоғӣ мувофиқи маълумоти «Таърихи Рашидӣ» дар Самарқанд, Қошғар, Тибет зиндагӣ карда, забони мушкил ва мураккаби тибетиро омӯхта, дар байни сарварони Тибет ва подшоҳони мусулмони Қошғар обрӯю зътибор пайдо кардааст [6, 56].

Нақши тоҷикон дар Чин то андозае бузург аст, ки онҳо на танҳо дар паҳн намудани дини ислом дар мамлакат, балки инчунин дар ташаккули яке аз халқҳои сершумори Чин-Хуэй осори амиқе гузоштаанд. Дар байни тоҷикони Чин Фирдавсӣ ва қаҳрамонони асари безаволи ӯ «Шоҳнома» эътибори хеле калон доранд. Тоҷикони водии Тошқӯрғон дар эҷодиёти худ то ҳол қаҳрамонии Рустамро тараннум мекунанд. Ба ифтихори ӯ теппаю кӯҳҳоро ба ӯ нисбат медиҳанд. Масалан, дар ин ҷо "Теппаи Рустам", "Кӯҳи Рустам" мавҷуд аст, ки гӯё Рустам дар ин теппаю кӯҳ муқобили Афросиёб чанд рӯз ҷангидааст. Дар афсонаҳои тоҷикони Чин Ҷамшед, Фаридун, Заҳҳок ва дигарон инъикос ёфтаанд, аммо амали онҳо аз мазмуни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ фарқ дорад.

Аксарияти тоҷикони Чин дар қисми ғарбии Чин, дар ноҳияи мухтори Синсзяну Уйғур, ки собиқ бо номи Туркистони Шарқии худ Бухорои Хурд машҳур буд, умр ба сар мебаранд. Дар ин манотиқ се мулки паҳновару пурсарват вуҷуд дошт: Қошғар, Хутан ва Кирпанд. Бекигарии Кирпанд аз аввалин мулки аҷдоди тоҷикон буда, он дар асрҳои I-II таъсис ёфтааст. Ривоят мекунанд, ки хони Кирпанд вориси шоҳи Эрон буда, ба ин сарзамин барои ҷустуҷӯи арӯс меояд ва дар ин ҷо макон мегирад, писардор мегардад, ки он аввалин хони Кирпанд шудааст. Кирпанд дар сари «Роҳи абрешим» воқеъ будааст ва аз рӯи ривояти сайёҳи Чин – Сюансзян дар самти шарқии Кирпанд работе будааст, бо номи «Саховатхона». Дар он ҷо тоҷирони мусофирро бо дорую хӯрок, ҷои хоб ва ғайраҳо таъмин менамудаанд. Илова бар ин дар Чин намунаҳои осори шоирон ва мутафаккирон Абӯабдулло Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз на ба забони асл, балки дар тарҷума ба забонҳои чиниву уйғурӣ ба нашр расидаанд. Ба ин масъала худи олими чинӣ Замир Саъдуллозода чунин меорад, ки : «Бо таассуф мегӯям:

забони тоҷикӣ дар Чин бе пушту паноҳ аст, яъне танҳо дар ҳудуди хонаводагӣ мавриди истифода қарор дорад... Фарзандони тоҷик то ба ҳол дар кӯдакистону дабистонҳо ба забонҳои уйғуриву чинӣ таълим мегиранд. Танҳо мактабу маориф ба тарбияи миллат қодир буда метавонад». Ин нуктаро рӯшанфикрони тоҷики Чин ба хубӣ идрок намуда, борҳо масъалаи ба забони модарӣ омӯхтани ҳаммиллатонро ба миён гузоштанд [4, 59].

Яке аз вижагиҳои дигари муаррифии Чин дар осори соҳибназарони тоҷик ин тавсифи Хутан мебошад, ки дар ашъори классикон хеле фаровон истифода шудааст.

Хутан Юзкант, ки аз билоди Туркистон ба шумор меояд, ин водиест дар байни ҷиболу миёнаи билоди турк ва Сулаймон бинни Довуд бинни Сулаймон Абудовуд маъруф ба Ҳаҷҷоҷи Хутанӣ мунтасиб бад-ин ноҳият аст. Ӯ аз Абӯалӣ Ҳусайн ибни Алӣ бинни Сулаймони Марғинонӣ ҳадис шунид ва қасди дидор кард. Аз ин қавли Ёқут, ки бигзарем қадимтарин Абуҳафс Умар бини Аҳмади Насафӣ мегӯяд: вай ба соли марҷаи форсӣ, ки Хутанро барои мо муаррифӣ мекунад, «Ҳудудулолам» аст, ки дар қарни чаҳоруми ҳичрии қамарӣ таҳрир ёфтааст.

Ӯ мегӯяд: «Хутан миёни ду рӯд аст, андар ҳудуди вай мардумонанд ваҳшӣ ва бештарини хостаи эшон қазост ва мулки Хутанро ҳинате бузург аст, хештанро азимуттурк ва алтабат хонад ва бар ҳадест, ки миёни Чину Тибет аст. Ва ин мулки Хутанро ҳайсиятест бар ҳамаи аъмоли ӯ муваккил ва аз ин шаҳр ҳафтод ҳазор марди ҷангӣ берун ояд ва санги яшм аз рӯдҳои Хутан хезад».

Мутаасифона дар марҷаъҳои ҷуғрофиянависони исломӣ ғайр аз он чӣ гузашт, матолибе наёмада, ки вазъи ҷуғрофиёвӣ нектар сутуда, онро ба хубӣ нишон диҳад. Албата, дар таворихи исломӣ бар ҳасби мавриди зикре аз ин вилоят шуда, ки кофӣ барои муаррифии вазъи ҷуғрофиёии он нест. Муставфӣ дар «Насҳатулқулуб» низ ба таърихе аз ин кишвар гузашта ва ҳатто Ластранҷ дар сарзаминҳои хилофати шарқӣ ба соми дар «Қомусулолам» воситаи камбуди мадорики худ натавонистааст вазъи онро дар давраи ҳукумати исломӣ баён кунад.

Тараққии вазъи ин ноҳияро дар ҳудуди сад соли пеш чунин васф мекунад: «Хутан имрӯз тобеи давлати Чин ва аз шаҳрҳои машҳури ҷанубу шарқии Ёркант ва бар канори чапи Хутан дарёи Муншаб аз наҳри Норими Туркистони шарқист. Ин ноҳия, ки дар метри 1370 аз сатҳи дарё мебошад, арзи шимолии он 37 дараҷа ва 7 дақиқа ва 50 сония ва тӯл қарор дорад. Ба иртифои ноҳия дар бофандагӣ даст дошта ва тиҷорати Абрешим ва пунба онҷо ривоҷи босазо дорад. Аз махсусияти Хутан вуҷуди аҳвони соҳибмушк дар биёбонҳои атрофи онҷост ва судури ин модда аз қадим аз ин ноҳия мӯҷиби шуҳрати Хутан дар акнофи дунёи қадим шудааст. Дар кӯҳҳои атрофи Хутан тиллову оҳан, маъдан ва сангҳои гаронбаҳо вуҷуд дорад ва чун шаҳри Хутан бар масири роҳи тоҷирони қадими Чину Эрон воқеъ аст, ба собиқ шуҳрати бисёре дар умури тиҷоратӣ доштааст. Аҳолии он дар замони қадим ба ҳудуди сад ҳазор нафар будаанд ва чандин бор бар зиди давлати ғосиб ва золими Чин қиём карда ва бар асари ин қиёмҳо харобиҳои бисёр дидаанд ва ба замоне низ ҷузви ҳукумати Туркистони машриқӣ, ки ба азамати атолиқи ғозӣ Яқуббек ҳукумати хонӣ ташкил дода, вале маноқиби он бо Қошғар ба зери султаи ҳукумати Чин қарор гирифтаанд. Атрофи он ба василаи Хутан маҳсулоти кишоварзӣ чун гандум, биринҷ ва амсоли он фурӯхта

мешуд. Дар Хутан тути фаровон буда, сабаби зиёди кирми Абрешим ва фаровониву равнақи Абрешим дар ин ноҳия шудааст [5,60].

Дар адабиёти форсӣ Хутан аз ҷиҳати мушкхезӣ ва доштани шоҳидону хубруёни худ аҳамияти босазо дошта ва мавриди таваҷҷуҳ будааст. Хутан аз дер боз воҳиди забони хосе буда ва ин забон дар адаби форсӣ низ то ҳаде таъсир доштааст.

Дар нуқтаҳои дурдасти Туркистон, ки яке аз иёлоти Чин ба шумор меравад ва Синкиёнг хонда мешавад, водие қарор дорад, ки шимоли онро саҳрову ҷанубашро куҳҳои баланд гирифтааст. Ва ин шаҳри Хутан аст, ки ду рӯд Яшми сиёҳ ва Яшми сафед аз он мегузарад. Ин хита дар назари мардуми Чин сарзамини санги яшм аст. Забони мардуми Хутан дар ин айём яке аз анвои забони туркӣ аст, ки дар навоҳии бисёр басид дорад, валекин уламои инсоншиносӣ дар шамоил ва хислатҳои нажодии сокинони саросари он ноҳия ҳар чӣ дақиқтар мутолиа карда, бар он ақида бештар расидаанд, ки асли саканаи ин марзу бум турк ва ё тибетӣ, мардуми кӯҳистони Алп меноманд ва холис нестанд, балки эронӣ ва аз нажодеанд онро дар истилоҳи табақабандии инсоншиносӣ монанди «ваҳӣ» ё «вахон» дида мешавад, ки ҳатто имрӯз ҳам ба яке аз лаҳҷаҳои эронӣ сухан мегӯянд ва онро бо забони аз миёнрафтаи Хутан шабоҳате аст.

Аз забони қадими хутанӣ ҳеҷ асаре дар даст набуда, лекин 50 сол хутанӣ ва мамлакат пеши нусхаҳои хаттӣ дар ин ноҳияи Туркистони Чин ба Ҳиндустону Аврупо расид. Дар ин навиштаҳои забони хутанӣ ин калима Хутан хонда шуда буд. Мусулмонон дар қарни даҳуми мелодӣ ба Хутан роҳ ёфтанд ва дар он аҳд кишвари Хутан сарҳади миёни Тибет ва Чин буд ва амире, ки нависандагони араб ӯро амир-ут-турк ва ал-табат номидаанд, бар он сарзамин ҳукумравоӣ дошт.

Аҳли Хутан ба ду забон аз забонҳои Ҳиндустон ошно буданд. Яке забони ҳиндии қадим ё санскрит, дигар парокрит, ки забони шимолу ғарбии Хиндустон ва ноҳияи Пешовар буду яке аз фурӯҳи охири санскрит ба шумор мерафт. Забони хутаниро имтиёзоти махсус мебошад ва дар навиштани он ҳурфҳо, ки комилан дар ҷузви калимот навишта мешавад ва ин бар хилофи дигар забонҳо аз қабили суғдиву паҳлавиву форсӣ аст, ки дар навиштани онҳо ҳеҷ ҳарфи садодор ба кор намеравад. Кутуби хаттии авастоии мавҷуд аст, ки аз қарни чаҳоруми мелодӣ ба ҷо монда, баъд аз ин мадорик ва асноди муаллифоти хутанӣ навишта шудааст ва назари иҷмолӣ ба луғоти ин забон асли эронӣ будани онҳоро комилан намоён месозад. Барои фаҳмидани онҳо бояд ба тағйироти имлоӣ, ки бар асари нақли калима аз алифбое ба алифбои дигар пеш меояд ва ҳамчунин ба тағйироти “баротар” бародар, “патр” падар талафузи луғот ба сир буд, лекин кадом ошнои беке аз забонҳои эронӣ метавон ёфт, ки натвонад луғоти “дита” дида, “ҳудота” ҳафтод, “сата” сад, “таста” шуда, “тасҳур” чаҳор, “васада” панҷоҳ нашносад. Калимоти “хан” ханда, “озота” озода, “жата” зада, “зота” зода биёяд, дар забони форсӣ назир надорад, лекин шабеҳи онҳо дар соири забонҳои эронӣ ёфт мешавад.

Масалан, “з” бадали “д” мебошад. Дар лаҳҷаҳои мухталифи забонҳои эронӣ ва дар ин хусус хутанӣ ҳарф аз талаффузи шабеҳ ба ин ки он ҳам ба маънои тиллост ёфт (даруния) форсӣ ва низ “заргуна” тиллоиранг ва “зер” тиллову калимаи эронии қадим “зар” гирифта “фарзона” ва “зимистон” ва “зону” мешавад. Забони форсӣ худ аз калимоти забонҳои маҳаллӣ луғоти бисёре

истифода кардааст. Дар забони хутанӣ калимоте аз забони эронии қадим дида мешавад, ки дар давраи миёнаи форсӣ низ ба кор мерафтааст, аммо дар замони исломӣ аз онҳо асаре нест, монанди калимаи хутании “ҳибо” ки дар форсӣ ба маънии сипоҳ истифода мегардад. Хутаниро бо забони суғдӣ вобастагиву робитаи бештаре аст.

Адабиёт

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.2. – 319 с.
2. Ализода И. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1992. – 476 с.
3. Афсаҳзод А. Одамушшуаро. – Душанбе: Адиб, 2008. – 370 с.
4. Бобохонов М.Тоҷикони Чин. //Пайванд. Номаи анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, 2009, № 8. – 246 с.
5. Васильев Л.С. Проблемы генезиса китайской мысли. – М., 1989. – 309 с.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон (китоби якум). – Душанбе: Ирфон, 1983. – 870 с.
7. Девони Рӯдакӣ. Маҷмӯаи ашъори баҷоймонда аз Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ. Ба шарҳ ва тавзеҳи Манучеҳри Донишнажӯҳ. – Теҳрон: интишороти Тӯс, 1374. – 142 с.
8. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳаҳот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров, иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
9. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / Талхиси Саййидабӯтолиби Миробидинӣ, зери назари Салимов Н.Ю. – Душанбе, Бухоро, 2012. – 570 с.
10. Фишурдаи мақолот. Панҷумин Анҷумани байналмилалии устодони забон ва адабиёти форсу тоҷик. – Душанбе, 2006. – 172 с.

КОНСЕПСИЯИ КАМОЛОТИ ШАХСИЯТ ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

Рачабзода Маҳмадулло *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6, тел.: (37) 2325000; (992) 985848688, E-mail: rmg-2013@mail.ru*

Мақолаи “Консепсияи камолоти шахсият дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ” хусусияти амиқи илмӣ-таҳқиқотӣ дорад.

Муаллиф зимни баррасии мавзӯъ бо истифода аз андарзҳои «Шоҳнома» моҳияти некӣ, накӯкорӣ, далерӣ, маърифатпарварӣ, инсондӯстӣ ва ғайраро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки Фирдавсӣ дар раъси назариёти таълимии хеш ин сифатҳои ҳамидаро ҳамчун падидаҳои ахлоқии инсон тарғиб ва ҳамчун воситаи муҳим ва асосии тарбияи шахсият маънидод намудааст.

Ба андешаи муаллиф, Фирдавсӣ насли башариятро барои аз бар намудани беҳтарин сифатҳои ахлоқии инсонӣ, ки дар раванди тарбияи шахсият ногузиранд ва танҳо дар натиҷаи саъйу талош ба бор меоянд, даъват намудаст. Аз ин рӯ, андарзномаи ин мутафаккири бузург дар боби таълимоти худшиносӣ ва такомули шахсияти фарзандон ҳеҷ гоҳ қимати тарбиявии худро гум нахоҳад кард.

Зиёда аз ин, муаллиф қайд мекунад, ки “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ на танҳо асари сиёсӣ, ахлоқию фалсафӣ ва қиссаву ривоёту панду андарзҳои ҳакимона аст, балки хазинаи пурбори сухани нобу ширини форсии тоҷикӣ ҳам ба шумор меравад.

Дар мақола таъкид гардидааст, ки мутобиқи андарзҳои Фирдавсӣ дар зиндагӣ муқобили нерӯи хираду қувваи некӣ ва хирадмандону некӯкорон ҳамеша қувваи бадӣ ва тоифаи бадсириштону бехирадон қарор доранд.

Муаллиф зикр намудааст, ки мақоми волотарину аввалиндараҷаи хирадро эътироф намудани Фирдавсӣ маҳз дар он манзар намоён мегардад, ки шоир дар «Шоҳнома»-и хеш сароғоз пас аз ситоиши Худованд ситоиши хирадро ҷой додааст ва ин иқдоми ӯ чӣ аз ҷиҳати тарбиявӣ ва чӣ таълимӣ асоси инкишофи афкори педагогии мутафаккирро ба сароҳат аён намудааст.

Калидвожаҳо: *Фирдавсӣ, Шоҳнома, хирад, камолоти шахсият, панду андарз, худшиносӣ, хирадмандӣ, накукорӣ, фурутанӣ, маърифатпарварӣ, инсондӯстӣ, ҳимояи ватан, ситоиши хирад.*

КОНЦЕПЦИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

Раджабзода Махмадулло *– доктор педагогических наук, профессор, ректор Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (37) 2325000; (992) 985848688, E-mail: rmg-2013@mail.ru*

Статья “Концепция совершенствоания личности в “Шахнаме” Фирдоуси” носит глубокий научный исследовательский характер.

Автор в ходе работы над темой, используя нравоучения из “Шахнаме”, определяет важность добродетели, великодушия, смелости, просветительства, гуманности и отмечает, что Фирдоуси в своей теории обучения проповедует эти качества как лучшие нравственные ориентиры и как основные и важные средства воспитания личности.

По мнению автора, Фирдоуси призывает всех перенять лучшие моральные человеческие качества, которые необходимы в процессе воспитания личности и требуют немалых усилий. Поэтому нравоучения этого великого мыслителя в контексте самосознания и совершенствования личности не потеряли своей воспитательной ценности.

Более того, автор отмечает, что “Шахнаме” Фирдоуси не только произведение политического, нравственно-философского и нравоучительного характера, но и богатое хранилище персидско-таджикской мысли.

В статье подчеркивается, что согласно учению Фирдоуси в жизни силы добра, мудрости и добродетели всегда находятся в противостоянии силам зла.

Придание мудрости великим поэтом Фирдоуси высокого и первостепенного значения, подтверждается тем, что в “Шахнаме” после прославления всевышнего Бога поэт прославляет мудрость, и это с точки зрения воспитания и обучения, по мнению автора, является основой развития педагогических взглядов мыслителя.

Ключевые слова: *Фирдоуси, Шахнаме, мудрость, совершенствование личности, нравоучение, наставление, самосознание, добродетельность, умеренность,просветительство, гуманность, защита родины, прославление мудрости.*

THE CONCEPT OF PERSONALITY DEVELOPMENT IN THE "SHAHNAME" OF FIRDAUSI

Rajabzoda Mahmadullo *– doctor of pedagogy, professor, rector of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., tel.: (37) 2325000; (992) 985848688, E-mail: rmg-2013@mail.ru*

The article “The concept of personality development in the "Shahname" of Firdausi” represents a deep research work.

In the course of work on the topic, using the moral teachings of “Shahname”, the author determines the importance of virtue, generosity, courage, enlightenment, humanity and notes that in his theory of teaching Firdausi preaches these qualities as the best moral guidelines and important means of education of an individual.

According to the author, Firdausi encourages all to adopt the best moral human qualities that are necessary in the process of education of the individual and require considerable effort. Therefore, the moral teachings of this great thinker in the context of self-awareness and personal development have not lost their educational value.

Moreover, the author notes that Firdausi’s “Shahname” is not only a work of political, moral and philosophical and moralizing nature, but also a rich repository of Persian-Tajik thought.

The article emphasizes that, according to Firdausi's teachings, in life, power of good, wisdom and virtue is always in opposition to the forces of evil.

The great poet Firdausi's high and paramount importance is confirmed by the fact that in “Shahname” after the glorification of Allah Almighty, the poet glorifies wisdom, and this, in terms of education and training, according to the author, is the basis for the development of pedagogical views of the thinker.

Keywords: *Firdausi, Shahname, wisdom, personal development, moralizing, instruction, self-awareness, virtue, moderation, enlightenment, humanity, defense of the Motherland, glorification of wisdom.*

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ намунаи барҷастаи осори тарбиявӣ буда, метавонад ҳамчун бахши таълимотии панду ахлоқӣ дар тарбияи шахсият дар оилаи муосир ва тамоми муассисаҳои омӯзишӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Зеро, чунон ки мутобиқи ғояҳои ин асари безавол, барои он, ки инсон худшинос ва ватанпарасту одил тарбия ва камол ёбад, бояд аз хисоли ҳамидае чун хирадмандиву некӯманишӣ бархурдор бошад. Инсон маҳз бо хиради хеш ва соҳиби нерӯи нотиқа буданаш аз тамоми мавҷудоти олам фарқ мекунад ва танҳо ин бартариятҳои ӯро метавон ҳамчун нишонаи барҷаста ва муҳимми шахсияти ташаккулёфтаи ӯ эътироф кард.

Мақоми волотарину аввалиндараҷаи хирадро эътироф намудани Фирдавсӣ маҳз дар он манзар намоён мегардад, ки дар «Шоҳнома»-и хеш сароғоз пас аз ситоиши Худованд ситоиши хирадро ҷой додааст ва ин иқдоми ӯ чӣ аз ҷиҳати тарбиявӣ ва чӣ таълимӣ асоси инкишофи афкори педагогии шоирро ба сароҳат аён намудааст. Ба андешаи Фирдавсӣ, хирад беҳтарин бахшиши Худованд аст ба инсонҳо, вале касе метавонад худованди хирад гардад, ки пайваста биомӯзад, таҷрибаву дониш андӯзад ва афкори мутааллими хешро намунаи ибрати дигарон армуғон дошта бошад.

Донишу хирад касро арҷманду тавоно мегардонад. Марди хирад дорои хусусиятҳои ахлоқии меҳрубонӣ, накӯкорӣ, ростгӯӣ, бовафоӣ, нармсуханӣ, фурӯтанӣ, бомулоҳизагӣ ва ҷавонмардиву футувватпешагӣ мебошад ва дар рафти ҳаёт дӯстиву рафоқат, сулҳу сафо, некномӣ меҷӯяд, сухани ҳақ мегӯяд ва аз ҳама гуна бадиҳо даст мешӯяд.

Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки шахси хирадманд бояд нек ва накӯкор бошад ва ҳамчун намунаи ибрат дигаронро ба некиву накӯкорӣ даъват намояд. Аз мардумони бад парҳез намояд, зеро бадон аз дониш ва илму фарҳанг баҳрае набурдаанд ва танҳо ба ҳоли касон бо назари бад менигаранд ва ба «чизи касон» даст меёзанд:

Ба осоишу некномӣ гирой,
Гурезон шав аз марди нопокрой.
Ба чизи касон даст ёзад касе,
Ки баҳра надорад зи дониш басе [19, с.284-285].

Ва дар зимни хушдор ба насли башар таъкид медорад, ки аз одам некӣ ва ё бадӣ ёдгор мемонад ва беҳ он аст, ки одамӣ рӯ ба нек дошта бошад ва то тавонад «тухми бадӣ»-ро аз бех барандозад:

Баду некӣ монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ то тавонӣ, макор! [19, с.372].

Масоили некӣ, накӯкорӣ, далерӣ, маърифатпарварӣ, инсондӯстӣ ва ғайраро, Фирдавсӣ дар раъси назариёти таълимии хеш қарор дода, ин сифоти ҳамидаро ҳамчун падидаҳои ахлоқии инсон тарғиб намуда, хусусиёти андарзҳои ҳикматборро ба ҳайсияти васоити муҳим ва асосии тарбия дар «Шоҳнома»

ҷойгоҳи махсус додааст. Ӯ насли башариятро барои аз бар намудани беҳтарин сифатҳои ахлоқии инсонӣ, ки дар тарбияи шахсият ногузиранд ва дар натиҷаи саъйу талошу кӯшиш ба бор меоянд, даъват намуда, мегӯяд:

Биё то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем *[13, с.122]*.

Ва ҳамчунон дар байти зер низ даъвате, ки ба амал овардааст, ба некӯ гузаронидани умр ҳидоят додааст:

Ҳама дасти покиву некӣ барем,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарем [19. с.582].

Ғайр аз ақидаи некию накӯкорӣ дар «Шоҳнома», боз бисёр фикрҳои арзишманди педагогӣ оид ба сифатҳои шахсият аз қабили раҳму шафқат, ғамхорӣ, қадршиносӣ ва ғайра инъикос гардидаанд. Фирдавсӣ ҳангоми тасвири воқеа ва ҳодисаҳо оид ба хираду хирадмандӣ бисёр фикрҳои пешқадам ва ибратбахше меорад, ки ба ҳукми зарбулмасал ва ҳикмат даромада, дар тарбияи шахсияти ҷавонон нақши бағоят муҳим мебозанд.

Муҳимтарин масоиле, ки сар то сари «Шоҳнома»-ро фаро гирифтааст, ситоиши Ватан, муҳаббат ба он ва ҳимояи Ватан аз душманон аст [11, с.4].

Чунки дар замони Фирдавсӣ муҳофизати Ватан ва нигоҳдории он аз ҳуҷуми бегонагон масъалаи асосии миллӣ ва давлатӣ қарор гирифта буд ва «Шоҳнома» василаи ёдоварии расми некии ватанхоҳии аҷдодон мебошад. Дигар ин ки ватандӯстӣ яке аз сифатҳои хирадмандӣ аст. Аз ин ҷост, ки саросари ин асарро тарғибу ташвиқи ғояҳои қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ, хирадмандӣ фаро гирифтаанд. «Чунин услуби нигориши воқеоти таърих ва муносибати хирадмандонаи шоир ба он оварда расонид, ки «Шоҳнома» достони ҳамосии тамоми мардуми эронинажод гардида, дар худшиносиву ватанпарастии онҳо нақши муҳимме мегузорад» *[2, с.15]*.

Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки ватандустӣ ин хислати шахсияти хирадманд аст ва ҳар як фард бояд ватанашро дӯст дошта, аз душманон муҳофизат намояд. Роҷеъ ба ин масъала муъҳтақид аст, ки дар ҷанг ба номи нек мурдан беҳ аз он аст, ки агар душман зафар ёбад ва бар бохти касон шодмонӣ намояд. Аз ин ҷост, ки маргро дар роҳи Ватан шарафи инсонӣ ва беҳтар аз он, ки дар тарсу ҳарос зистан медонад:

Ҳамон марг хуштар ба номи баланд,
Аз ин зистан бо ҳаросу газанд [16, с.76].

Ё ки:

Чунин гуфт мӯба, ки мурдан ба ном,
Беҳ аз зинда душман бад-ӯ шодком [14, с.263].

Ин ақидаро идома дода, ӯ таъкид менамояд, ки ҷангу ҷидол ва озурдани одамон гуноҳ аст. Барои ҳамин, ҳатто ҷаҳон ба озор додани як мӯрча ҳам намеарзад. Дар зиндагӣ одам бояд кӯшиш намояд, ки ба кору аъмоли нек даст зада, ба хешону бегонагон некӣ кунад, зеро некӯӣ нишонаи бихрадон аст:

Ба назди кеҳону ба назди меҳон,
Ба озори мӯре наарзад ҷаҳон.
Дароз аст дасти фалак бар бадӣ,
Ҳама некӯӣ кун, агар бихрадӣ.
Чу некӣ кунӣ, некӣ ояд барат,
Бадиро бадӣ бошад, ин дарх(в)арат [13, с.445].

Фирдавсӣ наозурдани касон ва сахову даст додан ба дарвешону барҷомондагонро дар «Шоҳнома» гаштаю баргашта таъкид намуда, мегӯяд, ки инсон ҳатто ба озори мӯре набояд саъй кунад, зеро мӯр ҳам ҷон дорад ва ҷон барояш азиз аст:

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст [13, с.165].

Аммо дар ин моваро ҳамчунон ба таъкид ҳушдор медиҳад, ки бар ҳоли кӯмак ба дарвешон одам бояд бидеҳкор ва дар ҳоли бадандешон бояд зираку огоҳ бошад. Яъне, бадандеш шахсияти такомулёфта ва хирадманд нест ва ба садр расидани ӯ бадбахтиҳое дар пай дорад:

Макун хор хоҳанда дарвешро,
Бари тахт маншон бадандешро [19, с.278].

Хусусан нисбат ба аҳли меҳнат ва дармондагону фақирон некӣ карданро Фирдавсӣ беҳтарин хислати хирадмандӣ шуморидааст:

Ту дарвешро ранҷ манмой ҳеҷ,
Ҳаме доду бар доди додан бисеҷ [20, с.138].

Ва дар ин маънӣ боз мегӯяд, ки хирадманди некӯкор аҳли футувват аст ва ба дарвешону бекасон ва ятимон ёрӣ доданро Фирдавсӣ яке аз сифатҳои асосии инсондӯстию хирадмандии шахс мешуморад:

Ба ҳар ҷойгаҳ ёри дарвеш бош,
Ҳаме род бо мардуми хеш бош [14, с.405].

Аз гуфтаҳои муаллими ахлоқ ва ҳидоятгари роҳи ростин Фирдавсии хирадманд ба хулосае мерасем, ки кору кирдори бад нишонаи бехирадӣ буда, натиҷаи бад доранд ва оқибат номи одамро бад мекунанд. Баръакс, бояд шахс ба хотири манфиати худ нашуда, ҳамеша ба доди мазлумону дарвешон расида, ба онҳо дасти мадад дароз намояд ва дар ҷомеа мавқеи сазовор пайдо кунад:

Маҷӯ аз ҷаҳон баҳраи хешро,
Бидеҳ доди мазлуму дарвешро *[17, с.421].*

Фирдавсӣ ба хотири он накӯкориро талқин менамояд, ки некӣ хислати хуби инсон буда, ӯро аз тамоми гуноҳҳо пок дошта, аз даст задан ба кирдори бад нигоҳ медорад ва сӯи мардуми поктинат роҳ менамояд. Аз тарафи дигар, накӯкорӣ яке аз хусусиятҳои асосии хирадмандӣ аст:

Ба покон гароеду некӣ кунед,
Дилу пушти хоҳандагон машканед [19, с.570].

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои ахлоқии некӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, беозорӣ ва ғайра бояд хоси шахсияти инкишофёфта ва хирадманд бошад. Чунки бе риояи қонуну қоидаҳои номбаршуда меъёрҳои ахлоқии хирад-манд риоя намешаванд. Тарғиби ғояҳои вобаста ба хусусиятҳои ахлоқии шахси хирадманд, ки дар боло номбар шуданд, аз қимати баланди афкори педагогии Фирдавсӣ дарак медиҳанд.

Фирдавсӣ бо ситоиши хирад мардумро ба роҳи ростӣ даъват ва ҳидоят намуда, хислатҳои бади ахлоқиро накӯ-ҳиш кардааст, ки ин ҳам барои камоли шахсият, барои марди хирад шудан шароити мусоид фароҳам меоварад. Кибру ғурур, зулму ҷабр, дурӯғу фиреб, бухлу ҳасад, тамаъ ва хасисӣ ва амсоли инҳо ҳама хусусиятҳое ҳастанд, ки инсонро аз роҳи рост берун мебароранд ва ба гирдоби бало мекашонад. Вале аз ҳамаи хислатҳои бади ахлоқӣ Фирдавсӣ оз ва озмандиро бадтарин мешуморад, зеро он сарчашмаи тамоми бадию разолатҳост. Ҳирси ҷаҳонкушоӣ Афросиёбро, ҳирси шаҳвонӣ Судобаро, ҳирси молу сарват Баҳромро, ҳирси бузургманишӣ Кайковусро расвову бадному нобуд кард. Ба

ибораи дигар, Фирдавсӣ бо нишон додани ин персонажҳо дар «Шоҳнома»-и хеш ҳасудӣ ва риёкориро дар муқобили хирадмандӣ ва росткорӣ қарор дода, башариятро аз оқибати некӣ ва бадӣ огоҳ мекунад.

Аз нигоҳи ӯ бадӣ, бадхоҳӣ ва кину адоват парваридан хоси хулқи хирадманд нест. Барои ҳамин ҳар касе, ки баъди содир кардани гуноҳ афв пурсад ва аз Худованд ва бандагонаш талаби омӯрзиш дошта бошад, аз гуноҳаш бояд гузашт:

Ҳар он кас, ки пӯзиш кунад бар гуноҳ,
Ту бипзиру кини гузашта махоҳ [19, с.290].

Вале ӯ некиро на ба ҳама касон, балки ба онҳое раво медонад, ки ба мардум, ба ҷамъият некӣ ва некӯкорӣ карда бошанд. Нисбати касоне, ки бадкору бадрафторанд, ҷазои сазовор доданро адолат мешуморад. Яъне ҷазоро ҳамчун методи тарбия эътироф менамояд.

Ҷои дигар таъкид мекунад, ки бар мардуми беозор кина гирифтан аз рӯи одоб ва дастури хирад нест ва инсони комил дар ҳар маврид бояд таҳаммулпазир бошад:

Мазан бар камозор бонги баланд,
Ту хоҳӣ, ки бахтат бувад ёрманд [19, с.290].

Дар ҳар маврид агар шахси некӯкор аҳли тамаъ бошад ва некии худро бар ҳоли кас таъна занад, худаш оқибат хору залил ва беобрӯ мешавад:

Ба ҷои касе гар ту некӣ кунӣ,
Мазан бар сараш, то дилаш нашканӣ.
Чу некикунаш бошиву бурдбор,
Набошӣ ба чашми хирадманд хор [18, с.6].

Фирдавсӣ мафҳумҳои ахлоқии некӣ ва бадиро аз нуқтаи назари хусусиятҳои хирадмандӣ бо камтарин ҷузъиёташон мавриди муҳокима қарор дода, касро ба инсонпарварӣ ва эҳтироми шахсияти инсон даъват мекунад:

Машав шодмон, гар бадӣ кардаӣ,
Ки озурда гардӣ, гар озурдаӣ [20, с.429].

Ва далел меорад, ки агар кас зулму истибдодро ба зердастон раво бинад, шахси хирадманду худоҷӯй нест ва таълим медиҳад, ки нисбат ба зердастон бо раҳму шафқат будан нишонаи хирадмандии шахс ба шумор меравад:

Чу бедод гирад касе зердаст,
Набошад хирадманду эзадпараст.
Мукофот ёбад бад-он бад, ки кард,
Набояд гами ноҷавонмард х(в)ард [19, с.74].

Беозориву порсоӣ, саховатмандӣ, мардумнавозӣ, ростӣ ва дӯстӣ ҷузъи ҷудонашавандаи хирад – сатҳи олии ахлоқи инсони комил мебошанд:

Беозориву мардумӣ боядат,
Гузашта чу хоҳӣ, ки нагзоядат [19, с.644].

Ба гуфти Фирдавсӣ тарбия ва аз нав тарбиякунии шахси бад кори бисёр душвор аст ва ҳар қадаре, ки шахси бадкирдор пиртар шавад, ҳамон қадар хислатҳои бади ӯ зиёдтар мегарданд:

Баде, к-ӯ бадони ҷаҳонро сар аст,
Ба пирӣ расида, кунун бадтар аст [17, с.303].

Вай дар ин ақида аст, ки бо ҳар роҳу восита бояд дасти бадону бехирадон бар аъмоли бад кӯтоҳ бошад, яъне тоифаи пастфитратон тарбия карда шаванд ва ҳама роҳи хираду ростиро пеша кунанд:

Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунед!
Ҳама мӯбадон бар хирад раҳ кунед! [13, с.213].

Фирдавсӣ ба кори тарбияи «бадон» мӯбадон, ё ки омӯзгоронро даъват мекунад. Аз нуқтаи назари педагогикаи муосир ҳам дар кори тарбия нақши асосиро омӯзгору мактаб мебозад. Барои ҳамин Фирдавсӣ муътақид аст, ки омӯзгорон аз уҳдаи тарбияи «бадон» баромада метавонанд. Ҳамин тариқ, зарбулмасали «Ҳар кӣ бад кунад, бадӣ бинад»-ро аз номи хирадмандон оварда, панд медиҳад, ки аз кору кирдори бад парҳез намоед, то ки оқибат бадӣ набинед:

Нигар то чӣ гуфтааст марди хирад,
Ки «Ҳар кас, ки бад кард, кайфар барад» [18, с.434].

Ё ки:

Ҷаҳонро набояд сипардан ба бад,
Ки бар бадкуниш бегумон бад расад [20, с.215].

Шоир бо ҳамин мазмун дар ҷои дигар таъкид мекунад, ки шахси бад аз кору кирдори бадаш осоиш намебинад, ҳатто шабҳо низ ба оромӣ хуфта наметавонад. Зеро ки аз оқибати кардааш ҳамеша дар тарсу ҳарос ва мушавваш аст. Аз ин рӯ, ҳар як шахси бохирад бояд дар хотир дошта бошад, ки ҳеҷ кас дар дунё бо бадӣ рӯзи нек пайдо накардааст:

В-агар бад кунӣ, ҷуз бадӣ надравӣ,
Шабе дар ҷаҳон шодмон нагнавӣ [18, с.510].

Марди хирадманду оқил ҳаргиз ба фикри бадӣ нагашта, танҳо некӣ мекунад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки ҷаҳон ба дасти бехирадону бадон вогузошта шавад:

Магард ҳеҷ гуна ба гирди бадӣ,
Ба некӣ биорой, агар бихрадӣ [20, с.197].

Барои ҳамин, ҳар як шахси бохирад ва оқил бояд сифати пасти бадию бадкирдориро аз худ дур намояд. Зеро агар бадӣ ва бадкирдорӣ дар ниҳонгоҳи санги хоро ҳам, ки пинҳон бошад, оқибат рӯзе ҳатман ошкор мешавад. Фирдавсӣ бо ин фикри худ наврасону ҷавононро ба худтарбиякунӣ даъват намудааст:

Агар баддилӣ санги хоро шавад,
Намонда ниҳон ошкоро шавад.

* * *

Надорад нигаҳ рози мардум ҷаҳон,
Ҳамон беҳ, ки некӣ кунӣ дар ниҳон [20, с.215].

Аммо, дар ҳар сурат марди хирад бояд донад, ки некиро ба некон ба тарзе бояд расонд, ки оқибаташ намуна ва шоистаи ибрати дигарон бошад. Шоир муътақид аст, ки некӣ кардан ба некон шоистагӣ ва ба бадон «пархош» кардан, ҳангоми бадкирдориашон, нишонаи хирадмандӣ ва ба хотири дарёфти ҳақиқату адолати ҳар шахс мебошад. Ва агар бадкирдор ибратгир набошад, низ оқибаташ ба бад гирояд, чунон ки дар кори бади ӯ ба бад бояд ҷавоб гуфт:

Чу некӣ кунад кас, ту подош кун,
Або душмани дӯст пархош кун [20, с.198].

Ҷуз аз бад набошад мукофоти бад,
Чунин аз раҳи дод додан сазад [21, с.404].

Фирдавсӣ некиро ҳамчун заминаи бороварандаи хираду хирадмандӣ ва аҳамияти онро ҳамчун манбаи тарбия дар оила ва ташаккули шахсият эътироф намуда, таъкид мекунад, ки ба касе бояд некӣ кард, ки қадри некӣ ва подоши онро донад:

Макун некмардӣ ба рӯи касе,
Ки подоши некӣ наёбӣ басе [20, с.180].

Қадри некиро на ҳар кас медонаду мефаҳмад. Аз ин рӯ касоне, ки некиро аз ёд мебароранд, хирадмандиро низ фаромӯш карда аз он даст мекашанд ва «подоши бадӣ бар бадӣ» низ дар ин таҷриба метавонад барои шаклгирии хулқи инсон ибратомӯз бошад:

Ҳар он кас, ки некӣ фаромӯш кунад,
Хирадро бинӯшад, ки беҳуш кунад [20, с.436].

Шахси хирадманд бояд на танҳо бомаърифат, фозилу донишманд бошад, балки ба бекасону ятимон дасти ёрӣ дароз намояд, зеро ранҷу ситам кардан ба ятимон ва бо оҳи дилу нафрати пиразанон гирифтор шудан, ки ин қабил одамон бе ин ҳам ранҷуру дилозурдаанд, бадтарин гуноҳ аст:

Фалак тундхӯй аст бо ҳар касе,
Ту бо ӯ макун тундхӯйӣ басе.
Майи лаъл хӯр, хуни дилҳо марез,
Ту хокӣ, чу оташ машав тунду тез.
Майи лаългун хуштар аст, эй салим,
Зи хунобаи андаруни ятим.
Агар доман олуда гардад ба май,
Ҳаром аст, ҳазме надорад ба пай.
Аз он оби рангин ба наздики ман
Беҳ аз он ки нафрин кунад пиразан [13, с.471].

Хислати дигари муҳими шахси хирадманд он аст, ки ӯ бояд бад нагӯяд ва некон ҳеҷ гоҳ бадӣ намебинанд, то худ бад нагӯянд:

Касе, к-ӯ харидори некӣ шавад,
Нагӯяд бадӣ, то бадӣ нашнавад [20, с.606].

Фирдавсӣ аз бадӣ ҳаросиданро нишони тарбияти инсони баркамол медонад ва дар таълимоти хеш дурӣ ҷустан аз бадӣ ва некномиро беҳин нишони хирад мешуморад:

Набояд, ки гардад ба гирди ту бад,
Ки аз бад туро бегумон бад расад [20, с.442].

Аз ин ҷиҳат, некиро ҳамчун хусусияти хирадмандию инсонпарварӣ дониста, неконро шахсияти такомулёфта ба бузургӣ мешуморад ва бо далоили маъмулӣ будани маргу мир таъкид менамояд, ки аз шахсияти хирадманд баъд аз маргаш номи бузургӣ боқӣ мемонад. Чунончи гуфтааст:

Касе безамона ба гетӣ намурд,
Бимурд он ки номи бузургӣ набурд [18, с.302].

Фирдавсӣ хислати бадиро ба шахсони бетарбият, ё ки шахсиятҳои муҳоҷи тарбия мутааллиқ медонад. Ба ақидаи вай, бадӣ хислати манфии шахсият аст. Хирадмандон ҳеҷ гоҳ ба касе бадиро раво намебинанд. Зеро шахсе, ки бад бошаду ба дигарҳо бадиро раво бинад, дар фарҷом ба худаш бад мерасад. Аммо, агар нек бошаду ба дигарон некӣ карда, тухми некӣ бикорад, ҳосилаш низ нек хоҳад буд:

Ҳар он бар, ки корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чи гӯӣ, ҳамон бишнавӣ [18, с.302].

Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ бар зидди бадӣ хусусиятҳои дигари ахлоқии шахсиятро аз қабили сабру таҳаммул муқобил мегузорад. Зеро сабру таҳаммул хусусиятҳои хуби ахлоқӣ буда, аз дараҷаи тарбияи шахсияти баркамол дарак медиҳанд. Барои ҳамин, шоир дар рафтору гуфтор ва амалу кирдор сабр ва ғояҳои таҳаммулпазириро тарғиб намуда, шитобкориро сарзаниш мекунад, дар ҳоле, ки шитобу «тезӣ» пушаймонӣ ва «ранҷи ҷону тан»-ро ба бор меоранд:

Мафармой акнуну тезӣ макун,
Ки тезӣ пушаймонӣ орад ба бун [15, с.212].

Ё ки:

Шитобу бадӣ кори оҳарман аст,
Пушаймониву ранҷи ҷону тан аст [15, с.211].

Шахси хирадманд дар баробари некӣ кардан бояд дӯстро аз душман фарқ карда тавонад, некиро ба дӯстонаш кунад ва ба қавле байни дӯсту душман садд гузошта тавонад. Яъне, фарҷоми некиҳояшро пешбинӣ карда тавонад, ки дар оянда аз кардааш пушаймон нашавад:

Бубин нек, то дӯстдори ту кист?
Хирадманду андӯҳгусори ту кист?
Бубахшу биёрову фардо магӯй,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ ояд ба рӯй? [15, с.405].

Фикрҳои инсондӯстӣ ва некӯкорӣ ҳамчун сифатҳои хирадмандӣ яке аз мавзӯъҳои марказии достонҳои «Шоҳнома» ва ақидатии асосии он мебошанд. Шахси хирадманд ва накӯкор бояд дорои хусусиятҳои олии инсонию ахлоқӣ, аз қабили нармгуфторӣ, раиятпарварӣ, мусолиҳакорӣ, меҳрубонӣ, ҳақиқатҷӯӣ, парҳез кардан аз дуруштию размҷӯӣ бошад.

Ҳамин сифатҳои ахлоқии марди хирадро мо дар симои қаҳрамонони дӯстдоштаи шоир Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва дигарон мебинем, ки аз хурдӣ дар ҳамин рӯҳия тарбия ёфтаанд. Масалан, дар «Боби фиристодани Кайхусрав Рустамро ба замини Ҳинд», андарзҳои Кайхусравро ба Рустам ҳамчун далоили сифатҳои ахлоқӣ ва хиради инсонӣ дармеёбем, ки инъикосгари хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва тарҳи як нақшаи таълимӣ ва тарбиявӣ бар заминаи тахаллуқи инсони худогоҳ мебошанд, ба мушоҳида мегирем:

Нахустин ба нармӣ суханҳӯй бош,
Ба доду ба кӯшиш бо хӯй бош.
Чу корат ба нармӣ нагардад накӯй,
Дурушти кун он гоҳу пас разм ҷӯй.
Ҳама корҳоро саранҷом бин,
Чу бадхоҳ кина ниҳад, дом бин.
Манеҳ нав раҳе, к-он на оин бувад,
Ки то монад ӯ бар ту нафрин бувад.
Дари дод бар додхоҳон мабанд,
Зи савганд магзар, нигаҳ дор панд.
Чу некӣ намояд-т кайҳонхудой,
Ту бо ҳар касе низ некӣ намой [15, с.406].

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» шоҳи идеалии халқпарвар, яъне хирадмандро ситоиш намудааст, ки дорои сифатҳои неки ахлоқӣ буда, ҳамеша дар ғами халқ ҳастанд ва инсондӯсту раиятпарваранду ҳама вақт дарвешону бенавоёнро

пуштибонӣ мекунанд. Албатта, на дар замони Фирдавсӣ ва на баъди ӯ чунин подшоҳон набуданд, балки ин танҳо орзӯи вай аст. Ба ақидаи Фирдавсӣ, шоҳони хирадманд бояд дорои сифатҳои ахлоқии зиёд, аз ҷумла, ростӣ, адолатпарварӣ, инсондӯстӣ, некӣ, ватандӯстӣ ва ғайра бошанд. Бидуни ин сифатҳои ахлоқӣ Фирдавсӣ шоҳи хирадмандро тасаввур карда наметавонад ва ситоиши ин гуна шоҳонро низ барои фардоиён ҳамчун намунаи идеалӣ аз назаргоҳи хеш ба намо мегузорад, то намунаи ибрат бошанд, зеро ин «сарои сипанҷ» ба кас боқӣ намемонад:

Наёзурд бояд касеро ба роҳ,
Чунин аст оини тахту кулоҳ.
Кишоварз ё мардуми пешавр,
Касе к-ӯ ба размат мабандад камар.
Набояд, ки бар кас вазад боди сард,
Макӯшед ҷуз бо каси ҳамнавард.
Набояд намудан ба беранҷ ранҷ,
Ки бар кас намонад сарои сипанҷ [15, с.412].

Бо сурудани чунин абёт, Фирдавсӣ шоҳони замони худро, ки ба ҷангу лашкаркашӣ ва куштору ғорат даст мезаданд, мазаммату танбеҳ дода, онҳоро ба тариқи андарзгӯӣ ва таълими ахлоқӣ ба некиву ҳақиқатҷӯӣ, росткорӣ, ғамхорӣ, бохабарӣ аз ҳоли раият ва эҳтироми инсон даъват намудааст. Чунон ки мегӯяд:

Ту рав, тахти шоҳӣ ба оин бидор,
Ба гетӣ ҷуз аз тухми некӣ макор [17, с.474].

Фирдавсӣ шоҳони идеалии хирадманд ва шоёни таблиғро ситоиш намуда, шоҳони бехираду ситампеша, кӯтоҳақлро ба ин васила панди таълим медиҳад. Анъанаи некӣ ва инсонпарвариро тарғиб намуда, шоҳони золиму ситамкорро аз сазои оқибат ва ҷазои қазову қадар огоҳ дода мегӯяд, ки онҳоро баъди марг касе ба некӣ ёд нахоҳад кард:

Ситоиш набурд он, ки бедод буд,
Ба тахту ба ганҷи меҳӣ шод буд.
Гусаста шуд андар ҷаҳон коми ӯй,
Нахонад ба гетӣ касе номи ӯй [19, с.171].

Фирдавсӣ некию некӯкориро аз беҳтарин сифатҳои шахси хирадманд дониста, бадкирдорон ва бадрафто-ронро ба тухми деву дад ташбеҳ медиҳад ва онҳоро дур аз сифоти одамӣ мешуморад ва ба тариқи накӯҳиши ин тоифаи сифлатабъ таълиму тарбияи дигарон, яъне насли ояндаро ба роҳ мемонад:

Ҳар он к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш з-одамӣ [16, с.283].

Бояд гуфт, ки ҷаҳонбинии Фирдавсӣ таҳти таъсири афкори динию фалсафии ислом ташаккул ёфта буд. Зеро замони ҳаёту фаъолияти вай дар замони паҳншавии дини ислом гузашта буд ва ақидаҳои ахлоқию эстетикии вай аз сарчашмаи ахлоқи исломӣ об мехӯранд. Ӯ Худои яккаву ягонаро эътироф карда, мепарастад ва дар пайи ситоишҳои худ шоҳону амалдорон ва сарватмандони даврро аз гирифтории оқибат бар хашму ғазаби илоҳӣ нисбати зулму бедодӣ огоҳ медиҳад ва таъкид мекунад, ки бояд амалдорони забардаст одил, инсондӯст, накӯкор, ҳоҷатбарори мардуми хеш бошанд, то ки рӯзи ҷазо ба ғазаби «додгар», «додситон», «Яздони пок», яъне илоҳӣ гирифтор нашаванд:

Касе, к-ӯ ба ҷангат мабандад миён,

Чунон соз, к-аз ту набинад зиён.
Ки напсандад аз мо бадӣ додгар,
Сипанҷ аст гетиву мо баргузар [17, с.16].

Ё ки:

Пас аз марг нафрин бувад бар касе,
К-аз ӯ номи зиштӣ бимонад басе [17, с.96].

Фирдавсӣ, ки худ шахсияти бузургу хирадманд ва инсондӯст буд, таълим медиҳад, ки дар аснои ҷанг ҳам ба асирон бояд тараҳҳум намуд. Ҳатто душмане, ки асир афтодааст, мутобиқи таълимоти футувватпешагӣ ва хирадмандӣ набояд аз зиндагӣ маҳрум сохт ва дар ин кор шитоб кардан нашояд, ки аз пешаи хирадмандон нест, зеро зиндагӣ худаш омӯзгор аст. Агар сабру таҳаммул ғолиб ояд, шояд рӯзе боди хирад бар дилат барвазад ва ӯро афв фармоӣ:

Сареро, ки бошӣ бад-ӯ подшо,
Ба тезӣ буридан набошад раво.
Ба бандаш ҳаме дор, то рӯзгор,
Бар ин мартуро бошад омӯзгор.
Чу боди хирад бар дилат барвазад,
Аз он пас варо сар буридан сазад [15, с.211].

Чунон ки дар гуфтаҳои фавқ зикр намудем, одами бехирад, яъне шахси бетарбият ва бадтинат дар натиҷаи рафтору пиндори бади худ ҳеҷ гоҳ ба рӯзи нек расида наметавонад ва номи бадаш ӯро дар оқибат беобрӯю шармсор мегардонад:

Бипарҳез, то бад нагардад-т ном,
Ки бадном гетӣ набинад ба ком [19, с.294].

Мутобиқи андарзномаҳои Фирдавсӣ дар зиндагӣ муқобили нерӯи хираду қувваи некӣ ва хирадмандону некӯкорон ҳамеша қувваи бадӣ ва тоифаи бадсириштону бехирадон қарор доранд. Аз ин рӯ, вақте ки шоир хираду некӣ, инсондӯстӣ, ҳақиқату ростӣ, сулҳу дӯстиро тараннум мекунад, бадию бадкирдорӣ, дурӯғгӯию зиштӣ, зулму истибдод ва дигар сифатҳои бади ахлоқиро, ки дар ҳама давру замон арзи вуҷуд мекунанд, мазаммат менамояд. Шоир оқибати чунин падидаҳоро ба таҳлил гирифта, башариятро ба ройу роҳи росту дуруст ҳидоят мекунад:

Макун бад, ки бинӣ ба фарҷом бад,
Зид бад гардад андар ҷаҳон ном бад *[17, с.411]*.

Ё ки:

Чӣ ҷӯӣ, бидонӣ, ки аз кори бад,
Ба фарҷом бар бадкуниш бад расад?*[17, с.410]*.

Мазаммати бадиро идома дода, Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки одам пеш аз ба касе бадӣ раво дидан, бояд нахуст рӯ бар Худо оварад, аз «Яздони пок» ёд карда, бо тавбаву талаби омурзиш рӯй ба хирад ва адлу дод биёрад ва сар аз кирдори бад печад. Зеро худотарсӣ ва худоҷӯӣ аз сифоти муҳимми ахлоқии шахси хирадманд ба шумор мераванд:

Ҳар он гаҳ, к-ат омад ба бад дастрас,
Зи Яздон битарсу макун бад ба кас *[15, с.445]*.

Аз назари Фирдавсӣ хусусиятҳои манфури ахлоқӣ, пеш аз ҳама ба худи шахс зарар оварда, ӯро хору залил мекунанд ва подоши бадӣ ба худаш мерасад. Айни чунин таълимот дар ҳама давру замон муфид буда, метавон тамоми гуфтаҳои Фирдавсиро дар зимни некӯхисолӣ ва хирадмандӣ дар замони муосир низ

ҳамчун дастури ҳидоятгарона ва таълимӣ мавриди истифодаи толибилмон қарор дод:

Бад омад зи рӯяш зи гуфтори бад,
Бад ояд ба марди бад аз кори бад *[15, с.193]*.

Дар идомаи фикр бояд таъкид кард, ки дар шахс пайдо шудани хислатҳои зишти ахлоқиро Фирдавсӣ омили ирсӣ медонад. Ӯ муъталқид аст, ки гӯё дар бунёди ҳар як шахс аз рӯзи азал ба таври ирсӣ «гавҳар»-и бадӣ ё некӣ нуҳуфта шудааст:

Ту донӣ, ки ӯро зи бад гавҳар аст,
Ҳамон баднажод асту афсунгар аст *[15, с.383]*.

Чунин сурат гирифтани сарнавишти инсон ба ақидаи Фирдавсӣ азалӣ аст ва кӯшиши ислоҳи бехирадон ва бадсириштон, ки агар ба худсозӣ ва худшиносӣ нагироянд, носудманд ва беҳуда аст:

Бикӯшему аз кӯшиши мо чӣ суд,
К-аз огоз буду он чи боист буд [15, с.408].

Аммо педагогикаи муосир ақидаи ислоҳнопазирии шахсиятҳои ахлоқан бадро инкор намуда, таъкид бар он дорад, ки шахсиятҳои бадахлоқ, бехирад ва душвортарбияро бо роҳи таълимоти махсус метавон ислоҳ ва ба роҳи рост ҳидоят кард. Оид ба ин масъала дар педагогикаи муосир садҳо асарҳо ва мақолаҳо навишта шудаанд, чунон ки дар амри дигар тағйири хулқи инсон ба саъйу кӯшиши ҳар шахс низ вобастагӣ дорад, ки метавонад дар натиҷаи саҳмгирӣ ва талошҳои муъталқидонаи хеш худро такмил диҳад.

Фирдавсӣ дурушти, тундхӯй, гуфтори бад, бетаҳаммулӣ ва хислатҳои зишти инсонро номбар карда, аз онҳо парҳез намуданро панд медиҳад, ки педагогикаи муосир низ бар ин асос ҳамназар аст. Ӯ гаштаю баргашта мегӯяд, ки чун имкони сухани нарм гуфтан бошад, чаро лабу даҳони худро бо гуфтори сард олуда созем?:

Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,
Маёлой лабро ба гуфтори сард [15, с.426].

Фирдавсӣ яке аз хислатҳои неки ахлоқии шахсиятро дар эҳтироми падару модар дониста, таъкид мекунад, ки фарзанд бояд ҳамеша иззату эҳтироми волидайнро ба ҷой оварад. Зеро, волидайн аввалин шахсонеанд, ки ба фарзанд дар рафти таълиму тарбия олами ниҳонро ошкор месозанд ва аввалин одату малакаҳои рафторро дар онҳо ташаккул медиҳанд. Ва дар ин миён, албатта самимият ва муҳаббати тарафайн бояд ҳамеша зоҳир гардад, чунон ки ин иртиботи ахлоқӣ метавонад дар ташаккули шахсияти фарзандон саҳмгир бошад:

Чу фармонпазиранда бошад писар,
Навозанда бояд, ки бошад падар [20, с.174].

Вобаста ба мавзӯъ бояд гуфт, ки тарбияи фарзанд, минҷумла наврасону ҷавонон дар мавриди эҳтироми падару модар муроҷиат ҳамеша ва дар ҳама вазъият метавонад аз муносиботи тарафайн рӯ гирад ва ибрати таълиму тарбияи ҷомеа гардад:

Шабу рӯз чун ҷон гиромиш дор,
Ки чун ҷон бипарвардат андар канор [20, с.278].

Вале, агар фарзанд аз садоқат ва самимият дур монад, мутобиқи натиҷагириҳои Фирдавсӣ ба коҳилӣ мегирояд ва бо гузашти замон мушкилтарбия мегардад. Ӯ дар «Шоҳнома» сифатҳои баддилӣ ва танпарвариро

маҳкум намуда, одамонро ба меҳнату меҳнатдӯстӣ ва худшиносиву худсозӣ даъват намудааст:

Ҳама коҳилии кас аз баддилист,
Ҳамовоз бо баддилӣ – коҳилист.

Дар ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ масъалаи омӯхтани касбу ҳунар низ чун сифати хирадмандӣ мавқеи чашмрас дорад. Ба ақидаи ӯ аз худ намудани касбу ҳунар сарчашмаи хушбахтии одамон аст. Бинобар ин, ӯ ба насли башарият муроҷиат намуда, ҳунаромӯзиро ҳамчун моияи сарфарозии инсон таблиғ карда, мегӯяд:

Ҳунар ҷӯю бо марди доно нишин,
Чу мо хоҳӣ ёбӣ зи бахт офарин [3, с.34].

Воқеан, «Шоҳнома» қомусест, ки оид ба самтҳои гуногуни тарбияи шахсият ва ҳамбастагии инсон бо табиату ҷамъият баҳс мекунад. Ба қавли адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмадов «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ на танҳо асари сиёсӣ, ахлоқию фалсафӣ ва қиссаву ривоёту панду андарзҳои ҳакимона аст, балки хазинаи пурбори сухани нобу ширини форсии тоҷикӣ ҳам ба шумор меравад [10, с.37].

Фирдавсӣ одамонеро, ки корашон дигару гуфторашон дигар аст, сарзаниш намуда, мардумро ба ростқавливу матонат даъват мекунад:

Дилат бо забон ҳеҷ ҳамсоя нест,
Равони туро аз хирад моя нест [17, с.103].

Дар баробари ин, ҳушдор медиҳад, ки аз инсони бехирад дур бояд буд, зеро дар некномии дигарон ба занну шакку гумон мебинад:

Касеро, ки аз бун набошад хирад,
Гумон бар ту бар меҳрубонӣ барад [17, с.103].

Тавре ки аз мазмуни ин байт дармеёбем, Фирдавсӣ тарбияи хирадмандро аз хурдӣ тавсия медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки шахсе, ки аз тифлӣ тарбияи ҳамаҷониба нагирифта бошад, гумон аст, ки баъди бузург шудан ба роҳи рост дарояд.

Ба ҳар ҳол, ақидаи Фирдавсӣ дар мавриди дар оила аз синни тифлӣ шурӯъ намудани тарбияи кӯдак дуруст аст ва ин амалкард ба таълимоти педагогикаи замони муосир низ мувофиқ аст. Чунки бо гузаштани вақт агар кору аъмоли бади кӯдак инкишоф ёфта, ӯ ба аъмоли хеш хӯ гирад, аз одат даст кашиданаш душвор мегардад. Аз ин лиҳоз, чунин назарияи таълимотии Фирдавсӣ метавонад дар ҳама давру замон шоистаи таҳсин ва омӯзиш қарор дошта бошад.

Чунон ки аз таҳлил ва таҳқиқи афкори педагогӣ ва ахлоқии Фирдавсӣ бармеояд, ақидаҳои маорифпарваронаи ӯ ҳанӯз дар замони ҳаёт буданаш дар миёни мардумони мазҳабу миллатҳои гуногун шуҳрат дошт. Хосса, шахсияти Фирдавсӣ ва мазмуну мундариҷаи «Шоҳнома»-и ӯ баъдҳо манбаи илҳом ва сарчашмаи эҷодиёти олимону шоирони Шарқу Ғарб гашта, ба инкишофи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои минбаъда таъсири амиқ гузошта аст.

Умуман, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» афкори пандомези фаровонеро арза дошта, дар тахаллуқи башарият тарбия намудани хусусиятҳои маърифатӣ, аз қабили соҳиб шудан ба илму дониш, ҳунар ва монанди инҳоро ба як ҳиссиёти баланд тарғиб кардааст ва гуфтан ба маврид аст, ки андарзномаи ин мутафаккири бузург дар боби таълимоти худшиносӣ ва такомули шахсияти фарзандон ҳеҷ гоҳ қимати тарбиявии худро барои оилаи муосир ва тарбияи шахсият аз даст нахоҳад дод.

Адабиёт

1. Афзалов Х. Школа и педагогическая мысль в Иране в конце XIX- начале XX вв. [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 232 с.
2. Бобоев Қ. Таърих дар Шоҳнома [Матн] /Қ. Бобоев // Илм ва ҳаёт. – 1993. – № 9-12. – С.15.
3. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи [Текст] /Пер. с англ. М.М. Стеблин- Каменского. – М.: Наука, 1987. – 393 с.
4. Гафуров Б.Г. Тоҷикон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 416 с.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2006. – 24 с.
6. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2016. – 135 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Манбаи электронӣ].- Низоми дастрасӣ: www. mmk.tj.
8. Концепция таджикской национальной школы [Текст] //Омӯзгор – 1993. – 3 ноябр.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www. mmk.tj
10. Муллоаҳмадов М. Зи Фирдавсӣ акнун сухан ёд гир[Матн] //М аърифат. – 1994. –№ 7-8. – С. 37.
11. Сад панди Фирдавсӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 96 с.
12. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳри Душанбе, 30.08.2016 (Манбаи электронӣ]: Низоми дастрасӣ: www.president.tj.
13. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – 478 с.
14. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.2. – 319 с.
15. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.3. –527 с.
16. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4. – 406 с.
17. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.5. – 491 с.
18. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.6. –551 с.
19. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. – 651 с.
20. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8– 612 с.
21. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд /А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – Ҷ.9 – 495 с

ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Давлатова Ҷаъмагул Сайфудиновна *- унвонҷӯи кафедраи педагогика, психология ва методикаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел. моб.: (+992) 904 40 23 33, E-mail: chamagul.davlatova@mail.ru*

Дар мақола доир ба тарбияи зебоипарастии наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Муаллиф таъкид намудааст, ки тарбияи зебоипарастӣ аз рӯзи таваллуд кудак, боғчаи бачагона ва таъсири муҳит сарчашма мегирад. Муаллиф қайд намудааст, ки нақши муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар тарбияи зебоипарастии шахс аҳамияти калон дорад. Ба ақидаи муаллиф муассисаҳои томактабӣ омили муҳимтарини ташаккули шахсият ва асоси пойдории ҳаёти минбаъдаи кудак мебошад.

Вожаҳои калидӣ: *кӯдакон, таълим, тарбия, муассисаҳои томактабӣ, фаъолият, волидон.*

ЭСТЕТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ И ЕГО РОЛЬ В ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Давлатова Джаъмагул Сайфудиновна *- соискатель кафедры педагогики, психологи и методики Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 904 40 2333*

В статье рассказывается о воспитании чувства прекрасного у подростков в Республике Таджикистан. Автор говорит, что воспитание чувства прекрасного начинается с рождения ребенка, в детском саду и под влиянием общества. Автором подчеркивается, что за воспитание прекрасного и яркого человека несут ответственность все общественные и государственные учреждения. Дошкольное образование, по мнению автора, является важнейшим элементом формирования личности и прочной основой обучения в дальнейшей жизни ребенка.

Ключевые слова: *дети, образование, воспитание, дошкольные учреждения, деятельность, родители.*

AESTHETIC EDUCATION AND ITS ROLE IN PRESCHOOL INSTITUTIONS

Davlatova Jamagul Saifudinovna *- researcher of the Pedagogy, Psychology and Methodology chair of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, tel.: (+992) 904 40 23 33, E-mail: chamagul.davlatova@mail.ru*

The article describes the education of a sense of beauty in adolescents in the Republic of Tajikistan. The author says that the education of the sense of beauty begins with the birth of a child, in kindergarten and under the influence of society. The author emphasizes that all public and state institutions are responsible for the

education of a beautiful and bright person. Pre-school education, according to the author, is an important element of personality formation and a solid Foundation for learning in the future life of the child.

Keywords: *children, education, upbringing, preschool institutions, activity, parents.*

Тарбия ҳамчун яке аз категорияҳои илми педагогика, ҳамзамон дар радифи наслият (ирсият) ва муҳит яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсият ба шумор меравад. Тарбия падидаи иҷтимоӣ буда, ҳанӯз аз давраи обшинаи ибтидоӣ ва умуман метавон гуфт, ки аз замони пайдоиши одам дар рӯи олам ба вуҷуд омадааст. Имрӯзҳо дар шаклҳои гуногун, ҳамчунин бо истифода аз воситаҳои мухталиф тадбиқ мегардад. Тарбия ҳодисаи табии буда, инсон ҳанӯз аз лаҳзаи таваллуд то лаҳзаҳои охири умр ба он эҳтиёҷ дошта, бидуни он наметавонад комил гардад. Илова бар ин, инсон маҳз туфайли тарбия ба хислатҳои инсонӣ соҳиб гашта, «ба гули табиат» ва аз шахс ба шахсият табдил меёбад. Маҳз тарбия ҳар як инсонро воқеан ҳамчун инсон миёни дигарон муаррифӣ менамояд.Умуман, тарбия гирифтан таҷозои табиатию иҷтимоии инсон буда, танҳо ба ӯ хос мебошад.

Имрӯз, беш аз пеш маълуми ҳамагон мегардад, ки нақши муассисаҳои томактабӣ дар тарбияи ахлоқию зебоипарастии наврасон чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат муассисаҳои томактабӣ ва муҳасилини он ба ташаккули афкори зебоиандешӣ ва зебоибинии кӯдакон таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Воқеан, боғчаҳои бачагона ягона ниҳоде мебошанд, ки таҳкурсии тарбияи наврас пас аз оила аз он шурӯъ мегардад. Бояд фаъолияташон онқадар диққатҷалбкунанда бошад, ки кӯдак диққаташро ҳамеша бар он равона созад. Зеро маҳз таъсири ин даргоҳ дар табияи фарзанд нақши асосиро мебозад. Он метавонад кӯдакро хуб тарбия намуда, ба як шахсияти ҷасур, муваффақ, зебопараст ва хушбин табдил диҳад ё баракс... Чуноне, ки Де израилӣ мегӯяд: “Мардони муаваффақи имрӯз кӯдакони ҷасури дирӯз ҳастан” [1, 142]. Дар ҳақиқатан ҳам мардоне, ки дар зиндагии ҳаррӯза муваффақ ҳастанд, бе шаку шубҳа кӯдакони бо ҷасорат тарбият намуда ва ба воя расонидаи дирӯза мебошанд.

Таълиму тарбияи томактабӣ заминаи муҳимтарини ташаккули шахсият ва таҳкурсии устувори омӯзиш буда, ҳамчун баёнгари самти дастовардҳои кӯдакон дар фаъолияти ояндаи онҳо мебошад. Дар марҳилаи ҳозира омода намудани кӯдакон ба мактаб масъалаи муҳим ба шумор меравад ва дурнамои рушди мактаб аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин масъала вобаста аст. Зеро таҳкурсии асосии кӯдак аз муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ сурат мегирад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз замони пайдоиш ва омӯзиши он нишон дод, ки ҷомеа, падару модар ба ташкили мактабҳо эҳтиёҷоти зиёд доранд ва зарур шуд, ки ин марказҳо кушода шаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус чунин менигорад: “Мо итминони комил дорем, ки шинохти дирӯзу имрӯзу фардо, ифтихор аз ваҳдату давлатдории миллӣ ва ғамхори кардан дар ҳаққи кӯдакону насли солиму созанда мардуми моро ба соҳили мурод мерасонад”, [6]. Воқеан ҳам имрӯз бо ташкили муассисаҳои томактабӣ ва мактабии замонавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир барои пешрафти дилхоҳ соҳа дар оянда таъсири худро бевосита мегузорад. Ин даргоҳи муқаддас аввалин таҳкурсии мутахассисони ояндаи

кишварро мегузоранд. Ҳаминро ба назар гирифта ҳукумати кишвар дар ин самт тамоми сайъи хешро равона мекунад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон маҳорату дониш ва муносибатҳои муҳимро аз худ мекунанд, ки ба қобилияти омӯзиш, инкишофи шахсӣ, муносибат бо дигарон ва рафтор дар ҷомеа таъсир мерасонанд. Кӯдакон дар ин ҷо ба маҳорату истеъдоди баланди мураббиён ба таълим фаро гирифта шуда, дар сину соли худ мебояд комилан ташаккул ёбанд. Муассисаҳои томактабӣ дар рушди зеҳнӣ ва тарбияи шахсият дар сиришти атфол нақши муҳим дошта, фаъолияти самаранокии онҳо ба ояндаи кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Зеро дар он кӯдак ба тариқи бозӣ аз мураббия муошират муомила ва рафтору кирдори волои инсониро меомӯзад. Равоншиносон ва коршиносони соҳа бар ин назаранд, ки: «Ташаккули тафаккури кӯдакон дар ин муассисаҳои таълимӣ бештар рушду тавсеа меёбанд. Дар ин замина зикр намудан ба маврид аст, ки кӯдаки дар боғчаи кӯдакон тарбияёфта дар бораи муҳите, ки ӯро иҳота намудааст, бештар маълумот пайдо мекунад. Муоширатро меомӯзад ва аллакай ӯ қобилияти мустақилона фикр кардану мақсад гузоштанро дорад. Яъне, рушди зеҳнӣ ва инкишофи онҳо нисбатан фаъол мебошад» [2, 7].

Тозагию озодагӣ аз омилҳои муҳими тарбияи зебоипарастӣ буда, он аз муносибатҳои ҳамарӯзаи волидон дар хона, омӯзгор дар мактаб, байни калонсолон дар кӯчаю ҷойҳои ҷамъиятӣ оғоз меёбад.

Дар хонадоне, ки калонсолон ба ашёҳо дилгармона муносибат карда, ба ҷобаҷогузории онҳо аҳамият медиҳанд, наврасони хонаро бетараф намегузорад. «Оила нахустин ниҳоди иҷтимоие аст, ки инсон дар он пой ба зиндагӣ мегузорад ва аввалин пояҳои таълим ва тарбия дар он гузошта мешавад» [1, 92.]. Аммо набояд фаромӯш кард, ки то инсон худаш кӯшиш накунад, падару модар наметавонанд аз ӯ шахси ботамкин, бомаърифат, инсондӯст, зебопараст ва амсоли инҳо созад. Ҳар як шахс ба хотири шахсе шудану ба ҷое расидан бояд худаш бикӯшад. Тавре Абраҳам Мазило мегӯяд: «Падару модар наметавонанд аз фарзандони худ чизе бисозанд, ин бачаҳо ҳастанд, ки хештанро месозанд» [1, 204]. Воқеан ҳам барҳақ аст, зеро чӣ хеле ки мегӯянд, қарсак аз ду ҷониб мешавад. Вақте, ки волидон кӯшиш мекунанду фарзанд хоҳиши кӯшиши онҳоро қабул кардан надорад, он ҳама кӯшишҳо бенатиҷа анҷом меёбанд.

Набояд фаромӯш кард, ки хона мактабест, бача шунидаю дидаашро қабул мекунад. Некро нек мебинаду, бадро бад. Солорони хонаро лозим аст, ки ба сухан гуфтани хурдсолон, муносибати онҳо ба ҳайвонот, растаниҳои боғ аҳамият диҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар хона ба тарбия бештари вақт модарон машғуланд. Ҳисси тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ аз амалҳои ҳамидаи модар сар шуда, минбаъд ташаккул меёбад. Аз ҳамин хотир модаронро зарур аст, ки бо хурдтаракону наврасони хона хушмуомила, хушгуфтор ва ҳалим бошанд. «Як модари хуб ба сад устод ва омӯзгор меарзад», гуфтааст Ҷорҷ Ҳерберт [1, 203]. Воқеан ҳам модарон асоси тарбияи фарзанд дар зиндагии рӯзмара ба ҳисоб мераванд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки муҳити атроф ва шахсоне, ки дар ҷамъият фаъолият менамоянд, ҳамчунон дар тарбияи кӯдакону наврасон саҳмгузоранд. Мисол, наврас чизе аз калонсолони хонавода ё ҳамсояву аз кӯча шунавад, ҳамонро ба худ қабул мекунад. Яъне, ҳалим бошад, ҳалим, тунд бошад, тунд ва зишт бошад, зишт.

Вазифа ва мазмуни нормаҳои ахлоқ дар тарбия аз он иборат аст, ки кӯдаконро муттасил дар рӯҳи ватандӯстӣ - башардӯстӣ, миллатдустӣ тарбия

намоем. Ба амал баровардани принсипҳои ахлоқӣ дар асоси талабҳои ҷамъиятӣ моро вазифадор менамояд, ки раванди ташаккули рафтору кирдори кӯдакон дар заминаи коллективизм- ёрии ҳамдигарии рафиқона такомул ёбад.

Тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълим ба таври стихиявӣ не, балки бо тамоми тарзи зиндагии ҷамъият, кори босуботи омӯзгорон ва падару модарон ба даст оварда мешавад. Вазифаи муҳими мураббиён ва падару модарон дар тарбияи ахлоқии хонандагон аз он иборат аст, ки ҳисси садоқат ба халқу ватан, дӯст доштани аҳли меҳнат, тайёр будан ба корнамоию фидокориҳо дар онҳо мунтазам талқин карда шавад.

Омилҳои таъсири тарбияро дар ду ҳолат мушоҳида кардан мумкин аст. Аввалан, онҳо аз таҷрибаи ҳаёт гирифта мешаванд, ки ба он оила аҳли ҷамъият коллективи хонандагон ва муҳити зист дохил мегарданд. Омили дуюм, тарбияи муассисаҳои томактабию мактабӣ аст, ки он бевосита аз рӯи нақшаву барномаи муқарраршуда таъсири тарбиявии худро мегузаронад. Дар олами маънавии ҳаёти ҷавонон на ҳама вақт хислатҳои нек аз бад фарқ карда мешавад, дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ботамкинӣ, худдорӣ, қавиирадагӣ барин сифатҳои ахлоқиро ба онҳо хотирасон намудан зарур аст. Маънои некӣ ва бадиро на ҳама дуруст мефаҳманд. Ба ҳамин хотир ба кӯдакон фарқи некию бадиро аз хурдсоли омӯзонидан лозим то дар ҷавониашон онро дар зиндагии рӯзъмара истифода баранд. Меҳнатдӯст, инсондӯст ва оқилу кордон будани онҳо низ маҳз аз кӯдакӣ замина мегирад.

